# ҲИКОЯҲО АЗ ТАЪРИХ

***Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ***

***Нашри 2-юм***

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ кардааст*

***Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чўлпон***
***Тошканд – 2015***

УЎК: 372.893=222.8(075)
КВК 63.3(5Тож)я72
Ч 88

**Муаллифон:**
**У. Ҷўраев, Қ. Усмонов, А. Норқулов, Г. Ҷўраева**

*Сохти услубии китоби дарсӣ аз тарафи* ***Г. Ҷўраева*** *таҳия шудааст.*

**Муҳаррири масъул:**

***Ў. Мавлонов*** *– мудири кафедраи асосҳои маънавияти Донишкадаи бозомўзӣ ва такмили ихтисоси кормандони таълими халқ ба номи Авлонӣ, доктори илмҳои таърих.*

**Тақризчиён:**
***А.Ҳазратқулов*** *– доктори илмҳои таърих;*
***Ш. Эргашев*** *– номзади илмҳои таърих;*
***А. Хидиров*** *– омўзгори калони кафедраи таърихи Ўзбекистони Донишгоҳи миллии Ўзбекистон.*

## Аломатҳои шартӣ

***Худатонро санҷед.***

***Матнро хонда, фаҳмида дарк кунед.***

***Шахсони таърихӣ, ҷойҳо ва истилоҳҳоро дониста гиред.***

***Саволҳо барои санҷидани донишатон оид ба мавзўъ.***

**«Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст».**

ISBN 978-9943-05-741-8

**© У. Ҷўраев ва диг., с. 2015**
**© ХЭТН ба номи Чўлпон, с. 2015**



## САРСУХАН: БЕ ХОТИРАИ ТАЪРИХӢ ОЯНДА НАХОҲАД БУД

**Таърифи Ватан:** Ватан! Дар зери ин калима олам-олам маъно ниҳон аст. Ватан-кишвари азиз, мӯътабар ва муқаддас аст.

**Дар ёд доред!**

«Ватан» калимаи арабӣ буда, маънои кишвари аҷдодиро дорад.

Ватан ҷоест, ки дар он таваллуд шудаем. Хокест, ки хуни нофамон рехтааст. Ватан гаҳвораи тиллоист. Заминест, ки бо падару модаронамон, хешу ақрабо ва дӯстонамон якҷоя зиндагӣ мекунем. Заминест, ки изи аҷдодон боқӣ мондааст. Кишвари бобоиамон аст, Ватан гавҳарест дар қалби ҳар кадоми мо.

Ватан шаҳр ва деҳаи азизатон мебошад. Қалби инсон, орзуву умеди он, шодию сурураш ва ояндааш бо Ватан зич пайваст аст.

Калимаи муқаддаси «Ватан» бо калимаи мўътабари «Модар» ҳамеша ҳаммаъно аст. Зеро мисли он, ки ҳар як инсон як модар дорад, Ватан ҳам яктост.

Шумо дар кинофилмҳо дидаед, ки шахси ба муддати тўлонӣ аз Ватан ба кишварҳои хориҷа рафтагӣ баъди бозгашт аз самолёт ё поезд поин омада, бо зону нишаста, хоки Модар-Ватанро ба чашм тўтиё менамояд. Ин манзара аз муҳаббати онҳо ба Ватан, чун саҷдагоҳ будани Ватан сухан мегўяд.

**Ўзбекистон Ватани мост.** Ўзбекистон дар замони мозӣ номи Тўрон, Мовароуннаҳр ва Туркистонро дошт. Дар давоми ҳазорсолаҳо дар ҳудуди кишвари мо инсонҳои мансуб ба динҳо ва маданиятҳои гуногун дар муҳити сулҳу оромиш зиндагӣ карда омадаанд. Диёрамон бо табиати зебо, хоки ҳосилхез, сарвати бепоёнаш таваҷҷўҳи ҳамешагии ҳамаро ҷалб карда омадааст.

*Бўстони хубу бемисл аст он,*
*Гулситони нақши садҳо достон.*
*Ўзбекистон ном дорад ин чаман,*
*Мардумаш хонад бамеҳр онро Ватан.*
*(Ҳ. Олимҷон, тарҷимаи Паймон)*

Ҳатто ононе, ки Ватани моро забт карда буданд, ба маданияти бои халқамон офарида қоил мондаанд. Айнан дар ин сарзамин дар тўли асрҳо маданиятҳои дунё якдигарро ғанӣ намудаанд.

Ватани мо дорои таърихи қариб сеҳазорсола аст. Дар байни асрҳо аз кишвари мо алломаҳо, донишмандоне баромадаанд, ки ба инкишофи илму фанни ҷаҳонӣ саҳми беназир гузоштаанд. Шумо-донишмомўзони азизояндаи Ватанамон-Ўзбекистон мебошед. Ўзбекистон барои ба давлати мутараққии дунё табдил ёфтан мекўшад.

Барои ҷомаи амал пўшидани ин мақсади наҷиб Ватанамон бовар дорад, шумоён фарзандони муносиб шуда, камол меёбед ва ҳама ба шумоён ҳавас хоҳанд кард.

**«Бе хотираи таърихӣ оянда нахоҳад буд».** Қувваҳои зўровар ҳангоми забту мутеъ гардонидани ҳар гуна халқе пеш аз ҳама ҳаракат мекунанд арзишҳои миллӣ, таърих ва маънавияти халқеро, ки онҳо сарвати

бебаҳо ҳастанд, нобуд созанд. Сарвари кишварамон Ислом Каримов дар китобаш «Маънавияти воло-қувваи шикастнопазир» беҳуда нагуфтааст: «Миллате, ки таърихи худро намедонад, рӯзгори мозиашро фаромӯш кардааст, оянда нахоҳад дошт». Ин суханони ҳикматангезе, ки аз тарафи мӯҳтарам Президентамон Ислом Каримов гуфта шудааст, шумоёнро ба пухта омӯхтани таърихи Ватанамон даъват менамояд.

Гузаштаи Ватанамон бузург буд,ояндаи он низ бузург хоҳад буд. Чигунагии ин бузургиро дар гузашта ва дар оянда амалӣ шудани бунёдкориҳои бузургро шумо марҳала ба марҳала аз фанни таърих донистa мегиред.

**Кор бо китоби дарсии «Ҳикояҳо аз таърих».** Китоби дарсие, ки дар дастатон ҳаст, шуморо ба сайри олами пурасрори таърих мебарад. Шумо пеш аз омӯхтани мавзӯъ ба сарлавҳаи он эътибор диҳед.

Барои дар хотир доштани навиштаҳое, ки дар чоркунҷаи *«Дар ёд доред»* ҳаст, кӯшиш намоед.

Супориши *«Инро бодиққат хонед»* Шуморо ба бодиққат хондани матни дохили чоркунҷа даъват мекунад. Матнро хонда, оиди мазмуни он мулоҳиза кунед.

Супориши *«Худатонро санҷед»* барои аз ҷониби Шумо мустаҳкам намудани дониши гирифтаатон хизмат мекунад.

Аз супориши барои *«Кори мустақилона»* додашудаи китоби дарсӣ ба чигунагии мақсадатон эътибор диҳед.

Фаромӯш накунед, ки кори мустақилона оинаи дониши аз бар намудаатон аст.

Супориши *«Мазмуни истилоҳҳоро донистa гиред»*-ро алоҳида таъкид карданӣ ҳастем. Зеро фанни таърих ҳам истилоҳҳои хос дорад. Истифодаи онҳо зарурати ҳатмист. Вазифаи шумо пухта донистани номи истилоҳ ва мазмуни он аст.

Қисми *«Савол ва супоришҳо»*-и китоби дарсӣ Шуморо барои то дарси оянда ба чиҳо эътибор доданатонро тақозо мекунад.

Китоби дарсиро эҳтиёт кунед. Зеро, баъд аз шумо аз он додарону хоҳарони шумо истифода мебаранд.

Аз ёд набароред, ки ин яке аз вазифаҳои донишомӯзии шумост.

### Савол ва супоришҳо

1. *Ба мафҳуми «Ватан» таъриф диҳед. Шумо ба таърифе, ки дар китоби дарсӣ ҳаст, чиҳоро илова мекардед?*
2. *Дар бораи мазмуни суханони ҳикматноки «Бе хотираи таърихӣ оянда нахоҳад буд» чиҳо гуфта метавонед?*
3. *Дар бораи Ватан кадом шеърҳоро аз ёд медонед?*
4. *Аз китобхонаи мактабатон китобҳоро дар бораи шахсони бузургу қаҳрамонони ватанпарвар, ки Ватани моро дар дунё машҳур кардаанд, гирифта хонед ва оид ба онҳо ҳикоя кунед.*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

Дар хона аз падару модаратон хоҳиш кунед, ки суханони зерини нависандаи испан Мигел де Сервантесро эзоҳ диҳанд: «Таърих-хазинаи фаъолиятамон, шоҳиди мозӣ, барои имрӯз ибрат ва насиҳат, барои оянда огоҳ кардан аст».




## § 1. САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ

**Оид ба фанни таърих.** Таърих фаннест дар бораи гузашта.

**Дар ёд доред!**

«Таърих» калимаи арабӣ буда, маънои «мозӣ», «Ҳикоя оиди воқеаҳои гузашта»-ро дорад.

Таърих аз хусуси аз кадом вақт дар рӯи замин зиндагӣ карда омадани одамон, роҳи ҳаёти онон аз қадимулайём то кунун, чӣ гуна барпошавии ҳаёти имрӯза маълумот медиҳад. Шумо ба воситаи омӯзиши таърих оиди машғулоти аҷдодон дар гузаштаи дуру наздик, аҳволи ҳаёти онҳо ва чӣ хел рӯй додани воқеаҳои таърихӣ дониста мегиред.

**Сарчашмаи таърихӣ.** Илми таърих дар асоси сарчашмаҳои (манбаъҳои) таърихӣ офарида мешавад.

Хӯш, сарчашмаи таърихӣ чист?

**Бодиққат хонед!**

Сарчашмаҳои таърихӣ ҳамаи чизҳои таърихӣ ва ҳуҷҷатҳои гуногуни сабтшуда ва китобҳо мебошанд, ки аз таърих маълумот медиҳанд.

Олимони сарчашмашинос сарчашмаҳои таърихиро бодиққат меомӯзанд ва барои илми таърих маълумоти заруриро гирд меоранд.

Сарчашмаҳои таърихӣ ба сарчашмаҳои моддӣ (ашёвӣ) ва хаттӣ тақсим мешаванд.



**Олоти меҳнат.**



**Расме дар девор.**



**Изи ба санг табдилшуда.**



**Сабти рӯи сафол.**




**Ба аломатҳои мехӣ табдилёбии расмҳо.**

**Сарчашмаҳои моддӣ.** Осори устухони одамони қадим, макони зисти онҳо, манзил, инчунин, қалъаву шаҳрҳо, иншооти обёрӣ, чизҳои рӯзгор, чизҳои зиннатӣ, тангаҳо, гербҳо, мӯҳрҳо ва олоти меҳнат сарчашмаҳои моддиро ташкил медиҳанд. Манбаъҳои моддиро археологҳо (бостоншиносон) ҷамъ мекунанд. Онҳо аз рӯи тахминҳо дар ҷои зисти одамони қадим ҳафриёт мебаранд. Ҳамин тариқ, ашёҳои мухталиферо, ки манбаъҳои моддиро ташкил медиҳанд, гирд меоранд. Вақти пайдошавӣ ва соли онҳоро аниқ мекунанд.

**Сарчашмаҳои хаттӣ.** Сарчашмаҳои хаттӣ намуди муҳим ва асосии манбаъҳоянд. Баъзе халқҳо қариб панҷ ҳазор сол муқаддам барои навиштан аломатҳо офариданд. Сабтҳои рӯи харсангҳо, навиштаҷотҳо бар пӯсти ҳайвонҳо, пӯстлохи дарахт, баъдтар дар қоғазҳо, дастнависҳои мансуб ба даврҳои гуногун, китобҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои таърихии дар архивҳо маҳфузбуда сарчашмаҳои хаттӣ мебошанд.

Китоби «Авесто» сарчашмаи аз ҳама қадимии хаттӣ оид ба таърихи Ватанамон Ӯзбекистон аст. Он дорои маълумотҳои ғанӣ оиди таърихи бостониамон аст. Инчунин, навиштаҳои шоҳони Эрони қадим, асарҳои олимони Юнон, Рим ва Хитойи қадим оиди Ватани мо маълумоти пурқимат доранд.

**Худатонро санҷед**

- Сарчашмаҳои моддӣ-ин ... .
- Сарчашмаҳои хаттӣ-ин ... .

**Мазмуни истилоҳҳоро дониста гиред**

**Архив** – ҷоест, ки ҳуҷҷатҳои кӯҳна, ёдгориҳои хаттӣ нигоҳ дошта мешаванд.

**Ҳуҷҷатҳои таърихӣ** – қайдномаҳо (навиштаҷот), суратҳо, асарҳое, ки аз воқеа ва ҳодисоти таърихӣ гувоҳӣ дода, дар архив нигоҳ дошта мешаванд.

**Савол ва супоришҳо**

1. *Оид ба фанни таърих чиҳоро дониста гирифтед?*
2. *Сарчашмаҳои таърихӣ чиянд ва онҳо барои фанни таърих чӣ аҳамияте доранд?*
3. *Сарчашмаҳои моддӣ (ашёвӣ) ва хаттиро муқоиса кунед. ҷиҳатҳои монанд ва фарқи онҳоро аниқ кунед.*
4. *Оид ба сарчашмаҳои хаттӣ дар бораи таърихи қадимии Ватанамон нақл кунед.*

## § 2. АЗ ТАЪРИХИ ТАҚВИМҲО

**Таърихи календар (тақвим).** «Календар» калимаи лотинӣ аст. Маънояш «дафтари қарз», «рӯзи аввали моҳ» аст. Дар ҳаёти мо календар (тақвим) ҳисоби вақти ба рӯзҳо, ҳафтаҳо ва солҳои тақсимшуда аст. Дар тақвим номи сол, моҳ ва рӯзҳо қайд мешаванд. Календарро бобоёни мо «тақвим» гуфтаанд.

**Бодиққат хонед!**

Сол – воҳиди ченаки вақтест, ки барои дар атрофи Офтоб як маротиба даврзании Замин сарф мешавад. Як сол аз 365 рӯз иборат, дар ҳар як чаҳор сол як маротиба ба 366 рӯз баробар мешавад.

Ҳоло дар аксари давлатҳои дунё, аз ҷумла дар Республикаи Ӯзбекистон солшумории григорианӣ истифода мешавад.

**Ватани тақвим.** Тақвими нахустин дар Миср пайдо шуд. Барои мисриён масъалаи обхезии дарёи Нил масъалаи ҳаёт ё мамот буд. Зиёда аз ин донистани вақти обхезии дарёи Нил аҳамияти калон дошт.

Мисриён то обхезии дигари дарёи Нил каналҳоро тоза карда, иншоотҳоро бояд дуруст мекарданд. Мушоҳидаи ҳаррӯза то оғози обхезии дигар гузаштани 365 рӯзро нишон медод. Аз ин рӯ, мисриён 365 рӯзро 30 рӯзӣ ба 12 моҳ баробар тақсим кардаанд. Панҷ рӯзи боқимондаро ба охири сол чун рӯзҳои ид илова мекарданд. Ҳамин тариқ, тақвими нахустин пайдо шудааст. Аммо, мисриён дар ҳисоби сол 6 соат хато карданд. Ҳамин 6 соат фарқ дар 4 сол хатоии як шабонарӯзиро ба вуҷуд овард.



**Юлий Сезар.**

**Тақвими Юлий.** Дар соли 46-уми пеш аз милод подшоҳи давлати Рим Юлий Сезар тақвими навро ҷорӣ кард ва аввали солро ба 1-уми январ кӯчонид. Тақвими нав тақвими Юлий номида шуд. Дар тақвими мисриён барои нест кардани як рӯзе, ки дар чаҳор сол ҷамъ мешуд, моҳи февралро як маротиба дар чаҳор сол 29-рӯза муқаррар карданд. Он соле, ки феврал 29 рӯза меомад, як сол 366 рӯзро ташкил медод.

Вале дар солшумории тақвими Юлий низ хато ҷой дошт. Ба туфайли ин хатоӣ дар солшумории дунё дар ҳар 400 сол се рӯз ақиб мемонд.

Ин хатогии тақвим ба соли 1582 омада 10 рӯзро ташкил дод. Дар оқибати он баробарии рӯзу шаби баҳорӣ дар соли 1583 на ба 21-уми март, балки ба 11-уми март рост омаданаш мумкин буд.




**Тақвими григорианӣ.**

**Тақвими григорианӣ.** Барои ислоҳ кардани ин хавф бо раҳбарии папаи Рим Григории XIII тақвими нав ҷорӣ карда шуд. Он

тақвими Григорий ном гирифт. Бино ба пешниҳоди муаллифони ин тақвим аз 4 октябри соли 1582 эътиборан 10 рӯз партофта шуда, якбора ба 15 октябр гузашта шуд. Яъне ҳамон фарқи даҳрӯза дар тақвими Юлий бартараф карда шуд. Баробари рӯзу шаби баҳорӣ боз ба 21-уми март баргашт.

Барои он ки хатоии аввала такрор нашавад, моҳи феврали 29 рӯза дар 400 сол ба ҷои 100 маротиба 97 маротиба, моҳи 28 рӯза бошад, дар 400 сол на 300 маротиба, балки 303 маротиба муқаррар карда шуд.

### Худатонро санҷед

- Тақвим – ин,... .
- Хатоӣ дар тақвими мисрӣ – ... рӯзро ташкил медод.
- Хатоӣ дар тақвими Юлий – ...рӯзро ташкил медод.
- Тақвими григорианӣ дар соли ... қабул шудааст.

### Мазмуни истилоҳро дониста гиред

**Баробарии рӯзу шаб** – шабонарӯзе, ки ҳам рӯз ва ҳам шаб ба 12 соат баробар мешаванд.

### Савол ва супоришҳо

1. *Дар бораи тақвим ва аҳамияти он чиҳоро дониста гирифтед?*
2. *Чаро як сол аз 365 ё 366 рӯз иборат аст? Эзоҳ диҳед.*
3. *Мисриёни қадим тақвимро чӣ хел тартиб доданд ва он чӣ хел камбудӣ дошт?*
4. *Тақвими Юлийро бо тақвими мисриён қиёс намоед.*
5. *Барои ҷорӣ намудани тақвими григорианӣ чӣ сабаб шуд ва хатоии тақвими Юлий чӣ хел бартараф карда шуд?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

**Тақвимҳоро муқоиса намуда, ҷадвалро пур кунед**

| Тақвимҳо | Хатоҳои роҳёфта дар солшумории тақвимӣ | Барои ислоҳи хато чӣ карда шуд? |
|---|---|---|
| Тақвими мисриён | | |
| Тақвими Юлий | | |
| Тақвими григорианӣ | | |

# § 3. СОЛШУМОРӢ ДАР ТАЪРИХ

**Мафҳумҳои «милод» ва «эра».** Ҳоло дар аксари давлатҳои дунё, аз ҷумла дар Ӯзбекистон солшумории милодӣ истифода мешавад. Ин соле, ки дар он зиндагӣ мекунем, соли милодист.

Дар солшумории милодӣ соли таваллуди Исо пайғамбар асос карда гирифта шудааст.




**Солшуморӣ.**

> **Дар ёд доред!**
>
> Милод (калимаи арабист, маъноям «таваллуд» аст) оғози солшумории ҳозира аст. Дар китобҳои таърих ба ҷои калимаи «милод» «эра»низ истифода мешавад. Калимаи «эра» маънои «рақами аввал», яъне оғози солшумориро дорад.

Дар солшумории милодӣ 1-уми январ сари сол дониста шудааст. Он рӯзи аввали имсол ҳам ҳаст. Дар китобҳои таърих ба воқеаҳои пеш аз соли таваллуди Исо пайғамбар ибораи «пеш аз милод» илова карда мешавад.

(Масалан: «Дар асрҳои IV–III пеш аз милод алифбои лотинӣ офарида шудааст»).

**Солшумории пеш аз милод.** То милод халқҳои гуногун солшумории ҳархела доштанд. Масалан, рӯзи аввали ғункунии ҳосилро саршавии солшуморӣ донистаанд ва онро рӯзи аввали сол шумурдаанд. Дар юнониёни қадим солшуморӣ аз соли бозиҳои варзишии Олимпия сар шуда буд. Римиҳо аз соли асосгузорӣ ба шаҳри Рим сар кардаанд.

Шумо ҳангоми омӯзиши таърих дар ёд доред, ки дар фанни таърих асрҳои воқеа ва ҳодисот рӯйдода бо рақамҳои римӣ қайд мешаванд.

Масалан, асри I (1), II (2), III (3), IV (4), V (5), VI(6), VII (7), VIII (8), IX (9), X (10), XI (11), XII (12), XIII (13), XIV (14) XV(15), XVI(16), XVII (17), XVIII (18), XIX(19), XX(20). Асри XXI (21). Ин аср аз 1-уми январи соли 2001 сар шудааст.




**Рақамҳои римӣ.**

**Худатонро санҷед**

- Эра – ин... .
- Милод – ин... .
- Пеш аз милод – ... .

Дар кишварамон аҷдодонамон аз солшумориҳои суғдӣ, хоразмӣ, мучал ва ҳиҷрӣ истифода бурдаанд.

**Солшумории ҳиҷрӣ.** Дар як қатор давлатҳои дунё солшумории ҳиҷрӣ амал мекунад. Он дар Арабистон пайдо шудааст. Соли ҳиҷрати пайғамбарамон Муҳаммад (с.а.в.) аз шаҳри Макка ба шаҳри Мадина барои солшумории ҳиҷрӣ асос карда гирифта шудааст. Ҳиҷрат 16-уми июли соли 622 рӯй дода буд.

Дар Республикаи Ӯзбекистон аз солшумории ҳиҷрӣ барои муқаррар кардани рӯзҳои маросим ва идҳои динӣ истифода мешавад.

**Мафҳуми «хронология».** Аниқ кардани вақти рӯйдоди воқеа ва ҳодисоти таърихӣ хеле муҳим аст. Бидуни он илми мукаммали таърихро офаридан мумкин нест. Олимони муаррих барои аниқкунии вақти воқеа ва ҳодисоти таърихӣ ба илми хронология муроҷиат мекунанд.

**Дар ёд доред!**

«Хронология» аз калимаҳои «хронос» – вақт ва «логос»-и юнонӣ иборат буда, илмест, ки вақти рӯй додани воқеа ва ҳодисоти таърихиро аниқ мекунад.

Хронология бино ба вазифааш илми кўмакрасони фанни таърих аст.

Ба туфайли он олимон воқеа ва ҳодисаҳои таърихӣ кадом вақт рўй додагиашро аниқ мекунанд ва рўйихати онҳоро тартиб медиҳанд.

### Маънои истилоҳро донист гиред

**Пайғамбар (пайғомрасонанда)** – вакил, сафирест, ки гуфта ва нишондодҳои Худоро ба бандагонаш мерасонад.

### Савол ва супоришҳо

1. *Мазмуни мафҳумҳои милод ва эраро эзоҳ диҳед.*
2. *Ибораи «пеш аз милод» чӣ маъно дорад?*
3. *Дар бораи солшумории қадим чиҳоро дониста гирифтед?*
4. *Барои солшумории милодӣ ва ҳиҷрӣ кадом воқеаҳо асос шудаанд, муқоиса кунед,ҷиҳатҳои монандӣ ва фарқияти онҳоро аниқ кунед.*
5. *Хронология чист ва он барои илми таърих чӣ аҳамият дорад?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

Хронологияи аз соли ба синфи 1-уми мактаб омаданатон то имсолеро, ки ҳоло аз сар мегузаронед, тартиб диҳед.

Дар он ифода намудани воқеа ва ҳодисаҳоеро, ки дар ҳаёти шумо ва мактаб рўй додаанд, аз ёд набароред.

## МАЪЛУМОТИ ИЛОВАГӢ

**Солшумории мучалӣ.** Солшумории мучалӣ солшумории 12-солаи давриест, ки ҳар соли он ба номи 12 то ҳайвони «хосиятнок ва муқаддас» гузошта (муш, гов, паланг, харгўш, моҳӣ, мор, асп, гўсфанд, маймун, мурғ, саг, хук) шудааст.

Ин ҷараёнҳо дар ҳаёти инсонҳо нақши муҳим дошт. Аҷдодони мо ин солшумориро барои аниққунии солашон истифода мебурданд.

2300 сол аз ин муқаддам ин солшуморӣ истифода шуда буд. Одамон соли таваллудашонро бо номи ин ё он ҳайвон номида, дар зарфи 12 сол синну соли мучалиашонро қайд мекарданд. Шумо низ соли мучалатонро қайд мекунед.

Солшумории мучалӣ аз баробарии шабонарўзии баҳорӣ сар мешуд.

## § 4. ТАЪРИХИ ХАРИТАИ ДУНЁ

**Харитаҳои нахустин.** Чунин фанҳо ҳастанд, ки онҳоро бе харита омӯхтан амри маҳол аст. Таърих ва ҷуғрофия аз зумраи он фанҳоянд.

> **Дар ёд доред!**
>
> Харита варақест, ки рӯйи он менависанд, тасвири Кураи замин, ҷисмҳои осмонӣ ё гумбази осмоние, ки хурд карда кашида шудааст.

Болоравии алоқаҳои савдоии байни халқҳои гуногун, юришҳои ҳарбӣ ва сайёҳатҳо ба кишварҳои дур сабабгори пайдошавии харитаҳо шуданд. Дар асри III пеш аз милод олими Юнон Эратосфен ба аниқ чен кардани ҳаҷми Замин муваффақ шуд. Дар натиҷа харитаи нахустини дунёро офарид. Дар ин харита Европаи Ҷанубӣ, Африкаи Шимолӣ ва Осиёи Ғарбӣ тасвир шуда буданд.

Олими Юнони қадим Птоломей, бобокалони бузурги мо Муҳаммад ал-Хоразмӣ, Абӯрайҳон Берунӣ ва Маҳмуд Қошғарӣ ҳам барои замони худ харита тартиб дода буданд.

**Сохта шудани глобус.** Глобус нусхаи Кураи замин дар масштаби хурд аст. Глобус низ барои омӯхтани фанҳои таърих ва ҷуғрофия аҳамияти калон дорад.

> **Дар ёд доред!**
>
> Глобус – калимаи лотинӣ буда, ба забони тоҷикӣ маънои «кура»-ро дорад.

Дар глобус Замин дар ҳолати хеле хурдкардашуда тасвир мешавад. Бобокалони бузургамон Абӯрайҳон Берунӣ дар замони худ глобуси нахустинро сохта буд. Дар асри XV дар Самарқанд, дар расадхонаи Мирзо Улуғбек барои замони худ глобуси мукаммалтарро сохта буд.

Мутаассифона, ин глобус баъди марги Улуғбек нест карда шуд. Дар охирҳои



**Глобус.**




**Харитаи Птоломей.**




**Харитаи Абурайҳони Берунӣ.**

асри XV олими ҷуғрофидон ва сайёҳи немис Мартин Бехайм глобусеро бо номи «Себи Замин» офарид. Дар ин глобус Кураи замин дар арафаи кашфи қитъаи Америка инъикос шуда буд.

**Худатонро санҷед**

- Харита – ин ... .
- Глобуси аввалинро дар дунё ... . офаридааст.

**Харитаҳои замони мо.** Дар дарсҳои имрӯзаи таърих ва ҷуғрофия аз харитаҳои замонавӣ истифода мебаранд. Чаро онҳоро «замонавӣ» мегӯем? Чунки ҳангоми тартиб додани онҳо тамоми талабҳои зарурӣ риоя карда шудааст. Аз ин рӯ онҳо аз ҳар ҷиҳат мукаммал ҳисоб мешаванд. Дар дарсҳои таърих асосан аз «Харитаи сиёсии дунё», харитаҳои мавзӯӣ (оиди ин ё он

ҳодисаҳои таърихӣ, ё харитаҳое, ки ин ё он давлатро дар асрҳои гуногун дар бар гирифтааст, харитаҳое, ки ҳолати сиёсии дунёро дар даври муайяни сиёсӣ инъикос намудаанд), истифода мебаранд. Инчунин аз «Харитаи сиёсию маъмурии Республикаи Ўзбекистон» истифода мебаранд. Харитаи сиёсӣ харитаест, ки дар он ҳолати давлатҳои ҷаҳон аз рӯи қитъа акс ёфтааст Дар он ном, сарҳадот ва пойтахти давлатҳо зикр карда мешаванд.

«Харитаи сиёсию маъмурӣ» гуфта харитаеро меноманд, ки дар он қисми таркибии давлат (вилоятҳо, ноҳияҳо ва марказҳои онон) акс мегардад. Масалан, дар харитаи сиёсию маъмурии Республикаи Ўзбекистон Республикаи Қароқалпоқистон ва 12 вилоят, маркази онҳо, инчунин маркази ноҳияҳо нишон дода шудааст. Дар айни замон сарҳади давлатамон низ қайд гардидааст.




**Тасвири харитаи дунёи ҳозира.**




**Тасвири харитаи ҳудуди Республикаи Ўзбекистон.**

## Маънои истилоҳро дониста гиред

**Расадхона** – муассисаест, ки дар он бо ёрии асбобҳои махсус ҷисмҳои осмонӣ мушоҳида карда мешавад.

## Савол ва супоришҳо

1. *Харита чист ва барои омўхтани фанни таърих чӣ аҳамияте дорад?*
2. *Харитаҳои нахустин дар куҷо ва аз тарафи кӣ тартиб дода шуд?*
3. *Глобус чист ва барои чӣ зарур аст?*
4. *Кадом харитаҳо харитаҳои замонавӣ номида мешавад? Аз ин хусус мисолҳо оред.*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

Ба донишҳоятон аз дарси ҷуғрофия такя карда, харитаи ҳавлиеро, ки дар он мезиҳед, кашед. Барои ин кор гирифтани маслиҳатро аз муаллими ҷуғрофия фаромўш накунед.



# Боби II.
# ХАЛҚҲОИ ДУНЁ ДАР ЗАМОНҲОИ ҚАДИМТАРИН

## § 5. ОДАМОНИ ҚАДИМТАРИН ВА БОШИШГОҲҲОИ ОНҲО

**Бошишгоҳҳои қадим дар Африка.** Одамизод ба қиёфа, ақлу идрок ва дараҷаи инкишофи имрӯзааш якбора ноил нашудааст. Он натиҷаи инкишофи чандин миллионсолона аст.

Олимони археолог (бостоншиносон) боқимондаи устухонҳои аҷдодони одамони қадимтаринро аввал дар Африкаи ҷанубӣ ва Шарқӣ ёфтанд. Аз бошишгоҳҳои он одамон боқимондаҳои олоти соддатарини меҳнати онҳо низ ёфт шуданд. Олимон гарчанде содда бошад ҳам, аҷдодони одамонеро, ки олоти нахустини меҳнат сохтаанд, (ҳомосапиенс) «одами кордон (малаканок)» номиданд. «Одами кордон» олоти нахустини меҳнатро аз санг (чақмоқсанг) сохтааст. Аз ин рӯ оғози таърихи инсоният асри санг (даври санг) номида шуд. Асри санг дар таърихи инсоният хеле тӯл кашидааст.

**Бошишгоҳҳои қадим дар Осиё.** Дар Осиё бошишгоҳҳои одамони қадимтарин дар ҳудуди Индонезия ва Хитой ёфт шуданд. Олимон ба инсонҳое, ки боқимондаашон дар ҳудуди Индонезия ёфт шуданд, «одами Ява» гуфта ном доданд. Ба аҷдоди одамони аз Хитой ёфташуда синантроп (одами Хитой) ном доданд. Онҳо бо қиёфаи берунӣ, олоти меҳнати сохтаашон, сифати онҳо ва малакаи корашон аз якдигар фарқ доштанд.

Синантропҳо аз оташи табиӣ истифода бурда метавонистанд. Онҳо баъди сӯхтори ҷангал бино ба раъду барқ оташро нигоҳ медоштагӣ шуданд ва ин яке аз муваффақиятҳои калони инсони-

ят ба ҳисоб мерафт. Дар кишварамон боқимондаи устухонҳои одамони ба синантроп ҳамзамонбуда ва олоти меҳнати онҳо аз ғори Селунғури водии Фарғона ёфта шуданд.



Одами неандертал (ғори Тешиктош).



Одами кроманён (Франсия).

**Осори инсонҳои қадимии Европа.** Бо мурури замон қиёфаи берунии одамҳо, ақлу идроки онҳо ва малакаи сохтани олоти меҳнат такмил меёфт.

Инро қиёфаи берунии аҷдодоне, ки аз водии Неандертали Германия ёфта шуданду дар таърих номи «одами неандертал»-ро гирифтаанд, тасдиқ мекунад. Қиёфаи берунии одами неандертал ба одамони имрӯза қариб монанд буд. Неандерталҳо дар байни ҳазорсолаҳои 100–40-уми пеш аз милод ҳаёт ба сар бурдаанд. Дар замоне, ки неандерталҳо зиндагӣ мекарданд, дар Европа ҳаво хунук шуд. Аз ин рӯ онҳо дӯхтани либосро аз пӯсти ҳайвон ва пухтани гӯшт дар оташро фикр карда баровარданд.

**Бошишгоҳҳои қадимтарин дар ҳудуди Ӯзбекистон.** Дар Ӯзбекистон боқимондаҳои устухони одами қиёфааш неандерталӣ аз ғори Тешиктоши вилояти Сурхондарё ёфта шуд.

Устухонҳои одамоне, ки дар байни ҳазорсолаҳои 40–12-уми пеш аз милод зиндагӣ кардаанд, аз ғори кроманёни Франсия ёфта шуданд. Онро одами кроманён номиданд. Одами кроманён қиёфаи одами имрӯзаро дошт. Олимон кроманёнро (ҳомо сапиенс) «одами боақл», «одами бошуур» номиданд.

**Худатонро санҷед**

- Одами кордон... .
- .... одами боақл буд.

Дар Ӯзбекистон бошишгоҳҳои одамони ҳамзамони одамони кроманён дар соҳили сойи Сиёбчаи Самарқанд ва бошишгоҳи Кӯлбулоқи вилояти Тошканд (Ангрен) ёфта шудааст.

### Маънои истилоҳро дониста гиред

**Антрополог** – олиме, ки пайдоиши одам ва марҳалаҳои инкишофи он, дигаршавии сохти тана, инчунин аз боқимондаҳои устухони мағзи сарро омӯхта, қиёфаи берунии онро маълум мекунад.

**Ява** – ҷазирае дар Индонезия.

### Савол ва супоришҳо

1. *Маълумотҳои оиди аҷдодони қадимтарини одамизод чӣ хел ҷамъ оварда шудааст?*
2. *Номҳои аҷдодони қадимтарини одамизодро гуфта диҳед.*
3. *Аҷдодоне, ки дар даврҳои гуногуни марҳалаи тараққиёти дуру дарози одамизод зиндагӣ кардаанд, аз якдигар бо кадом ҷиҳатҳояшон фарқ мекунанд?*
4. *Кадом омилҳо барои зиндагӣ карда мондан ва қиёфаи имрӯза касб кардан роли ҳалкунанда бозиданд?*
5. *Дар бораи аҷдодони қадимтарине, ки дар ҳудуди Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд, чиҳоро дониста гирифтед?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

**Аҷдоди қадимтарини одамизод ва ҳаёти онҳо**

*(Ҷадвали зеринро пур кунед)*

| Р/т | Саволҳо | Одамони синантроп | Одамони неандертал | Одамони кроманён |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҷойе, ки осори устухонхо ёфта шуданд | | | |
| 2. | Даврҳои зиндагиашон | | | |
| 3. | Чиҳоро омӯхтаанд? | | | |

## § 6. ТАРЗИ ЗИНДАГИИ ОДАМОНИ ҚАДИМ

**Олоти меҳнати одамони қадим.** Одамони қадим сангро сайқал дода, онро ба олотҳои меҳнат табдил медоданд. Дарозии олоти меҳнат, ки дар шакли бодом сохта, истифода мешуданд, 10–20 сантиметрро ташкил медод. Вазни он аз панҷсад грамм то як килограмм буд. Ду тарафи ин олоти аввалини меҳнат бо санги дигар тарошида мешуд. Аз он барои задан, буридан, кандан ва барои ба масофаи муайян партофтан чун аслиҳа истифода мебурданд.



**Олоте, ки аз санг ва чӯб сохта шудааст.**

Одамони қадим барои сабук кардани меҳнати худ олоти меҳнатро такмил медоданд. Масалан, синантропҳо нисбат ба аҷдодони худ олоти меҳнати хурдтар, лекин қирраҳояш тезтар, нӯгаш бориктарро месохтагӣ шуданд. Истифодаи онҳо хеле осон буд. Одами неандертал бошад, аз санг олоти меҳнати найзамонанди боз ҳам бориктар сохта тавонист. Аз устухон барои эҳтиёҷоти рӯзгор олоти меҳнати хурди нӯгтез месохтанд.



**Нӯги сангнайза.**

Одамони кроманён аз санг корд, найза, асбоби буранда, тарошанда, бигиз ва аз устухон сӯзан, ба сохтани шаст низ муваффақ шуданд. Аз устухон сӯзан сохтан одамони кроманёнҳо аз кашфи дӯзандагӣ дарак медод. Ҳосилкунии оташи сунъиро низ ёд гирифтанд. Баъдтар одамон тиру камонро ихтироъ карданд. Ин дар таърихи инсоният кашфиёти калон буд. Дар айни замон одамон сагро ром карда, ғайр аз зарурати ҳаёти ҳаррӯза ҳайвоноти ёбоиро хонагӣ мекарданд. Дар натиҷаи он маҳсули шикорчигӣ афзуд.



**Шикорчӣ.**

Бо гузашти вақт одамон кулолгариро кашф кардан ва дар натиҷаи мушоҳидакориашон аз мис, сонитар аз биринҷӣ сохтани олоти меҳнатро ёд гирифтанд. Инчунин аробаи чархнок, осиёби ба худ хос дастӣ, чархифалак ихтироъ карданд. Бо мурури замон инсон омочҳои нӯгаш оҳанӣ, табарҳои оҳанӣ ва дигар олотҳои муҳими меҳнатро сохт. Ин ба пешравии босуръати зироаткорӣ оварда расонд.

**Худатонро санҷед**

- Тиру камон.... ихтироъ шуд.
- Одам аз оҳан ..... барин олотҳои меҳнат месохт.

**Машғулоти одамони қадимтарин.** Одамони қадим даставвал бо ёрии олоти меҳнати оддии дастӣ (сангу чӯб) аз маҳсулоти

тайёри табиат баҳраманд мешуданд. Масалан, бо ёрии санги нӯгаш тез ҳайвоноти хурд-хурдро шикор мекарданд. Бо чӯби нӯгаш тез решаҳои растаниҳои гуногунро кофта мехӯрданд. Бо ёрии ходаҳои дароз меваҳои дарахтҳоро афшонда мехӯрданд. Ҳамин тариқ, чинакчигӣ ва шикорчигӣ машғулоти қадимтарини одамон будааст.

**Дар ёд доред!**

Пайдокунии озуқаворӣ бо роҳи чинакчигӣ ва шикор хоҷагии азхудкунанда номида мешавад.

Ба воситаи хоҷагии азхудкунӣ ҳаёт ба сар бурдан солҳои зиёд давом кард.

Ба ҳайвони хонагӣ табдил додани ҳайвонҳое, ки аз истеъмол зиёдтар буд, барои пайдошавии чорводорӣ замина фароҳам овард. Бо мурури замон одамон ба зиндагии муқиминишин гузаштанд. Ин боиси пешравии зироаткорӣ ва чорводорӣ гардид. Ҳамин тариқ, аз чинакчигӣ деҳқонӣ, аз шикорчигӣ ва ромкунии ҳайвонҳо чорводорӣ ба вуҷуд омад.

**Дар ёд доред!**

Дар як ҷо доимӣ истиқомат кардани одамон зиндагии муқимӣ номида мешавад. Асоси зиндагии муқимиро деҳқонӣ ташкил медод.

Ҳамин тариқ, одамон ба дараҷае расиданд, ки маҳсулоти заруриро худашон истеҳсол мекардагӣ шуданд. Онҳо акнун ба чизҳои гуногуни ҳунармандӣ эҳтиёҷ доштанд. Ин сабабгори пайдоиши ҳунармандӣ шуд.



**Ҳунарманд.**

Ба гузашти замон баъзе одамон асосан бо зироаткорӣ, баъзеяшон бо чорводорӣ ё ҳунармандӣ машғул мешудагӣ шуданд. Ин ҳодиса ҷараёни инкишофи ҷамъиятро боз ҳам тезонид.

**Худатонро санҷед**

- ... хоҷагии азхудкунӣ аст.
- Деҳқонӣ ва чорводорӣ.... номида мешавад.



**Ҷои зисти одамони қадим.**

**Истиқоматгоҳҳои одамони қадимтарин.** Одамони қадим дар даврҳои аввал дар ковокиҳои дарахтҳои азим ва ғорҳо зиндагӣ мекарданд. Ғорҳо одамонро аз борон, шамол ва хунукӣ ҳимоя мекарданд.

Баъдтар барои ҳимоя аз ҳуҷуми ҳайвонҳои дарранда дар даромадгоҳи ғорҳо гулхан дармегиронданд.

Дар ҷойҳое, ки ғор набуд, дар нимтаҳхонаҳо ҳаёт ба сар мебурданд. Рӯи онро хокпӯш мекарданд.

Он вазифаи паноҳгоҳи оддиро дар фасли зимистон иҷро мекард. Баробари гармшавии иқлим дар соҳили дарё ва чашмаҳо аз устухонҳо, дандонҳои мехмонанди мамонт ва ходаҳо кулбаҳои содда месохтанд.

**Маънои истилоҳро дониста гиред**

**Биринҷӣ** – омехтае, ки аз мис ва қалъаӣ тайёр карда мешавад.

**Савол ва супоришҳо**

*1. Чаро одам олотҳои меҳнатро доимо такмил медод?*
*2. Хусусиятҳои ба худ хоси олоти нахустине, ки одамон аз санг месохтанд, қайд кунед.*
*3. Олоти меҳнати одамони неандертал ва кроманёнро қиёс кунд. Ҷиҳатҳои монандӣ ва фарқи онҳоро аниқ кунед.*
*4. Аҷдодони мо ба офаридани кадом олотҳои меҳнат муваффақ шудаанд?*
*5. «Хоҷагии азхудкунӣ» чӣ хел хоҷагӣ буд?*
*6. Чаро «хоҷагии истеҳсолотӣ» мегуфтанд ва он чӣ хел пайдо шуд?*
*7. Оид ба ҷои зисти одамони қадим чиҳоро дониста гирифтед?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

*(Ҷадвали зеринро пур кунед)*

| Т/р | Олотҳои меҳнате, ки одамон месохтанд | Т/р | Хоҷагии азхудкунӣ | Т/р | Хоҷагии истеҳсолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

## § 7. АЗ ТАЪРИХИ АРХЕОЛОГИЯ

**Археологҳо чӣ хел кор мекунанд?** Археология илмест, ки дар асоси сарчашмаҳои моддии таърихӣ-ёдгориҳо гузаштаро меомӯзад.

**Дар ёд доред!**

Археология аз калимаҳои лотинии «архео» ва «логос» иборат буда, маънои бостоншиносиро дорад.



**Археологҳо ҳангоми кор.**



**Навиштаҷоти ёфташуда.**

Олимонеро, ки бо археология машғул мешаванд, *археологҳо* (бостоншиносон) меноманд.

Дар таърих ҳеҷ чиз бе из намемонад. Кофта ёфтани ҳамон осор вазифаи археология аст.

Археологҳо бозёфтҳои гуногунро (олотҳои меҳнат, чизҳои рӯзгор, яроқу аслиҳа, зинатӣ, хонаву ҷой, устохонаҳо, иншоотҳои обёрӣ ва монанди онҳоро) оид ба гузашта меомӯзанд. Дар ҳамин асос маълумотҳоро оид ба гузашта ҷамъ мекунанд. Ҳамаи бозёфтҳо ёдгориҳои археологӣ номида мешаванд.

Ёдгориҳои археологӣ барои таърих сарчашмаҳои муҳиманд. Онҳо барои омӯхтани

таърихи инсоният то давраи сарчашмаҳои хаттӣ аҳамияти калон доранд.

Археологҳо аввал ҷойҳои ҳафриётро аниқ мекунанд. Баъд кори ҳафриётро (кофтуковро) сар мекунанд.

Пас аз он даври бунёдшавии ёдгориҳо ва умри онҳо аниқ хоҳад шуд.

Олимони Ўзбекистон дар натиҷаи ҳафриёти археологӣ 2750-солагии шаҳри Самарқанд, 2700-солагии Қарши ва Шаҳрисабз, 2500-солагии Бухоро ва Хива ва 2200-солагии шаҳри Тошкандро аниқ кардаанд.



Олоти меҳнате, ки аз оҳан сохта шудааст.

**Дар ёд доред!**

«Академик Яҳё Ғуломов алломаи фидоии даври худ буд».

*Ислом Каримов*

Барои инкишофи илми бостоншиносии Ўзбекистон хизмати олими ўзбек Мўсо Саидҷонов, баъдтар саҳми олимони археолог таҳти раҳнамоии олими машҳур Яҳё Ғуломов хеле бузург аст.

Ҳоло Институти археология ба номи Яҳё Ғуломови Академияи илмҳои Ўзбекистон корҳои бузургро анҷом медиҳад.

**Археологияи зери об.** Археологияи зери об соҳаи ёрирасони илми археология буда, он аз ибтидои асри XX, аз вақти ёфта шудани киштии ғарқшудаи моҳидорони юнон, ки ҳайкали қадимиро мебурданд, сар мешавад.

Аз тарафи Ҷак Ив Кусто офарида шудани акваланг омўхтани мероси зериобии инсониятро боз ҳам осон гардонд. Археологияи зери об ба воситаи ёфтани ёдгори-



Яҳё Ғуломов.

ҳоеро, ки дар натиҷаи болоравии оби баҳр ё дарёҳо зери об мондаанд, ҳаёти инсонҳо, тарзи зиндагӣ ва маданияти онҳоро меомӯзад.



Археологҳо дар зери об.

### Маънои истилоҳро донista гиред

**Акваланг** – асбоби махсусест, ки барои нафас гирифтани инсон дар зери об аз баллонҳои пур аз ҳаво тайёр карда шудааст.

### Савол ва супоришҳо

1. *Археология чиро меомӯзад?*
2. *Археология барои офаридани илми таърих чӣ нақше дорад?*
3. *Дар бори корҳои олимони археологи Ӯзбекистон чиҳоро медонед?*
4. *Оид ба аҳамияти археологияи зери об чиҳоро донista гирифтед?*
5. *Дар он ҳудуде, ки шумо зиндагӣ мекунед, ҳафриёти бостоншиносӣ бурда шудааст? Агар бошад, аз он хусус маълумоти мухтасар ҷамъ кунед.*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

Ёдгориҳое, ки ба шумо маълум аст ва ҳудудҳои ҷойгиршавии онҳоро навишта, ҷадвалро пур кунед.

| Р/т | Номи ёдгории археологӣ | Ҳудуди ҷойгирифтааш |
|---|---|---|
| | | |
| | | |



# Боби III. ТАШАККУЛИ МАДАНИЯТИ ИНСОНӢ

## § 8. СУРАТҲОИ ХАРСАНГҲО

**Намунаи санъати нахустин.** Расмҳои болои харсангҳо кашидаи аҷдодони қадимамон намунаҳои аввалини санъат буданд. Онҳо барои таърих ёдгории хеле пурқимматанд. Ҷиҳати ба худ хоси расмҳои харсангҳо аз он иборат, ки онҳо пеш аз ихтирои хат пайдо шудаанд. Ин намунаҳои санъат барои олимон дар роҳи омӯхтани таърихи даври қадим сарчашмаи муҳим ба ҳисоб меравhandд. Онҳо рӯзгори аҷдодон, тарзи зиндагӣ, эътиқоди динӣ, машғулот ва одатҳоро ифода кардаанд. Хусусан, машғулоти қадимии аҷдодонамон – манзараи шикори ҳайвонҳо бештар вомехӯранд. Ин расмҳо барои таърих оиди бештар кадом ҳайвонҳоро шикор кардани одамон ва онро чӣ гуна иҷро кардани онҳо маълумоти аҷибу ғариб медиҳанд.



Рассом ҳангоми кор.

**Ғорҳои Алтамира, Каповая ва Ласко.** Расмҳои харсангҳо 15–8 ҳазор сол пеш аз милод аз тарафи одамони кроманён офарида шудаанд.

Расмҳои он давр, ки археологҳо ёфтаанд, аксарашон дар харсангҳо ҳаккокӣ шудаанд. Як қисми онҳо аз ғорҳои дар дунё машҳури Алтамираи Испания ва Ласкои Франсия, инчу-



Суратҳои ғори Алтамира.



**Суратҳои ғори Ласко.**

нин дар ғори Каповаяи Бошқирдистон ёфта шуданд. Устодони санъати ҳамон давр барои тасвири ҳайвонҳо аз рангҳои омехтаи аз моддаҳои гуногун сохташуда истифода мебурданд.

Рангҳо ба деворҳои сангӣ бо ёрии чӯбчаҳо ё мӯйқаламҳои аз мӯйи ҳайвон тайёршуда молида мешуданд. Ин бошад, боиси бе ягон дигаргунӣ то замони мо расидани суратҳо шудааст. Омӯхтани онҳо барои пурра тасаввур намудани олами ҳайвоноти дунёи қадим имкон медиҳад.

**Расмҳои рӯйи харсангҳо дар ҳудуди Ӯзбекистон.** Намунаҳои ин санъати ноёб дар Ӯзбекистон дар замонҳои хеле қадим пайдо шудаанд. Расмҳо асосан бо ду усул-ҳаккокӣ (кандан) намудан ва бо ёрии рангҳо кашида мешуданд. Баъдтар бо ёрии асбобҳои оҳанӣ ва пӯлодии нӯгашон тез амалӣ мешуданд. Ин усул дар илм *усули нуқтагӣ* ном дорад. Дар усули дуюм маҳорати устоёни тасвири рангин ба назар мерасад. Онҳо бо омехтаҳои моддаҳои гуногун ранг тайёр мекарданд. Ба воситаи чӯб, найшакар, устухон ва пати паррандаҳо ба расмҳо ҷило медоданд. Дар Ӯзбекистон бештар аз 100 намунаҳои ин санъати нодир аниқ карда шудааст.

Хусусан, дар расмҳои дараи Сармишсойи воқеъ дар бағали ҷанубии қаторкӯҳҳои Қаротоғи вилояти Навоӣ задухӯрди шер, паланг, бабр барин ҳайвонҳои даранда,бо ёрии гепарди ромшуда, ки кам дар таърих вомехӯрад, аз тарафи шикорчӣ сайд шудани

буқаи ёбоӣ тасвир гардидааст. Суратҳои бетакрори рӯйи харсангҳо, ки ҳамчун ёдгориҳои ноёби санъати нахустин дар «Китоби сурх» дохил шудаанд, дар хориҷа низ эътироф гардиданд.

Соли 2008 барои муҳофизати ёдгориҳои бебаҳои мадании мисли Зараутсой ва Сармишсой, гирифтани пеши роҳи нобуд нашудани онҳо қарорҳои ҳукумат қабул шуд. Муҳимаш ин, ки расмҳои Сармишсой чун намунаҳои ноёби мероси умумҷаҳонӣ аз тарафи ЮНЕСКО ба рӯйхат гирифта шуд ва «Музейи кушоди зери осмон» гуфта расман эълон карданд.

### Маънои истилоҳро донista гиред

**ЮНЕСКО** – Ташкилоти оид ба илм, таълим ва маданияти Созмони Милали Муттаҳид.

**Алтамира** – ғоре дар Испания.

**Архар** – гӯсфанди кӯҳӣ.

**Ласко** – ғоре дар Франсия.

**Каповая** – номи ғорест воқеъ дар ҳудуди кӯҳи Урали Бошқирдистон.

**«Китоби сурх»** – китобест, ки дар он номҳои растаниҳо ва ҳайвоноте, ки хавфи нобуд шуда рафтанашон ҳаст, дохил карда шудааст.

### Савол ва супоришҳо

1. *Расмҳои рӯйи харсангҳо кашидашуда чӣ аҳамияте доранд?*
2. *Дар кадом ҳудудҳои Ӯзбекистон расмҳои харсангҳо ёфта шудаанд?*
3. *Расмҳои ғорҳои Алтамира, Каповая ва Ласкои Европа аз кадом ҷиҳат аҳамиятноканд?*
4. *Барои офаридани намунаҳои нахустини санъати тасвирӣ аҷдодони мо аз кадоми воситаҳо истифода бурдаанд?*
5. *Дар расмҳо асосан чиҳо акс ёфтаанд?*
6. *Барои ҳифзи расмҳои харсангҳо дар Ӯзбекистон кадом корҳо дар амал татбиқ мешавад?*

### СУПОРИШ

*(Дар ҷадвали зерин тасвирҳои китоби дарсӣ чиҳоро инъикос намудаанд, нависед)*

| Р/т | Номи ғор | Номи ҳайвонҳои тасвиршуда |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |

## § 9. ХАТ – КАШФИЁТИ БУЗУРГИ ИНСОНИЯТ

**Пайдошавии хатти аввалин.** Аломатҳои аввалини хат дар рӯйи замин аз тарафи халқҳои Осиё ва Африкаи Шимолӣ (Мисри қадим) офарида шудааст.

Таърихи дар гузашта офаридаи одамон, ҳамаи таҷриба ва донишҳои ҳаётӣ, кашфиётҳои онҳо бо ёрии хат аз аҷдод ба авлодҳо расида омадаанд.

**Дар ёд доред!**

Хат маҷмӯи аломатҳои хаттиест, ки барои алоқаи байни одамон хизмат мекунад.

Хат то касб намудани намуди имрӯзааш роҳи тӯлонии инкишофро аз сар гузарондааст. Олимон дер вақт навиштаҷотҳои нахустинро хонда натавонистанд. Чунки онҳо аз хатти имрӯза фарқи калон доштанд. Онҳо аслан ҳарф надошта, аз аломатҳои гуногуни маънодошта иборат буданд. Сониян, онҳо ба забоне навишта шуда буданд, ки имрӯз бо он забон ҳеҷ касе гап намезанад. Сарфи назар аз он олимон дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои зиёд ба хондани аксари онҳо муваффақ шудаанд.



**Иероглифҳои Миср.**

**Худатонро санҷед**

- Хатти аввалин дар рӯйи Замин аз ин.... сол муқаддам пайдо шудааст.

**Хатҳои қадим ва намудҳои онҳо.** Олимон навиштаҷотҳои қадимро ба чанд намуд ҷудо кардаанд. Аввалин хатҳоро «аломатҳои хотиррасон» номиданд. Ин аломатҳо барои қайди миқдори муайян, расонидани ягон хабар ба масофаи дур истифода мешуд. Масалан, барои ифодаи ягон миқдор аз сангҳои гуногун-ҳаҷм ё садафҳо истифода мебурданд. Барои расонидани ягон хабар ба масофаи дур гулхан



**Мисриёни қадим шумораро ҳамин хел ифода мекарданд.**



Хатти расмӣ.




Иероглифҳои хитоӣ.

даргиронда, баъзан дӯмбира менавохтанд. Аҷдодонамон аз намуди «хатти моддӣ» ҳам истифода мебурданд. Масалан, расми кӯрғон ҷои дафни марҳумро, нону намак бошад дӯстиро ифода мекард. Дигар намуди хат «Хатти расмӣ» буд. Аҷдодони қадимамон расмҳои ҳайвонҳои гуногунро дар сангҳо, устухонҳо ва деворҳои ғорҳо ҳаккокӣ карда мекашиданд. Онҳо на танҳо расм буданд, балки дар бораи ягон ҳолат ахбороти хос буданд.

Баробари пешравии ҳаёт хатҳои расмӣ акнун ба талаби одамон ҷавоб дода наметавонистанд. Ба такмили онҳо эҳтиёҷ пайдо шуд. Ҳамин тариқ, «Хати суханӣ» ба вуҷуд омад. Иероглифҳои Миср ва Хитойи қадим, меххати Шумер ва монанди инҳо намунаҳои аввалини онҳо буданд. Навиштани иероглифҳо кори осон набуд. Чунки дар ёд нигоҳ доштани шумораи зиёди иероглифҳо имконнопазир буд. Акнун худи ҳаёт кашф намудани «Хатти алифбоӣ»-ро талаб мекард.

**Худатонро санҷед**

- Хат-ин, ...
- Хатҳои зерин чаҳор намуди хатро ташкил медиҳанд...

**Ба вуҷуд омадани алифбо.** Шумо дар ёд доред: вақте ба синфи якум қабул шудед, китоби аввалине, ки ба даст гирифтед, «Алифбо» буд. Он китобе барои баровардани саводи ибтидоӣ буд. «Алифбо» калимаи арабӣ аст ва мо ҳарфҳои «алиф» ва «бо»-ро якто карда талаффуз мекунем.

**Дар ёд доред!**

Алифбо аломатҳои хаттие, ки барои навиштани ягон забон қабул шуда, аз аломатҳои паси ҳам ҷогирифта иборат аст. Ин аломатҳоро ҳарф меноманд. Калимаи «алифбо» калимаест, ки аз номи ҳарфи якум (алиф) ва дуюми (бо) алифбои арабӣ ҳосил шудааст.

Дар дунё алифбои аввалинро, яъне хатти ҳарфнокро финикиягиҳои қадим дар миёнаҳои ҳазорсолаи дуюми пеш аз милод офаридаанд ва хатти финикӣ номидаанд. Ин алифбо аз 22 ҳарф иборат буда, он аз рост ба чап навишта мешуд. Бо ёрии ҳамин 22 ҳарф ифода намудани калимаҳои забони финикӣ ҳодисаи бузург буд. Хатти финикӣ ба зудӣ ба дигар кишварҳо паҳн шуд. Онҳо алифбои финикиро ба забонҳои худ мувофиқ мекарданд. Аз панҷ бештар аз чаҳор қисми алифбои финикӣ асоси алифбоҳои ҳозираи дунёро ташкил медиҳад.

| шакли ҳарф | аз кадом калима | |
|---|---|---|
| 𐤂 | шутур | г |
| 𐤃 | дар | д |
| 𐤊 | кафт | к |
| 𐤌 | об | м |
| 𐤓 | сар | р |

**Алифбои финикӣ.**

Ҳатто хатҳои лотинӣ ва кириллии имрӯза низ аз алифбои финикӣ баромадааст.

**Худатонро санҷед**

- Алифбои аввалини дунёро ... офаридаанд.

| шаклаш | маъноаш |
|---|---|
| Г | г |
| Δ | д |
| К | к |
| М | м |
| Р | р |

**Алифбои кириллӣ.**

Дар асри IV–III милодӣ алифбои лотинӣ ба вуҷуд омад. Он баъд аз якчанд аср асоси хатти бисёре аз халқҳои Европаи Ғарбӣ шуда хизмат кард. Пас аз милод алифбои арабӣ пайдо шуд. Алифбои русӣ дар асоси алифбои кӯҳнаи славянӣ, ки «кириллитса» ном дошт, офарида шуд. Алифбои кӯҳнаи славяниро бародарони византиятӣ Кирилл ва Мефодий дар асри IX дар асоси алифбои қадими юнонӣ тартиб доданд. Ин алифбо ба шарафи Кирилл «кириллитса» номида шуд.

Дар охири асри X давлати қадими Руси Киевӣ ин алифбои нав-*кириллитсаро* қабул кард ва ба забони русӣ мувофиқ намуд. Дар алифбои ҳозираи кириллӣ-русӣ 33 то ҳарф ва 2 то аломат мавҷуд аст.

**Хат дар Ӯзбекистон.** Халқи ӯзбек аз замонҳои қадим аз хатҳои гуногун истифода кардааст. Онҳо хатҳои ба алифбоҳои хоразм, суғд, урхун-енисей, араб, кирилл-рус ва лотинӣ асосёфта мебошанд. Аҷдодони мо аз алифбои хоразмӣ ва суғдӣ қариб ҳазор сол истифода бурдаанд. Алифбои суғдӣ аввал аз 23 ҳарф иборат буд. Дар ин алифбо ҳарфҳо аз рост ба чап навишта мешуд.

Дар Ўзбекистони имрўза аз алифбои лотиниасоси ўзбекӣ истифода мебаранд.

**Худатонро санҷед**

- Алифбо-ин, ...
- Дар алифбои финикӣ... ҳарф буд.

**Маънои истилоҳро донистa гиред**

**Иероглиф** – хатти расмдор, аломатдор.

**Мехxат** – намуди хате, ки рўйи тахтачаҳои лоини аломатҳои ба мех ё фоначаҳо монанд сабт карда мешуданд.

**Савол ва супоришҳо**

1. *Хат чист? Дар бораи нақши хат дар ҳаёти инсоният чиҳоро донистa гирифтед?*
2. *Номҳои хатҳои қадимаро қайд кунед ва оид ба фарқи байни онҳо нақл кунед.*
3. *Кадом омилҳо барои пайдошавии алифбо сабаб шуданд?*
4. *Алифбои финикӣ дар таърихи инсоният чӣ хел рол бозидааст?*
5. *Оид ба алифбоҳои лотинӣ, арабӣ ва кириллӣ-русӣ чиҳоро донистед?*
6. *Халқҳои Ўзбекистон дар замони қадим аз кадом алифбоҳо истифода бурдаанд?*

**КОРИ МУСТАҚИЛОНА**

| Р/т | Алифбоҳо | Кай офарида шудааст? | Шумораи ҳарфҳо | Тартиби навиштан |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Финикӣ | | | |
| 2. | Суғдӣ | | | |
| 3. | Лотинӣ | | | |
| 4. | Арабӣ | | | |
| 5. | Кириллӣ-русӣ | | | |

## § 10. «АВЕСТО» САРЧАШМАИ НАХУСТИНИ ХАТТИИ АҶДОДАМОН

**Дар бораи «Авесто».** Дар асрҳои IX–VIII пеш аз милод дар диёри қадимаи Хоразм дини некӣ – зардуштӣ пайдо шуд. Номи ин дин аз номи асосгузори он Зардушт гирифта шуд. Китоби муқаддаси дини зардуштӣ «Авесто» ном дошт.

Дар китоб Аҳурамаздо («донишманд», «олӣ», «даҳо») худои дунёро офарида эътироф шудааст.

**Дар ёд доред!**

«Авесто» ба забони ўзбекӣ маънои «қонуну қоидаҳои қатъӣ»-ро дорад. «Авесто» 2700 сол пеш дар Хоразм офарида шудааст.

Дар замони подшоҳи ҳахоманишиҳои Эрон Дорои III «Авесто» ба 12 ҳазор пўсти гов бо зарҳал навишта шуда, дар хазина нигоҳ дошта мешавад. Баъдтар ҳангоми юришҳои истилогаронаи Искандари Мақдунӣ қисми зиёди он сўхта шуд. қисмҳои он оиди астрономия, фалсафа ва тиббиёт ба забони юнонӣ тарҷима карда шуданд.



Зардушт.

Аз байни чанд аср гузашта баъди васеъ паҳн шудани дини ислом «Авесто» фаромўш шуд.

«Авесто» оид ба Осиёи Миёна, дар навбати аввал оиди таърихи Ўзбекистон, инчунин урфу одатҳои аҷдодонамон ҳамчун сарчашмаи аз ҳама қадимтарини хаттӣ омўхта мешавад.

**Худатонро санҷед**

♦ «Авесто» – ин,... .

**Мазмуни «Авесто».** Чуноне ки дар «Авесто» таъкид шудааст, дунё бар қувваҳои некӣ ва бадӣ асос ёфтааст.

Тамоми бадиҳоро (мисли марг, зимистони қаҳратун, ҳашароти заракунанда ва ғайра) ҳомии бадӣ Аҳриман мефиристад.

Аҳурамаздо бошад, ҳаётро, некӣ, рўшанӣ ва адолатро ҳимоя мекунад. Дар набарди байни некӣ ва бадӣ алалоқибат некӣ пирўз мешавад. Аммо барои ин инсонҳо бояд дурўғ нагўянд; ба ваъдаи худ вафо намоянд ва ба инсонҳо танҳо некӣ кунанд.

Дар инсон будани ин се хислат баркамолӣ ҳисоб мешудааст. Дорои ин хислатҳо ба тарафдори Аҳурамаздо табдил меёфтанд. Барои он, ки қувваҳои бад зарар наоваранд, одамон ба шуғли деҳқонӣ, парвариши ғалла, чорводорӣ даъват мешуданд ва ин хел меҳнат қадр меёфт.

«Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» ғояи асосии дини зардуштиро ташкил медиҳад.

**Бодиққат хонед!**

Дар замони имрўза ҳам усулияти «Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» дидан мумкин аст, ки он сабақҳои басо ибратбахш дорад.

*Ислом Каримов*

Дар дини зардуштӣ оташ, хок, об ва ҳаво муқаддас ба шумор меравад. Оташ чун манбаи рўшноӣ, хок (замин) чун манбаи ризқу насиба ва обу ҳаво ҳамчун манбаи ҳаёт бар асос гирифта шудааст, эъзоз меёфт. Ҳамин чор унсур асоси тамоми ҳастӣ шумурда мешуданд.

**Худатонро санҷед**

♦ Асоси ғояи дини зардуштиро ... ташкил медиҳад.

**2700 солагии «Авесто».** «Авесто» нафақат мероси нодири мо, балки осори бебаҳои тамаддуни ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Аз ин боис, ташкилоти байналмилалии ЮНЕСКО бо ташаббуси ҳукумати Ўзбекистон соли 1999 дар бораи ҷашн гирифтани 2700 солагии «Авесто» қарор қабул намуд. Соли 2001 ин санаи муборак қайд гардид.

### Савол ва супоришҳо

1. *Дар бораи дини зардуштӣ ва «Авесто» чиҳоро дониста гирифтед?.*
2. *Оид ба мазмуни дини зардуштӣ нақл кунед.*
3. *Чаро дар дини зардуштӣ оташ, хок, обу ҳаво муқаддас дониста шудааст?*
4. *Сето усулияти ахлоқи зардуштиро қайд намоед. Суханони Президенти Ўзбекистон Ислом Каримовро оид ба онҳо биёред.*
5. *Қайд шудани 2700 солагии «Авесто» аз чӣ далолат медиҳад?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

**Оид ба дини зардуштӣ чиҳо медонед?**

*(Ҷадвалро пур кунед)*

| Дини зардуштӣ кай ва дар куҷо пайдо шуд? | Китоби муқаддаси зардуштӣ | Пайғамбари зардуштиҳо | Асоси дини зардуштиро чӣ ташкил медод? | Се рукни ахлоқи зардуштӣ | Ҷашни 2700 солагии «Авесто» |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

# § 11. МУЗЕЙҲО

**Музейҳо чаро заруранд?** Музей муассисаест, ки ёдгориҳои таърихиро нигоҳ дошта, ҳифз намуда, омӯхта ва ба халқ намоиш медиҳад. Музейҳо дар натиҷаи эҳтиёҷи одамон барои ҷамъ намудани чизҳои ёдгориҳои пурарзиш ва баҳри гузоштани онҳо ба авлодҳои оянда пайдо шудаанд.

**Дар ёд доред!**

Ҳама чизҳое, ки дар музейҳо ҷамъ карда шудаанд, коллексияҳо номида мешаванд.

Намуди музейҳо зиёданд. Онҳо музейҳои оид ба таърих, адабиёт ва санъат, техника, тиббиёт, олами ҳайвонот, яроқу аслиҳаи ҳарбӣ ва дигар намудҳои музей мебошанд. Музейҳо аввал дар



**Эрмитаж (Санкт-Петербург).**



**Музейи Лувре (Париж).**

ибодатхонаҳо ташкил карда шуданд. Дар Европа ташкилёбии аксар музейҳо ба асрҳои XIV–XVII рост меоянд. Экспонатҳое, ки музейҳо ҷой гирифтаанд, аҳамияти калони тарбиявӣ доранд.

**Музейҳои машҳури ҷаҳон.** ИМА, Италия, Франсия, Британияи Кабир, Германия, Федератсияи Россия аз ҷумлаи кишварҳоеанд, ки дар онҳо музейҳои машҳури дунё ҷойгиранд.



**Музейи давлатии таърихи Ўзбекистон. (Тошканд).**

Дар байни коллексияҳои музейҳои машҳури дунё, аз ҷумлаи Эрмитажи шаҳри Санкт-Петербурги Россия, Лаври Париж, Британияи Лондон, Уффитсии Италия нусхаҳои нодири чизҳои таърихӣ маҳфузанд. Масалан, дар музейи Луври Париж, ки соли 1546 сохта, аввал вазифаи қасри королро иҷро мекарду имрӯз яке аз музейҳои калонтарини дунё ба ҳисоб меравад, нусхаҳои асли дурдонаҳои санъати Миср, Юнон ва Рим нигоҳ дошта мешаванд.

**Музейҳои Республикаи Ӯзбекистон.** Дар Республикаи Ӯзбекистон низ музейҳо зиёданд. Экспонатҳои ин музейҳо аз экспонатҳои музейҳои машҳури дунё камӣ надоранд.

Ҳоло дар республикаи мо музейи давлатии таърихи Ӯзбекистон, музейи давлатии таърихи Темуриён, музейи санъати Ӯзбекистон, музейи маданият ва санъати халқҳои Ӯзбекистон, музейи ҳифзи саломатии Ӯзбекистон ва дигар музейҳо фаъолият доранд. Дар музейи давлатии таърихи Ӯзбекистон беш аз 250 ҳазор ёдгорӣ мавҷуд аст.



**Музейи давлатии таърихи Темуриён (Тошканд).**

Онҳо ба халқамон ва хориҷиён аз таърихи бойи Ўзбекистон нақл мекунанд. Музейи давлатии таърихи Темуриён соли 1996 ташкил шуд. Баландии бинои музей 31 метр буда, аз се қабат иборат аст. Дар маркази зали намоишии музей ба девор асари аҷиби санъати тасвирӣ офарида шудааст. Ба он «Соҳибқирони бузург-бунёдкори бузург» ном додаанд. Асар аз 3 қисм-қисмҳои «Таваллуд», «Боловарӣ», «Ифтихор» иборат аст.

Дар қисми «Таваллуд» урфу одатҳои вобаста ба таваллуди Соҳибқирон (бобокалон Амир Темур) тасвир шудааст.

Дар қисми «Боловарӣ» шиори соҳибқирон «Ростӣ-растӣ», ки он дар зиндагиаш ҳамеша ба он амал мекард, бо ҳарфҳои заррин сабт шудааст. Инчунин, дар ин қисм машварати Соҳибқирон бо вазирон, лашкаркашон ва олимон инъикос ёфтааст.

Дар қисми «Ифтихор» ғояи аз авлод ба авлод гузашта омадани мероси даври Амир Темур ва темуриён тасвир шудааст.

Музейҳои давлатҳои ҷаҳон ба ташкилоти байналмилалӣ муттаҳид шудаанд. Он Шўрои байналмилалии музейҳо дар таркиби ташкилоти ЮНЕСКО мебошад.

### Маънои истилохро донисто гиред

**Экспонат** – чизҳое, ки дар намоишгоҳи музейҳо гузошта шудаанд.
**Коллексия** – ҷамъи чизҳои дар музейҳо маҳфузбуда.

### Савол ва супоришҳо

*1. Дар бораи вазифаи музейҳо чиҳоро донисто гирифтед?*
*2. Нахустин музейҳо дар куҷо ташкил ёфтаанд?*
*3. Дар бораи музейҳои машҳури ҷаҳон чиҳоро донисто гирифтед?.*
*4. Дар бораи музейҳои Ўзбекистон нақл кунед.*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

Дар бораи музейҳое, ки худатон тамошо кардаед ё аз китобҳо хондаед, ҳикояи мухтасар тайёр намоед.



# Боби IV. ТАМАДДУНҲОИ НАХУСТИН, ШАҲРҲО ВА ДАВЛАТҲО

## § 12. ТАМАДДУНИ НАХУСТИН ДАР ЕВРОПА ВА АМЕРИКА

**Дар бораи тамаддун.** Вақте тамаддун (сивилизатсия) мегӯянд, дараҷаи тараққиёти маданияти ягон халқро дар назар доранд. Аз ин рӯ ба ҷойи калимаи тамаддун аксаран «маданият»-ро низ истифода мебаранд. Такмилёбии олоти меҳнат ва ихтирои техникаи истеҳсолот, шаҳрсозӣ, пайдоиши хат, пешравии илму техника, санъат ва дигарон нишонаҳои инкишофи тамаддун ё маданият аст. Осиё ва Африкаи Шимолӣ (Мисри қадим) марказҳои аввалини тамаддун будаанд. Зери таъсири онҳо дар Европа низ тамаддун инкишоф ёфтааст.

**Крит – гаҳвораи аввалини маданияти Европа.** Олимони бостоншинос (археолог) дар ҷазираи Крити тобеи давлати имрӯзаи Юнон боқимондаҳои шаҳрҳои мансуб ба ҳазорсолаҳои 3–2-юми пеш аз милодро ёфтанд. Деворҳои қасри ин шаҳр андова карда шудаанд. Андова вақте, ки нам будааст, ба рӯйи он расмҳо кашиданд. Дар якчанд хонаҳои қабати пасти қаср устохонаҳо, ярoқхонаҳо, чизҳои қимматбаҳо ва анборҳои озуқаворӣ ҷой гирифтаанд.



**Расми ба девор ҳаккокишуда.**

Критиҳо дар бобати ҳунармандӣ ба комёбиҳо ноил шуда буданд. Ҳафриёти археологӣ аз инкишоф ёфтани ҳунармандӣ, заргарӣ, хонасозӣ ва киштисозӣ далолат медиҳанд.

Комёбиҳои киштисозӣ имкон дод, ки критиҳо флоти савдо ва ҳарбӣ созанд. Флоти савдо

барои бурдани савдо бо давлатҳои Миср ва Бобулистон хизмат мекард.

Критиҳо хатти худро низ доштанд. Хусусан, лабиринтҳои беохири сохтаи онҳо ҳанӯз одамонро ба ҳайрат мегузоранд. Дар онҳо залҳои басо зебои зеризаминии дарозиаш 150–200 метр, бараш 70–150 метр ҳастанд.

**Дар ёд доред!**

Дар ҳазорсолаи 2-юми пеш аз милод дар Крит давлат ташкил ёфт. Он дар Европа аввалин давлат ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи баромадани вулкан дар миёнаҳои ҳазорсолаи 2-юми пеш аз милод маданияти Крит рӯ ба завол овард. Аммо ин фалокат маданияти Критро пурра нобуд накарда буд. Дере нагузашта қабилаҳои юнонии аз нимҷазираи Пелопоннес омада Критро забт карданд.



Киштии савдои микенагиҳо.

**Маданияти Микена.** Дар ҳазорсолаи 2-юми пеш аз милод дар нимҷазираи Пелопоннес шаҳр-давлати Микена барпо карда шуд. Маданияти ин шаҳр-давлат зери таъсири маданияти критиҳо инкишоф ёфт. Ҳафриёти бостоншиносӣ дар Микена хуб пеш рафтани ҳунармандӣ ва савдоро нишон дод.



Олоти меҳнати биринҷӣ.

Яроқу аслиҳаҳои биринҷӣ, чизҳои зебу зиннати тиллоӣ, боқимондаҳои зарфҳои сафолӣ нағз нигоҳ дошта шудаанд. Қалъаҳо ва хонаҳои сангини бунёдкардаи микенагиҳо хеле мустаҳкам буданд.

Дар қисми болоии шаҳр қасри подшоҳ ва хонаҳои табақаҳои давлатманд ҷой гирифтаанд. Дар назди қаср мақбара ҳам ҳаст. Аз мақбара аслиҳаи биринҷӣ ва чизҳои тиллоӣ ёфта шудааст. Дар атрофи шаҳр хонаҳои савдогарон, ҳунармандон ва деҳқонҳо зич ҷойгиранд. Микенагиҳо алифбои Критро ба худ мувофиқ карда гирифта буданд.



**Пирамидаи Майя. Шумораи зинаҳои чаҳор тараф ба шумораи рӯзҳои сол-365 баробар аст.**

**Маданияти Майя.** Дар нимҷазираи Юкатани Америкаи Марказӣ дар байни чакалакзор майяҳо зиндагӣ мекарданд.

Ҳудуде, ки ин мардум зиндагӣ доштанд, табиатан ҷои хеле номуносиб барои ҳаёт буд. Лекин ин мардум бо меҳнати фидокоронаи худ ин диёрро ба ҷои обод табдил доданд. Халқи майя дар қитъаи Америка яке аз намунаҳои маданияти хеле пешрафтаро офаридааст. Инро дар мисоли шаҳри Тикали онҳо низ дидан мумкин. Дар шаҳр қариб се ҳазор иморатҳои гуногун (ибодатхона, расадхона, қасри маросимҳо ва манзилгоҳҳо) сохтанд. Пирамида ва қасрҳои маркази шаҳр ба ҳусни шаҳр ҳусн зам мекард.

Дар ҳазорсолаи якуми милодӣ шаҳр-давлатҳои майяҳо барпо шудаанд. Ҳокимони онҳоро «Инсони бузург» меномиданд. Ҳокимият аз насл ба насл мегузашт. Халқи майя хатти иероглифии иборат аз 300 аломат дошт. Онҳо дар он замон дақиқтарин тақвимро тартиб дода буданд.

Коҳинҳо-ононе, ки дар ибодатхонаҳо хизмат мекарданд, инсони босаводи замони худ буданд. Коҳинҳо вақти дар гирди Офтоб даврзании сайёраҳоро ҳисоб карда баромадаанд. Онҳо гириф-

тани Офтоб ва Моҳро пешакӣ мегуфтанд. Ин маданияти беш аз ҳазор сол умрдида дар оқибати истилои европоиҳо барҳам хӯрд.

**Маданияти инкҳо.** Дар Америка дар ҳудудҳои давлати ҳозираи Перу инкҳо давлати худро ташкил карда буданд. Ҳукмдори олӣ-Инкаи олӣ давлатро идора мекард. Мардони хешу табори Инкаи Олӣ худро «фарзандони Офтоб» мегуфтанд. Чунки инкҳо офтобро худои асосӣ мепиндоштанд. «Писарони Офтоб» дар давлат мансабҳои баландро ишғол мекарданд. Инкҳо усули пешқадами обёриро ташкил карда буданд. Аз харсангҳо иншоотҳои мудофиавӣ сохтанд. Хусусан, ибодатхонаи Офтоби иборат аз деворҳои сангини сеқабата машҳур буд. То нисфи ин деворҳо бо тилло зеб дода шуда буд.



**Хатти инкҳо-кипу.**

Заргарони инкҳо дар ибодатхонаи Кориканча «Боғи тиллоӣ» барпо кардаанд. Ин боғ бо паррандаҳо, шаклҳои ҳайвонҳо ва одамон, ки аз тилло сохта шуда буданд, зеб ёфтаанд. Инкҳо бо роҳи ҳар хел гиреҳ намудани ресмонҳо хатти ба худ хос офарида буданд. Ин хат «кипу» номида мешуд. Дар давлати инкҳо ду намуд муассисаи махсуси таълим фаъолият дошт. Дар яке аз онҳо асилзодаҳо забон, таърих, санъати ҳарбӣ ва идоракунии давлатро меомӯхтанд. Дар муассисаҳои дуюм духтарон мехонданд. Дар онҳо хизматчиёни ибодатхонаҳо ва бонуҳое, ки ҳаёти худро бо асилзодаҳо пайваста буданд, тарбия мегирифтанд. Дар ин муассиса аз шеърият, мусиқӣ ва рақс сабақ дода мешуд.

### Маънои истилоҳро дониста гиред

**Лабиринт** – бинои бузурги ба ҳам монанде, ки хонаҳояш хеле зиёд, роҳравҳояш одамро роҳгум мезанонад.

### Савол ва супоришҳо

1. *Дар бораи гаҳвораи аввалини маданияти Европа-маданияти Крит чиҳоро дониста гирифтед?*
2. *Гаҳвораҳои маданияти Крит ва Микенаро қиёс кунед. ҷиҳатҳои монандӣ ва ба худ хоси онҳоро ёбед.*
3. *Дар бораи маданияти Майя нақл кунед.*
4. *Оид ба маданияти инкҳо чиҳо дониста гирифтед?*

# § 13. ПАЙДОИШИ ШАҲРҲОИ ҚАДИМ

**Пайдоиши шаҳрҳо.** Вақте шаҳр мегӯем, манзилгоҳи бузурги ободро мефаҳмем. Пайдоиши шаҳрҳо бевосита бо ривоҷу равнақи ҳунармандӣ ва савдо вобаста аст.

Шаҳрҳои аввалини дунё дар ҳазорсолаҳои 5–3-юми пеш аз милод дар Шарқ-дар кишварҳое аз қабили Байнаннаҳрайн, Миср, Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон ва Хитой пайдо шудаанд.

Ҷойҳои зисти ҳунармандон ва савдогарон серодам шуда мерафтанд. Бо мурури вақт ин ҷойҳои пуродам ба шаҳрҳо табдил ёфтанд. Шумораи бозорҳои калон-калон дар шаҳрҳо меафзуданд. Бо гузашти замон шаҳрҳо ба маркази илму фан низ табдил ёфтанд.




**Шаҳрҳои Мисри қадим.**

**Шаҳри Мемфис.** Шаҳри Мемфис – пойтахти давлати Мисри қадим яке аз шаҳрҳои қадимтарин буд.

Ин шаҳр аз тарафи подшоҳ Менес, ки Мисрро ба давлати ягона муттаҳид карда буд, сохта шуд. Шаҳр маркази калони маданӣ ва ҳунармандӣ ҳам буд. Ҳокимони давлати Мисрро фиръавн меномиданд. Фиръавнҳо бо мақсади нишон додани қудрати худ мақбараҳои бузурги шаклашон пирамида сохтанд. Подшоҳони фавткарда дар ҳамин мақбараҳо дафн мешуданд. Дар назди мақбараҳо аз харсанги бузургу том яке аз фиръавнҳо дар шакли сфинкс тасвир шудааст. Баландии он аз 20 метр зиёд буд.



**Сфинкс.**

Сфинс дар одамон ҳисси тарсу ваҳм меовард. Аз ин боис он «падари даҳ-

шат» ном гирифта буд. Мақбара ва сфинкс фикри «подшоҳон худои тавоноянд»-ро ба мисриён ёдрас менамуд. Дар шаҳр ибодатхонаҳои бузург сохта шуданд. Барои бовар кунонидани одамон ба қудрати худо ва фиръавнҳо дар назди ибодатхона ё дохили он ҳайкалҳои фиръавнҳо, ки аз қадди одам 5–6 баробар бузург буд, барпо карда буданд. Дар девору сутунҳо расмҳои онҳо инъикос мешуданд.

**Шаҳри Бобул.** Бобул ҳам яке аз шаҳрҳои қадимтарин буд. Ҳудуди бунёдшудаи он ба таркиби давлати Ироқи имрӯза дохил мешавад.

**Дар ёд доред!**

Калимаи «Бобул» маънои «Дарвозаи худоро» дорад.

Ин шаҳр пойтахти давлати Бобули қадим буд. Давлат ҳам номашро аз ин шаҳр гирифта буд. Шаҳр хусусан дар даври подшоҳии Хаммурапи ба машҳуртарин шаҳри Осиё табдил ёфт. Аммо он дар натиҷаи хуҷумҳои душманон чанд бор вайрон гардид.

Дар даври Навуходоносори II Бобул ба яке аз давлатҳои пурзӯри Осиё табдил ёфт. Дар маркази шаҳр ибодатхонаи 7 қабата, баландии манорааш 90 метрӣ сохта шуд. Бино ба ақидаи бобулиҳо ин манора то осмон расида будааст. Тақдири шаҳр дар асрҳои оянда фоҷиавӣ анҷомид. Масалан, онро аввал Эрон, баъд Искандари Мақдунӣ истило кард.



**Навуходоносори II.**

**Шаҳри Ниневия.** Шаҳри Ниневия ҳам яке аз шаҳрҳои бостонии дунёст. Ба он дар соҳили дарёи Даҷлаи имрӯза асос гузошта буданд. Ҷойи ин шаҳр ҳам дар ҳудуди давлати Ироқи имрӯза аст. Аз он, ки роҳҳои савдо дар чорраҳа ҷойгир буданд, барои пешрафти он шароит хеле мусоид буд. Баъдтар он ба пойтахти Ассурияи қадим табдил ёфт. Замоне, ки Ассурия давлати таво-

но гардид, шаҳр номи «Пойтахти ҷаҳон»-ро гирифт. Вале ҷангҳои байниҳамдигарии подшоҳон Ассурияро беҳол намуданд. Соли 612 пеш аз милод давлати Бобул онро торумор кард. Дар ин ҷанг Ниневия яксон гардид.

**Шаҳри Афина.** Ин шаҳр дар Юнон қомат рост кард, он номи маъбудаи дониш ва хирад Афинаро гирифт. Аҳолии шаҳр Афинаро ҳомии худ медонистанд. Бо мурури вақт Афина ба шаҳри пешрафтаи Европа табдил ёфт. Дар шаҳр илму фан хеле қадр меёфт.

Афинагиҳо чунин маданияте офариданд, ки аҳли дунё ҳавас мекард.



**Ҳайкали маъбудаи Афина.**

**Дар ёд доред!**

Шаҳри Афина пойтахти давлати Юнони ҳозира аст.

**Шаҳри Спарта.** Шаҳри Спартаи дар ҳудуди Юнони қадим бунёдшуда яке аз шаҳрҳои азими он давр буд. Спартаро шӯрои ришсафедон идора мекард. Аъзоёни ин шӯро дар маҷлиси юнониёни Спарта интихоб мешуданд. Қумондонҳои лашкари Спарта низ аъзои ин шӯро буданд. Шӯро корҳои муҳимро ҳал мекард. Шахсони айбдорро ҳам шӯро суд менамуд.

**Шаҳри Рим.** Бино ба қайди сарчашмаҳо ба пойтахти давлати Италияи имрӯза шаҳри Рим дар соли 753-уми пеш аз милод асос гузошта шуда буд. Баъдтар шаҳр ба пойтахти давлати Рим табдил ёфт.

Давлат низ номи шаҳрро гирифт. Бо мурури вақт шаҳри Рим яке аз шаҳрҳои хеле тараққикардаи дунё гардид.

Ба шаҳр ба воситаи қубурҳо аз кӯҳҳо об меоварданд. Дар шаҳр ибодатхонаҳо, қасрҳо ва ҳайкалҳо бунёд шуда буд. Шаҳри Рим имрӯз пойтахти Республикаи Италия мебошад.



**Яке аз театрҳои дар Рим сохташуда (Колизей).**

### Маънои истилоҳро дониста гиред

**Сфинкс** – ҳайкали ҷонзоти афсонавие, ки танааш ба шер, сараш ба сари одам монанд аст. Он рамзи қудрати фиръавн буд.

**Маъбуда** – зан ё духтаре, ки дар тимсоли он худо тасаввур карда мешуд.

**Фиръавн (хонаи бузург, қасри подшоҳ)** – унвони ифодагари бузургвории подшоҳони Миср.

### Савол ва супоришҳо

1. *Дар бораи пайдоиши шаҳрҳо чиҳоро дониста гирифтед?*
2. *Шаҳрҳои Мемфис, Бобул ва Ниневияро қиёс кунед. Ҷиҳатҳои монанд ва фарққунандаи онҳоро аниқ намоед.*
3. *Оид ба шаҳрҳои Афина ва Спарта чиҳо медонед?*
4. *Маълумотҳоро оид ба шаҳри Рим бо маълумотҳо оиди шаҳри Афина қиёс намоед.*

### КОРИ МУСТАҚИЛОНА

«Шаҳрҳои қадими дунё»:

**1.** Ҷиҳатҳои умумии хоси шаҳрҳои Мемфис, Бобул, Афина ва Рим чист?

*а) ... ;*

*б) ... .*

## § 14. ДАВЛАТҲОИ ҚАДИМИ ДУНЁ

**Давлатҳои қадими Миср ва Бобул.** Давлат ташкилотест, ки дар ҳудуди муайян одамони ҷамъшударо (ҷамъияти инсониро) бо қувваи қонун идора мекунад. Қонун бошад тартибу қоидаҳоест, ки аз тарафи давлат муқаррар карда шуда, ба он итоат кардани ҳама шарт аст. Давлати нахустин дар ҳудуди Мисри қитъаи Африка дар ибтидои ҳазорсолаи 4-уми пеш аз милод ташкил ёфтааст. Онҳо шаҳр-давлатҳои хурд-хурд буда, «номҳо», сарварони давлат «номархҳо» номида мешуданд. Баъд ба ҷойи ин давлатҳо дуто давлати калон ташкил ёфт. Бо мурури вақт ин ду давлат ба давлати ягона муттаҳид шуданд. Шаҳри Мемфис пойтахти давлат гардид. Подшоҳи давлат фиръавн ном дошт.

Ҳаёти дохилии давлат бе ҷангҳои байниҳамдигарӣ намегузашт. Ҷангҳо тӯл кашида Мисрро заиф сохтанд. Баъд Мисрро аввал

Эрон, сипас Александри Мақдунӣ, баъди он давлати Рим истило кард.

Дар қитъаи Осиёи начандон дуртар аз Миср дарёҳои Фурот ва Даҷла мавҷуд. Байни ин ду дарё дар қадим Месопотамия (Байнаннаҳрайн) ном дошт. Замини Байнаннаҳрайн хеле серҳосил буд. Одамон ин ҷойҳоро ба бошишгоҳҳои худ табдил доданд.



**Давлатҳои байни ду дарё.**

Дар ҳазорсолаи 2-юми пеш аз милод дар Месопотамия давлати Бобул ташкил шуд. Дар замони ҳукмронии подшоҳ Хаммурапи Бобул ба яке аз давлатҳои пурқудрат табдил ёфт. Ӯ тамоми Месопотамияро ба Бобул тобеъ кард.

**Пайдоиши давлат дар Хитой ва Ҳиндустони қадим.** Дар ҳазорсолаи 2-юми пеш аз милод дар соҳилҳои дарёи Хуанхеи Хитой давлатҳои нахустин ташкил ёфтанд. Бо гузашти вақт шумораи онҳо зиёд шуданд. Байни онҳо муттасил ҷангҳои беамон давом мекарданд.

Дар байни онҳо қувваҳое ҳам буданд, ки нияти муттаҳид кардани Хитойро доштанд. Давлати Син яке аз онҳо буд. Подшоҳи он Син Ши Хуанди дар асри III пеш аз милод Хитойро ба давлати ягона муттаҳид намуд.



**Ҳиндустони қадим.**

Дар Хитой илмҳои астрономия, зироаткорӣ, тиббиёт, ҷуғрофия инкишоф ёфта буд. Чойеро, ки ҳама дӯст дошта менӯшанд, хитойиҳо парвариш мекарданд.




**Инкишофи рақамҳо.**

Қутбнамо (компас)-ро ҳам аввалин шуда хитойиҳо ихтироъ карданд.

Олимони Хитой таърихи кишвари худро бо ҷидду ҷаҳд навиштаанд. Ба муаррих Сима Сян (охири асри II-ибтидои асри I-и пеш аз милод) амалӣ кардани ин кор насиб шуд. Ӯ бо китоби «Ёдномаҳои таърихӣ» дар таърих монд.

Дар Ҳиндустон давлати нахустин дар ҳазорсолаи якуми пеш аз милод ташкил ёфт.

Дар асри III-и пеш аз милод ба подшоҳ Ашока муяссар шуд, ки Ҳиндустонро ба давлати ягона муттаҳид кунад.

Ҳиндуҳо дар соҳаи илму фан ба комёбиҳои бузург ноил шуда буданд. Хусусан, онҳо даҳто рақамеро, ки бо «0» (сифр) сар мешавад, кашф намуданд. Дар натиҷаи он бо ёрии даҳто рақам шумораи дилхоҳро ифода кардан мумкин. Ин кашфиёт то имрӯз ба халқҳои дунё хизмати басо бузург мекунад.

## Маънои истилоҳҳоро дониста гиред

**Астрономия** – фаннест, ки пайдоиш, сохт ва ҳаракати ҷисмҳои осмониро меомӯзад.

**Тиббиёт** – маҷмӯи донишҳоест оиди беҳдошти саломатии инсон, пешгирии бемориҳо ва даво кардани онҳо.

## Савол ва супоришҳо

*1. Чӣ будани давлатро эзоҳ диҳед.*
*2. Мулоҳаза ронед: чаро ҷамъи одамон (ҷамъияти инсонҳо)-ро бе қонун идора кардан мумкин нест?*
*3. Омилҳоеро,ки сабаби пайдоиши давлат шуданд, қайд кунед.*
*4. Оид ба давлатҳои Миср ва Бобули қадим чиҳоро медонед?*
*5. Шахсони таърихиро, ки Хитой ва Ҳиндустони қадимро ба давлати ягона муттаҳид кардаанд, қайд намоед.*
*6. Комёбиҳоеро, ки Хитой ва Ҳиндустони қадим ба онҳо ноил шуданд, қиёс намоед.*

## § 15. ҲАФТ МӮЪҶИЗАИ ДУНЁИ ҚАДИМ

**Оид ба ҳафт мӯъҷиза.** Бино ба сарчашмаҳои қадим, аз ҷумлаи иншоотҳои дар кишварҳои атрофи баҳри Миёназамин бунёд гардида, ба маҳобат ва зебоии худ одамони он замонро ба ҳайрат мегузоштанд,ҳафттояшро «Ҳафт мӯъҷизаи дунёи қадим» номидаанд.

**Эҳромҳои Миср.** Дар Мисри қадим барои ҷасади фиръавни фавтида аввал «хона»-и махсус-тобут месохтанд. Ин хел «хона» (тобут) саркофаг номида мешуд. Ҷасади мӯмиёшудаи фиръавн дар он гузошта мешуд. Баъд ин саркофагро дар ҷойи доимиаш-мақбараи сангин мемонданд. Ҳамин гуна мақбараҳоро эҳромҳо меномиданд. Фиръавнҳои Миср дар вақти ҳаёт будан барои худ дар шакли пирамида аз сангҳои бузург эҳромҳо месозонданд. Чуноне ки дар китобҳо зикр шудааст, фиръавн Хуфу (юнониён онро Хеопс мгӯянд) эҳроми аз ҳама калонро созонда будааст. Барои сохтани эҳроми Хуфу 2 миллиону 500 ҳазор санг сарф шудааст. Вазни санги аз ҳама хурд 2,5 тонна будааст.



Эҳромҳои Миср.

Сангҳои эҳром чунин сайқал ёфтаанд, ки агар якеашро болои дигар гузоранд, зич мечаспиданд.

**Боғҳои овезони Семирамида.** Бино ба қайди муаррихи Юнони қадим Геродот боғҳои овезони Семирамидаро ҳукмдори Ассурия-малика Семирамида (исми аслиаш Шаммурамат) дар асри VIII пеш аз милод бунёд кардааст. Боғ дар шакли суфра сохта шудааст. Ин суфраҳоро сутунҳо бардоштаанд. Болои суфра хок партофта, дар он гулҳои рангоранг, кӯчатҳо шинонданд. Ба ҳар қабати боғ бо ёрии зинапоя мебаромаданд. Ҳар рӯз ҳазорон ғуломон ба баландӣ об мекашонданд. Сояи дарахтҳои сабзи боғ, оби аз боло шилдироску-



Боғҳои овезони Семирамида.

нон ҷоришуда мўъҷизаи ҳақиқӣ буд. Баъдтар ин боғро подшоҳи Бобулистон Навуходоносори II вайрон кард.



Худои Олимп Зевс.

**Ҳайкали худои Олимп Зевс.** Бино ба афсонаҳо худоҳои Юнон дар кўҳи Олимп зиндагӣ мекардаанд. Зевс худои олӣ, «падар»-и худоҳо ва одамон ҳисоб мешуд. Номи ў маънои «осмони рўшан»-ро дошт. Юнониҳо ба шарафи Зевси тавоно дар чаҳор сол як маротиба мусобиқаҳои машҳури варзишӣ-бозиҳои Олимпӣ мегузаронданд.

Юнониҳо ба шарафи Зевс ибодатхона ва ҳайкал бунёд карданд. Подшоҳи худоён Зевс дар ҳолати дар тахт нишастан тасвир шудааст. Зевс дар дасти рост ҳайкали маъбуда Ника, дар дасти чап асои подшоҳии дорои уқоби муқаддас дорад. Ў либоси зарин дар бар, танааш аз устухони фил тарошида, чашмонаш аз сангҳои қиматбаҳо сохта шудааст. Баландии ҳайкал 12 метр буд. Ҳайкал чунон бомаҳобат офарида шудааст, ки касе онро тамошо кунад, аз ташвишу ғами зиндагӣ фориғ мегардид.



Ибодатхонаи маъбуда Артемида.

**Ибодатхонаи маъбуда Артемида.** Дар шаҳри Эфес (ҳоло ин шаҳр дар ҳудуди Туркия аст) ба шарафи маъбуда Артемида ибодатхонае сохта шудааст, ки бинандаро ба ҳайрат мегузорад.

Бино ба афсонаҳо Артемида духтари Зевс будааст. Ў маъбудаи ҳосилнокӣ, шикор ва Моҳ будааст. Дар айни замон ҳомии ҳайвонот, мададгори занҳо ҳисоб мешуд. Боми ибодатхонаро сутунҳои аз харсангҳо сохташудаи 18 метрӣ бардошта истода-

анд. Дар дохили ибодатхона асарҳои аҷиби рассомони Юнон ҷой гирифтаанд.

**Ҳайкали худои Офтоб Гелиос.** Дар асри III-юми пеш аз милод аҳолии шаҳри Родос ба хотири аз муҳосираи яксола халос шудани шаҳр қарор карданд, ки ба шарафи худои Офтоб Гелиос ҳайкал гузоранд. Ҳайкал аз мис сохта шуда, баландиаш 35 метр буд.



Ҳайкали худои Офтоб Гелиос.

Онро ҳайкалтарош Харос дар байни 12 сол бунёд кард. Дар ҳайкал сари худои Офтоб Гелиос гӯё ба Офтоб расида бошад, тасвир ёфтааст.

**Машъали Александр.** Дар соли 283-юми пеш аз милод мӯъҷизаи аҷиби он замон машъали Александр бунёд гардидааст. Машъал бехатарии киштиҳоро дар бандаргоҳи шаҳри Александрия таъмин кардааст.

Баландии он 120 метр будааст. Қисми аз ҳама баланди он бо гумбаз пӯшонда шудааст. Болои гумбаз ҳайкали 7 метраи «худои баҳр» Посейдон гузошта шудааст. Гумбазро сутунҳои аз санги граните сайқалёфта бардошта истодаанд.



Машъали Александр.

Дар қисми болоии он оташи машъал дар мегирифт ва шабона дар баҳр аз дур намоён буд.

Машъал вазифаи нуқтаи мушоҳидаи атрофро низ иҷро мекард.

**Мақбараи Галикарнас.** Дар Осиёи хурд вилояти Карий будааст. Пойтахти он шаҳри Галикарнас буд. Он шаҳри хеле бой ва зебо будааст. Мақбараи Галикарнасро ба шарафи подшоҳ Мавсол, ки дар соли 353-юми пеш аз милод вафот кардааст, созонда буданд. Ин бино вазифаи ҳам мақбара, ҳам ибодатхонаро иҷро мекард.

Бари мақбара 66 метр, дарозиаш 77 метр, баландиаш 46 метр будааст. Аз онн ҳафт ҳафт мўъҷиза танҳо эҳромҳои Миср то рўзҳои мо расидаанд.



Мақбараи Галикарнас.

### Маънои истилоҳҳоро дониста гиред

**Машъал** – манораи оташдоре, ки барои ба киштиҳо нишон додани роҳ ва самт дар соҳили баҳр муҷаҳҳаз намуда, сохта мешуд.

**Мақбара** – бинои боло қабр.

**Родос** – номи яке аз ҷазираҳои баҳри Миёназамин. Ин ҷазира ҳоло дар ҳудуди Юнон мебошад.

### Савол ва супоришҳо

*1. Кадом обидаҳои дунёи қадим «ҳафт мўъҷиза» номида мешуд?*
*2. Эҳромҳои Миср ба кадом мақсад сохта шуданд?*
*3. Боғҳои овезони Бобул ба шарафи кӣ бунёд шуда буд?*
*4. Оид ба ҳайкали Зевс нақл кунед.*
*5. Чаро ба шарафи маъбуда Артемида ибодатхона созонда шуд?*
*6. Оид ба мақбараи Галикарнас чиҳоро донйста гирифтед?*

## § 16. ДАВЛАТҲОИ ҚАДИМ ДАР ҲУДУДИ ЎЗБЕКИСТОН

**Аҷдоди қадими мо.** Сакҳо, массагетҳо ва суғдҳо, ки дар ҳудуди Ўзбекистон мезистанд, аҷдоди мо буданд. Дар китобҳои олимони Юнон ва Рими қадим дар бораи тарзи зист ва фаъолияти меҳнатии онҳо маълумотҳо мавҷуданд. Аз ҷумла, муаррих Ҳеродот чунин навиштааст:



Ҳеродот.

«Массагетҳо ҳама чизҳоро, ҳатто найза, тиру камон ва табарзинҳоро ҳам аз тилло ва мис месозанд. Кулоҳи сар, камарбанд, узангиҳо ва лаҷоми аспашон низ аз тилло буд. Сипари синаашон аз мис. Онҳо нуқра ва оҳанро истифода намебаранд. Онҳо конҳои зиёди тилло ва мис доранд».

Чуноне ки дар сарчашмаи хаттӣ таъкид шудааст, сакҳо дар соҳилҳои Сирдарёи имрӯза, вилояти Тошканд ва заминҳои ҷанубии Қазоқистон, водии Фарғона, массагетҳо дар заминҳои поёноби Амударёи ҳозира ва заминҳои ба он наздик, суғдҳо дар воҳаи Зарафшон ва Қашқадарёи ҳозира зиндагӣ мекарданд.

Аҷдоди мо бо деҳқонии обёришаванда ва чорводорӣ, ҳунармандӣ машғул буданд.

**Давлати Хоразм.** Дар асри VII-и пеш аз милод дар ҳудуди Ўзбекистони ҳозира давлати Хоразм ва Бохтар ташкил ёфта буд.

Яке аз марказҳои Хоразми қадим шаҳри Кўзалиқир буд. Он бо деворҳои ғафс ва мустаҳками мудофиавӣ иҳота шуда буд.

Тупроққалъа, ки дар асрҳои II—III-и милодӣ бунёд шуд, яке аз шаҳрҳои бузурги давлати Хоразм будааст. Бостоншиносон дар яке аз хонаҳои қасри шоҳон дар ин шаҳр ҳайкали подшоҳеро ёфтанд, ки дар сар тоҷ, дар даст уқоб дошта буд.

Дар қаср инчунин «толори ҷанговарон», «толори ғалабаҳо» низ будааст. Дар давлати Хоразм барои пеш бурдани зироаткории




**Харитаи давлатҳои Хоразм, Бохтар ва Суғд.**





Тангаҳои Хоразм.

обёришаванда бо мақсади аз Амударё баровардани об иншоотҳои махсус сохта будаанд.

Дар Хоразми қадим ҳунармандӣ, бинокорӣ ва савдо хел пеш рафта буд. Зумрадро аз кӯҳҳо канда гирифта, онро сайқал дода, ҳар хел чизҳо тайёр мекарданд. Онҳо ба кишварҳои Эрон, Хитой, Ҳиндустон, Миср фурӯхта мешуданд.

Аз фузулоти қимматбаҳо тангаҳо сикка мезаданд. Давлати Хоразми қадим таҳкурсии нахустини давлатдории ӯзбек буда, таърихи 2700-сола дорад.

**Инро бодиққат хонед!**

Таҳкурсии давлатдории ӯзбек 2700 сол аз ин муқаддам айнан дар воҳаи Хоразм гузошта шудааст. Таърихи Хоразм тасдиқи асоси давлатдории ӯзбек, қудрат ва қадим будани он аст.



Кӯрғони хонаҳои Бохтари қадим.

**Давлати Бохтар.** Давлати Бохтар дар ҷануби Ӯзбекистони имрӯза ҷойгир шудааст.

Бохтар, Қизилтепа шаҳрҳои калони Бохтар буданд.

Шаҳри Бохтар пойтахти давлати Бохтар буд. Он бо деворҳои баланду мустаҳками мудофиавӣ иҳота шуда буд. Дар дохили шаҳр қалъаи мустаҳками подшоҳ ҷой гирифта буд. Дар Бохтар тилло, лаъл барин маъданҳои қиматбаҳо истеҳсол мешуданд. Маҳсулоте, ки аз лаъли Бохтар тайёр мешуд, ба кишварҳои Хитой, Ҳиндустон, Миср фурӯхта мешуданд. Истихроҷи маъданҳои қиматбаҳо

ба инкишофи заргарӣ, ҳунармандии бадеии кишвар оварда расонд.

**Давлати Суғд.** Воҳаи Зарафшон ва Қашқадарё Суғдиёна ном дошт. Баъдтар дар ин ҳудуд давлати Суғд ташкил ёфт.

Аҳолӣ асосан бо деҳқонӣ машғул буд. Деҳқонӣ ба обёрии сунъӣ асос ёфта буд. Афросиёб (қисми шарқии шаҳри имрӯзаи Самарқанд) шаҳри марказӣ буд.

Дар ҳаёти аҳолӣ ҳунармандӣ ва савдо низ мақоми калон дошт.

Суғд низ бо дигар давлатҳои Осиё робитаҳои савдоӣ дошт.

### Ҷойҳои таърихиро дониста гиред

**Қизилтепа** – яке аз шаҳрҳои қадимӣ дар ҳудуди вилояти Сурхондарё.

### Савол ва супоришҳо

1. *Дар бораи аҷдодони қадимамон чиҳоро дониста гирифтед?*
2. *Оид ба давлати Хоразми қадим нақл кунед.*
3. *Давлати Бохтар кадом шаҳрҳоро дошт?*
4. *Оид ба давлати Суғд чиҳоро дониста гирифтед?*

## СУПОРИШИ МУСТАҚИЛОНА

Бо ёрии падару модаратон барои эзоҳ додани мафҳуми «Таърихи давлатдорӣ» ҳаракат намоед.



# Боби V. САВДО ВА АЛОҚА

## § 17. ТАНГАҲО ГУВОҲИ ТАЪРИХАНД

**Тангаҳои нахустин.** Дар ҳаёти халқҳои дунё аҳамияти пул калон аст Он дар тӯли ҳазорсолаҳо ба инсонҳо чун воситаи муовиза (ивазкунӣ) хизмат карда омадааст.

Дар таърихи инсонӣ даврҳое, ки пул набуд, низ будааст. Одамон аввал чизҳои истеъмолиашонро худашон истеҳсол мекарданд.

Бо мурури замон аз деҳқонӣ чорводорӣ ва ҳунармандӣ чун навъи алоҳидаи фаъолият ҷудо шуд, ки он омили пешравии савдо гардид. Акнун онҳо чизи истеҳсолкардаашонро байни худ иваз менамуданд. Ҳамин тариқ, ҳоҷати якдигарро мебароварданд.

Болоравии алоқаҳои савдоӣ, зиёдшавии шаҳрҳо зарурияти офаридани воситаи осони ивазкуниро барои инсон-яъне пулро тақозо намуд. Пул-тангаи аввалини аз металл сохташуда (мис, нуқра ва тилло) ҳамин тариқ пайдо шуд.

**Дар ёд доред!**

**Танга** (туркӣ – аз калимаи тамға гирифта шудааст) – пули металиест, ки дар он рамзҳои махсус буда, ба вазну қимати муайян соҳиб аст.

Олимони бостоншинос тангаҳои аввалин дар асрҳои VIII–VII пеш аз милод дар давлати Лидия (Осиё) пайдо шуданашро аниқ кардаанд.

Дар ҳудуди Лидия тилло зиёд буд. Тангаи аз тилло сиккашудаи (зарбшуда) ин давлат **стартер** ном дошт.

Дар даври подшоҳи Эрон Дорои I пули тангаи дар он замон машҳур «дарик» ҷорӣ шудааст. Ҳар як ин танга аз 8,4 грамм тиллои соф сохта шуда буд.

**Тангаҳо аз таърих гувоҳӣ медиҳанд.** Тангаҳо пеш аз ҳама ба аз кадом металл сохта шуданашон нигоҳ карда оиди давлатҳои сикказада, сарвати зеризаминии онҳо гувоҳӣ медиҳанд. Сониян, аз вазни тангаҳо ва усулу сифати сикка задани онҳо дарак медиҳанд.

Сеюм, аз хусуси номи давлат, номи подшоҳ, вақти ба тахт нишастани он ва солҳои ҳукмрониаш маълумот медиҳанд.

Чаҳорум, тангаҳои ин ё он давлатро дар ҳудуди дигар давлатҳо ёфта, аз хусуси ин давлат бо кадом давлатҳо алоқаҳои савдоӣ дошт, дар савдои беруна пули кадом давлат роли асосӣ мебозид, гувоҳӣ медиҳанд.

**Тасвири рамзҳо дар тангаҳои қадим ва замонавӣ.** Дар замонҳои қадим ба тангаҳо рамзҳо ва суратҳои подшоҳон инъикос карда мешуданд. Инчунин, унвони подшоҳ, исмаш ва тамғааш, номи давлат ё шаҳре, ки тангаро баровардааст, соли сиккашудааш навишта мешуд.

Масалан, дар як тарафи пули тангаи подшоҳии Лидия – стартер **рӯбоҳи** давон тасвир шудааст. Чунки рӯбоҳ тасвири рамзии худои асосии лидиягиҳо – Бассарей аст.

Подшоҳони як қатор давлатҳо барои абадӣ кардани номи худ дар тангаҳо акси худро ҷойгир кардаанд. Масалан, Дорои I, Искандари Мақдунӣ, подшоҳи Рим Юлий Сезар, Юнону Бохтар-Евкратид ва тангаҳои сикказадаи дигарон далели он аст.



**Тангаҳои давлати Юнону Бохтар.**



**Тангаи Искандар.**



**Тангаи Евкратид.**




**Тангаҳои юбилейии Ўзбекистон.**




**Тангаи ҷашнии Тошканд.**

Дар тангаҳои замони мо низ анъанаи акс намудани рамзҳои гуногун давом дорад.

Воҳиди пули Республикаи Ўзбекистон-сўм 1-уми июли соли 1994 ба муомила ҷорӣ карда шуд. Бо мурури вақт пулҳои тангагии 10, 25, 50, 100-сўма сикка зада шуд.

Дар қисми рўяи ин тангаҳо чанд сўм будани он, дар ақибаш бошад, ибораи «Ўзбекистон Республикаси», герби давлатамон акс ёфтааст.

Ба муносибати ҷашнҳои (юбилей) алломаҳои машҳурамон низ пулҳои тангагӣ бо тасвири онҳо баромадааст.

Масалан, соли 1996 ба муносибати ҷашни (юбилейи) 660-солагии бобоямон Амир Темур, соли 2009 ба муносибати 2200-солагии шаҳри Тошканд пули тангаи 100-сўма сикка зада шуд.

### Маънои истилоҳро дониста гиред

**Юбилей** – ҷашн гирифтани солгарди муайяни воқеаҳои таърихӣ, шахсони бузурги таърихӣ.

### Савол ва супоришҳо

1. *То пайдоиши пулҳо корҳои савдо чӣ хел ба роҳ монда шуда буд?*
2. *Оид ба пулҳои нахустини тангагӣ чиҳоро дониста гирифтед?*
3. *Чаро тангаҳо аз таърих гувоҳӣ медиҳанд?*
4. *Рамзҳои гуногун, расмҳо ва санаҳо, ки дар тангаҳо инъикос мешаванд, чӣ маъно доранд, эзоҳ диҳед.*
5. *Оид ба пулҳои тангагии давлати Ўзбекистон чиҳоро дониста гирифтед?*

# § 18. РОҲҲОИ САВДО

**Роҳҳои савдоии корвонҳои қадим.** Корҳои савдо дар ҳаёти одамони тамоми даврҳо аҳамияти калон доштанд. Алоқаҳои савдоӣ ба тараққиёти иқтисодии давлат таъсири калон ҳам дошт.

Аз ин сабаб кишварҳои гуногун аз савдои фоиданоки байни ҳамдигар манфиатдор буданд. Ин омил дар замонҳои қадим ҳам ба кушодани роҳҳои савдо оварда расонд. Кишварҳое, ки аз онҳо роҳҳои савдо мегузаштанд, дар атрофи роҳҳо барои савдогарон тамоми шароитро муҳайё месохтанд. Барои таъмини амнияти онҳо ва молашон чораҳо медиданд.

Яке аз роҳҳои қадимии савдо «Роҳи лаъл» ном дошт. Ин роҳ дар ҳазорсолаҳои 3—2-юми пеш аз милод кушода шуда буд.

**Дар ёд доред!**

Аз сабаби он, ки аз ин роҳ санги қимматбаҳои лаъл мекашониданд, онро «Роҳи лаъл» номиданд. Онро лоҷуворд ҳам мегуфтанд.

«Роҳи лаъл» аз кӯҳҳои Помир сар шуда, аз Эрон, Байнаннаҳрайн ва Миср мегузашт. Чизҳои аз сангҳои лаъл сохташуда ҳатто аз мақбараҳои (эҳромҳои) фиръавнҳои Миср ҳам ёфта шуданд.

Дигаре аз роҳҳои машҳури савдоиро «Роҳи шоҳ» мегуфтанд. Ба он шоҳи Эрон Дорои I асос гузошта буд. Вайро шоҳони Эрон назорат мекарданд. «Роҳи шоҳ» ду самт дошт, якумаш шаҳрҳои гуногуни соҳили баҳри Миёназаминро бо Эрон мепайваст, дигараш аз Эрон ва Бохтар гузашта, ба Олтой ва Ҳиндустон мерафт.

**Роҳи бузурги абрешим.** Роҳи бузурги абрешим дар асри II-юми пеш аз милод кушода шуд. Он 12000 км. дарозӣ дошт. Ин роҳ танҳо роҳи савдо набуда, дар як вақт роҳи алоқаҳои маданӣ байни халқҳои дунё ва робитаҳои байни давлатӣ ҳам буд. Роҳ аз шаҳри Сиан, ки дар соҳили дарёи Хуанхеи Хитой ҷой гирифтааст, сар мешуд.

Роҳ ду самт дошт. Самти якум аз Хитой то Самарқанд буд. Дар Самарқанд роҳ ба ду ҷудо мешуд.




**Роҳи бузурги абрешим.**

Яке ба воситаи Эрон то баҳри Миёназамин, дигаре ба воситаи Кавкази Шимолӣ то баҳри Сиёҳ мерасид.

Самти дуюм аз Хитой сар шуда, аз кӯҳҳои Помир-Тяншон гузашта ба Афғонистон, аз он ба Ҳиндустон гузашта мерафт.

**Дар ёд доред!**

Калимаи «бузург» нисбати роҳ хеле дароз будани онро ва ба тақдири бисёр халқҳо алоқаманд буданашро мефаҳмонад. Калимаи «абрешим» ба воситаи ин роҳ кашонидан абрешимро ифода мекунад.

Маҳсулоти шоҳӣ (абрешим) халқҳои Европаро хеле мафтун сохта буд. Он замон Европа чӣ будани шоҳиро намедонист. Аҷдодони мо ва хитойиҳо аз шоҳӣ матоъҳои аҷоиб тайёр мекарданд. Ин матоъҳо европоиҳоро дар ҳайрат мегузошт. Бино ба баъзе манбаъҳои хаттӣ бастаи шоҳӣ вазифаи пулро ҳам иҷро мекарда-



**Бозоре дар Роҳи бузурги абрешим.**

аст. Роҳи бузурги абрешим аз ҳудуди кадом давлат гузарад, подшоҳони он давлат дар лаби роҳ истгоҳҳо, корвонсаройҳо месозонданд. Бехатарии роҳро таъмин мекарданд.

Чунки ба шарофати ҳамин роҳ корҳои савдои ин давлат низ пеш мерафт. Соҳибони корвонҳои савдо боҷ месупурданд. Он ба хазинаи давлат даромади калон меовард. Роҳи бузурги абрешим дар таърихи диёрамон низ осори бузург гузоштааст. Роҳи бузурги абрешим ҳабдаҳ аср ба халқҳои дунё хизмат кардааст.

**Роҳи қадими баҳрии савдо.** Дар даврҳои қадим роҳҳои баҳрии савдо ҳам буданд. Яке аз онҳо аз тарафи финикиягиҳои қадим, ки дар соҳили шарқии баҳри Миёназамин мезистанд, кушода шуда буд.

Финикиягиҳо баҳрнавардони ҷасури он давр буданд. Онҳо аввалин шуда ба баҳри Миёназамин роҳ кушодаанд. Онҳо ба шимол, ба воситаи гулӯгоҳи Гибралтар то ҷазираҳои Британия, ба воситаи баҳри Сурх то уқёнуси Ҳинд шино мекарданд. Финикиягиҳо киштиҳои барои он замон хеле мустаҳками савдоиро сохта буданд. Онҳо бо ёрии бодбонҳо шино карда, бори зиёд мекашонданд. Финикиягиҳо барои шабона роҳгум назадан ба ситораҳо назар карда, шино карданро омӯхта буданд.

### Дар ёд доред!

**Финикия** – давлати қадимест, ки дар як қисми давлатҳои Лубнон ва Сурияи ҳозира ҷойгир буд.

### Савол ва супоришҳо

1. *Чаро дар давлатҳои қадим роҳҳои савдо кушода мешуданд?*
2. *Оид ба «Роҳи лаъл» ва «Роҳи шоҳ» чиҳоро донистa гирифтед?*
3. *Оид ба кушода шудани Роҳи бузурги абрешим ва аҳамияти он дар таърихи халқҳои дунё нақл кунед.*
4. *Дар бораи роҳи баҳрии савдое, ки финикиягиҳои қадим кушода буданд, чиҳоро донистa гирефтед?*

### КОРИ МУСТАҚИЛОНА

Ўзбекистон ҳоло барои пеш бурдани савдои хориҷӣ бо давлати Хитой аз кадом роҳҳо истифода мебарад? Инро аниқ кунед.

## § 19. КАШФИ РОҲҲОИ НАВИ САВДОИ БАҲРӢ

**Болоравии эҳтиёҷ ба роҳҳои баҳрии савдо.** Дар охири асри XV-ибтидои асри XVI- и милодӣ дар давлатҳои китъаи Европа эҳтиёҷ ба роҳҳои нави баҳрии савдо афзуд. Сабабҳои он чӣ буд?

Аввалан, дар охири асри XV-ибтидои асри XVI дар Европа истеҳсоли маҳсулот бо суръати баланд пеш мерафт. Ин талабро ба ашёи хоми гуногун зиёд намуд. Вале дар худи Европа ашёи хом бисёр набуд. Миқдори ашёи хом онро қонеъ намекард.

Ғайр аз ин, пешравии савдо дар Европа талабро ба пул зиёд кард. Барои бештар сикка задани пул миқдори зиёди тилло ва нуқра зарур буд.

Дар Европа ин гуна металлҳои нодир кам буд. Аз ин сабаб европоиҳо аз кишварҳои дигар қитъа овардани онҳоро фикр мекарданд. Хаёли онҳоро нияти ба даст овардани тиллову нуқра ва дигар сарватҳои халқҳои кишварҳои бегона банд карда буд. Аммо европоиҳо аз Роҳи бузурги абрешим ва роҳи савдоии баҳри Миёназамин истифода бурда наметавонистанд. Чунки ин роҳҳо аллакай ба ихтиёри давлати Усмониҳо (Туркия), ки рақиби асосии

онҳо шуд, гузашта буд. Аз ин рӯ ин роҳҳо барои европоиҳо хатарнок буд. Акнун барои наҷот аз ин вазъият роҳҳои нави баҳрии савдоро кушодан зарур буд. Зиёда аз ин, барои кушодани роҳҳои нави баҳрӣ европоиҳо киштиҳои пурзӯр ва яроқу аслиҳаи зарурӣ доштанд.

Ғайр аз ин онҳо дар бахр аз **компас** (қутбнамо) ва **устурлоб** истифода бурданро медонистанд.

**Кушода шудани роҳҳои нави баҳрӣ.** Баҳрнавардони Португалия ва Испания ташаббусгари кушодани роҳҳои нави баҳрӣ шуданд. Кушодани роҳҳои нави баҳрӣ албатта аз баҳрнавардон шердилӣ талаб мекард.



**Христофор Колумб.**

Барои кушодани роҳи нави баҳрии савдо баҳрнаварди сайёҳ адмирал Христофор Колумб, ки ба шоҳии Испания хизмат карда буд, раҳбарӣ кард. Ӯ дар назди худ мақсад гузошта буд, ки роҳи баҳриеро аз Европа ба воситаи уқёнуси Атлантика то Ҳиндустон кушояд.

Ниҳоят тобистони соли 1492 таҳти раҳбарии Х. Колумб 3 то киштӣ ба воситаи уқёнуси Атлантика ба роҳ баромад. Моҳи октябри он сол сайёҳон ба хушкӣ расида омаданд. Х. Колумб фикр кард, ки ӯ ба Ҳиндустон расида омадааст. Аммо ин ҷо на Ҳиндустон, балки қитъаи нав-Америка буд. Ҳамин тариқ, қитъаи Америка кашф карда шуд.

**Дар ёд доред!**

12 октябри соли 1492 дар таърих чун санаи кашф шудани қитъаи Америка дохил шудааст.

Кишварҳое, ки Х. Колумб кашф намуд, ба мулки шоҳии Испания табдил ёфтанд.

**Кашфиётҳои баъдӣ.** Соли 1498 сайёҳи португалиягӣ Васко да Гама роҳеро кашф кард, ки ба воситаи уқёнуси Атлантика ба Ҳиндустон мерасонд.

Баъдтар дигар сайёҳони европоиҳо қитъаи Австралия (Замини ҷанубӣ)-ро кашф карданд.

**Дар ёд доред!**

Одамон он заминҳоеро, ки то даври зисташон номаълум буду акнун ёфта шуданд, кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ номиданд.

**Алоқаҳои савдоии ҷаҳон.** Ба туфайли кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ роҳҳои нави савдо кушода шуданд. Кушода шудани ин роҳҳо дар навбати худ савдои ҷаҳониро ба вуҷуд овард. Дар натиҷаи он инкишофи ҷамъият ҳам суръат гирифт. Баъди кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ Англия ба давлате табдил ёфт, ки роҳҳои муҳимтарини савдои баҳриро зери назорат гирифта буд. Ин барои аз тарафи Англия ба даст гирифтани савдои ҷаҳонӣ имконият




**Харитаи Америка дар асри XV.**

фароҳам овард. Пойтахти он шаҳри Лондон ба шаҳри **портӣ** (бандарӣ) табдил ёфт, ки киштиҳои савдоӣ он ҷо истод мекарданд.

### Маънои истилоҳҳоро дониста гиред

**Адмирал (ҳокими баҳр)** – унвони олии ҳарбие, ки ба қумондони флоти ҳарбии баҳрӣ дода мешавад.

**Устурлоб** – асбобест, ки то асри XVIII бо ёрии он ҳолати ҷуғрофии ягон ҷой, вақт, баромадан ва ғуруб кардани ситораҳо аниқ карда мешуд.

**Қутбнамо** (компас) – асбобе, ки барои аниқ кардани тарафҳои дунё кор фармуда мешавад, ақрабаки он доимо шимолро нишон медиҳад.

**Бандар (порт)** – ҷоест, ки дар соҳили баҳр ё дарё ҷо гирифта, он ҷо киштиҳо меистанд, таъмир мешаванд, бор мегиранд ё мефуроранд ва ҷои махсус ҷиҳозонида, ки ба мусофирон хизмат мерасонад.

### Савол ва супоришҳо

1. *Кадом омилҳо дар назди европоиҳо кушодани роҳҳои нави баҳриро кӯндаланг гузошт?*
2. *Х. Колумб барои кушодани роҳҳои нави баҳрӣ чӣ хел рол бозид?*
3. *Баҳрнавардони сайёҳи португалӣ дар бобати кушодани роҳҳои нави баҳрӣ чӣ гуна ҳисса гузоштанд?*
4. *Чаро кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ мегӯянд ва аҳамияти таърихии онҳо аз чиҳо иборат буд?*

### КОРИ МУСТАҚИЛОНА

Флоти баҳрии савдо надоштани давлати мустақили Ӯзбекистонро бо кадом омилҳо эзоҳ дода метавонед? Аз ин хусус ҷавоб тайёр карда биёед.

## § 20. ПАЙДОИШИ ТЕХНИКАИ ИСТЕҲСОЛОТ

**Техникаи истеҳсолот чист?** Зери ибораи техникаи истеҳсолот олотҳои меҳнате фаҳмида мешавад, ки барои сабук кардани меҳнати инсон ва чандин маротиба зиёд намудани ҳосилнокии меҳнат имкон медиҳанд.

**Дар ёд доред!**

Ба ҷои ибораи «техникаи истеҳсолот» калимаи «машина» ҳам истифода мешавад.

Фарқи асосии техника аз олотҳои пешинаи меҳнат аз он иборат аст, ки он меҳнати дастии инсонро дар истеҳсолот кам ё умуман истисно мекунад. Ин хел мисолҳоро бисёр овардан мумкин. Каланд, омоч, плуг, чархифалак, чарх, дастгоҳҳои ресандагӣ, осиёби шамолӣ ва дигарон ихтироъҳои аввалини инсон барои сабук намудани меҳнати дастӣ ва офаридани техника буд.



**Мошини ресандагии механикии «Ҷенни».**

**Сабабҳои пайдоиши техникаи истеҳсолот дар саноат.** Саноат соҳаи истеҳсолотист, ки бо ёрии техника аз ашёи хом маҳсулоти тайёр мебарорад. Истифодаи техника дар саноат дар асри XVIII аввал дар Англия рӯй дод, Барои ин кадом омилҳо сабаб шуданд?

Дар ин давр дар Англия истеҳсолот хеле равнақ ёфта буд. Он дорои флоти бузурги ҳарбии баҳрӣ ва савдоӣ буд. Ин ҳол имкон медод, ки Англия ба кишварҳои хориҷа миқдори зиёди мол фурӯшад. Сармоядорони Англия барои ба хориҷа бештар фурӯхтани пеш аз ҳама маҳсулоти харидораш зиёди саноати бофандагӣ ва аз он гирифтани сарвати калон ҳаракат мекарданд. Дар айни замон Англия аз ҳисоби мулкҳои забтнамудааш ба манбаъҳои калони ашёи хом соҳиб шуд.

Дар натиҷаи он бойигариҳои тадбиркорони Англия торафт зиёд мешуд. Рафта-рафта маблағи зиёд дар дасташон ғун шуд, ки акнун метавонистанд барои истеҳсоли васеи молҳои истеъмолӣ фабрикаҳо сохта, дар он аз муваффақиятҳои техника истифода баранд.

Ҳамин тавр, дар Англия ихтироъ кардани техникаи (машинаҳои) истеҳсолот ба талаби давр табдил ёфт.

**Оғози ихтироъҳои бузург.** Аввалин ихтироъҳои техники истеҳсолот дар соҳаи бофандагии Англия ба вуҷуд омад. Барои ин боло рафтани талаб ба маҳсулоти хушсифат сабаб шуд. Ин талабро танҳо бо ёрии техникаи истеҳсолот (машина) қонеъ кардан мумкин буд.

Ихтирои аввалин дар асари XVIII ба амал омад. Соли 1733 механик ва бофанда Ҷон Кей дастгоҳи ресандагиро ихтироъ кард. То ин ихтироъ бофанда нӯги калобаро аз байни риштаҳои ғалтак маҷбур мегузаронд. Баъд аз ихтироъ бофанда ин корро ба воситаи бо пой зер кардани дастгоҳ иҷро мекардагӣ шуд. Ҳамин тавр ихтирои Ҷон Кей ҳосилнокии меҳнатро ду баробар афзуд.

Дар ин давр дар Англия ба нахи ресидашуда талаб зиёд шуда буд. Ин дар навбати худ аз тарафи Ҷеймс Харгривс ихтироъ шудани чархи механикие шуд, ки дар як вақт 15–18 то кори ресандагиро иҷро мекард. Вай ихтирои худро ба шарафи духтараш «Ҷеҷи» номид.

Акнун барои ба миқдори зиёд тайёр кардани матоъ аз ресмони ресида техникаи бофандагӣ зарур буд. Ин муамморо Эдмунд Картрайт ҳал кард. Вай техникаи механикии бофандагӣ ихтироъ кард. Ин техника ҳосилнокии меҳнати бофандагонро 40 баробар зиёд кард.

**Ихтироъ шудани мошини буғ.** Барои боз ҳам сермаҳсул кардани истеҳсолот техникае зарур буд, ки на фақат дар ҷойи обдор, балки дар ҷойи дилхоҳ аз он истифода бурдан мумкин бошад. Ин техника ба зудӣ Ҷеймс Уатти англис ихтироъ намуд.Он аввалин двигател (мотор)-техникаи ба ҳаракатоваранда буд.

Мотори (двигатели) автомобили сабуки замони ҳозираро пеши назар оваред. Баъди даргирифтани двигател он бо ёрии бензин ва газ ба ҳаракат меояд. Дар замони Ҷеймс Уатт бензин ё газ ихтироъ нашуда буд. Двигатели нахустин бо ёрии буғ ба ҳаракат оварда шуда буд.

Аз ин боис онро мошини буғ меномиданд. Буғ ба воситаи ҷӯшондани об ҳосил карда мешуд.

Техникаҳои ресандагӣ ва бофандагӣ ҳам айнан бо ёрии ҳамин мошини буғ ба ҳаракат оварда мешуданд. Ин ҳодиса дар он замон муваффақияти калон буд.

Ихтироъ шудани мошини буғ минбаъд ба сохтани двигатели техникаи нақлиёт оварда расонд.

Ин гуна ихтироъҳои асри XVIII Англияро ба давлати аз ҳама тараққикардаи дунё табдил дод.

### Маънои истилоҳҳоро дониста гиред

**Механик** – шахсе, ки техникаро месозад, онро назорат мекунад ва кор мефармояд.

**Фабрика (устохона)** – корхонаи саноатие, ки бо ёрии асбобҳои техникӣ аз ашёи хом маҳсулоти тайёр истеҳсол менамояд.

**Буғ** – ҳолати газмонанди об (моеъ).

**Нақлиёт (транспорт)** – воситаҳои кашонандаи бор ва одамон (масалан, автомобил, автобус, поезд, самолёт ва ғайра).

### Савол ва супоришҳо

1. *Мазмуни ибораи «техникаи истеҳсолот»-ро эзоҳ диҳед.*
2. *Дар Англияи асри XVIII кадом омилҳо сабабгори ихтироъҳои бузург дар соҳаи техника шуданд?*
3. *Ҷиҳатҳои монанд ва фарққунандаи ихтироъҳои Ҷон Кей ва Ҷеймс Харгривсро аниқ кунед.*
4. *Дар бораи аҳамияти ихтирои Э.Картрайт чиҳоро дониста гирифтед?*
5. *Ба ихтирои мошини буғ чиҳо сабаб шуданд ва он чаро мошини буғ номида шуд?*

### КОРИ МУСТАҚИЛОНА

Имрӯз двигателҳо (моторҳо) бо истифодаи кадом намудҳои сӯзишворӣ кор мекунанд ва онҳо ба кадом мақсадҳо кор фармуда мешаванд, аниқ кунед.

## § 21. ИХТИРОИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

**Васъати соҳаи истифодаи мошини буғ.** Бо мурури вақт конструкторон ва ихтироъчиён барои истифодаи мошини буғ дар дигар соҳаҳо низ ҳаракат кардаанд.



**Пароходи аввалин.**

Ниҳоят, соли 1807 механик Роберт Фултони америкоӣ муваффақ шуд пароходе созад, ки бо ёрии буғ ҳаракат мекард. Ин киштие (пароходе), ки дарозиаш 40,5 метр, бараш қариб 5,5 метр буд, «Клермонт» номида шуд.

Дар рӯзи аз озмоиш гузаронидани киштӣ мардуми бисёр ҷамъ омад.

Онҳо барои тамошо омада буданд. То ин вақт киштиҳои бодбондор фақат агар шамол бошад, ҳаракат мекарданд.

Киштие, ки Р. Фултон ихтироъ кард, ҳатто муқобили шамол ҳам ҳаракат карда метавонист. Ҳангоми озмоиш киштӣ дар як соат 8 км. шино карда тавонист. Ҳамин тавр, киштисозии баҳрӣ аз мутеъгии шамол халос хӯрд. Киштиҳо торафт такмил дода мешуданд. Дере нагузашта як воқеаи оламшумул рӯй дод. Киштӣ бори аввал аз уқёнуси Атлантика гузашта, дар зарфи 26 рӯз аз Европа ба Америка рафта расид.

Христофор Колумб дар замони худ бо ёрии киштиҳои бодбонӣ дар зарфи 70 рӯз ба ин ҷо омада буд. Истифодаи мошини буғӣ танҳо дар соҳаи киштисозӣ маҳдуд нашуд. Соли 1814 конструктор ва ихтироъчии америкоӣ Ҷорҷ Стефенсон нахустин паровозеро ихтироъ кард, ки бо буғ кор мекард.

Ҳангоме ки паровоз дар роҳи оҳан аз озмоиш гузаронида шуд, он 8 то вагонро дар соате ба 10 км. кашида бурд.

**Маълумоти иловагӣ**

Ҷ. Стефенсон паровози аввалинашро «Блюхер», баъд дигар паровози такмилдодаашро «Ракета» номида буд.

**Оғози сохтмони роҳҳои оҳан дар дунё.** Сохтани роҳи оҳан барои чӣ зарур шуд? Ба бандарҳои Англия аз кишварҳои мутеъ ба миқдори зиёд ашёҳои хом оварда мешуд.



**Паровози нахустин.**

Ба фабрикаҳои бофандагие, ки дар шаҳрҳои гуногуни мамлакат сохта шуда буданд, дар муддати кӯтоҳ ва бо нархи арзон бурда расондан, маҳсулоти тайёри фабрикаҳоро ба бандарҳои мамлакат ҳамин тариқ ба зудӣ овардан зарур шуда монд. Ин зарурат боиси сохтани роҳҳои оҳан шуда монд.

Ниҳоят соли 1825 ба Ҷорҷ Стефенсон муяссар шуд, ки байни ду шаҳр роҳи оҳан созад. Аз байн чаҳор сол гузашту ӯ байни ду



**Самолёти Можайский.**




**Самолёти бародарон Райтҳо.**








**Самолёти замонавӣ.**

шаҳри машҳури Англия-Манчестер ва Ливерпул роҳи навбатиро сохта, ба истифода дод. Баъдтар роҳи аввалини байналмилалӣ сохта шуд. Ин роҳ шаҳри Лондонро бо шаҳри Истамбули Туркия мепайваст. Роҳҳои оҳан минбаъд дар дигар кишварҳо низ сохта шуданд.

**Ихтирои самолёт.** Одамизод аз қадимулайём орзуи ба осмон парвоз карданро дошт. Ин орзуи вай дар охири асри XIX-ибтидои асри XX ҷомаи амал пӯшид.

Олими рус Александр Фёдорович Можайский соли 1885 аввалин самолётро ихтироъ кард, дар он дуто двигатели буғӣ гузошта шуда буд.

**Дар ёд доред!**

Самолёт (калимаи русӣ – *сам* – худам, *летат* – парвоз) мошинае, ки худаш парвоз карда метавонад, аз ҳаво вазнин аст.

Олимон ва конструкторон барои ихтироъ кардани самолёте, ки двигателаш бо сӯзишворӣ (бензин, карасин) кор мекунад, заҳмат кашиданд.

Ниҳоят соли 1902 дар Америка бародарон Уилбер ва Орвилл Райтҳо дар дунё аввалин самолётро ихтироъ карданд.

Соли 1903 ин самолёт ба баландии 3 метр парвоз кард. Парвоз ҳамагӣ 12 сония давом намуд.

Дар тӯли ин вақт 30 метр масофа тай гардид.

Гарчанде парвоз хеле кӯтоҳ буд, он ҳодисаи бузурги таърихӣ ба ҳисоб мерафт. Чунки ин нахустин парвози ҳам

боло баромада ва ҳам поён фаромада буд. Солҳои оянда бародарон самолётро боз ҳам такмил доданд ва самолёте сохтанд, ки дар як соат 60 км. суръат дошт.

Соли 1913 конструктори рус Игор Сикорский самолётеро бо номи «Русский Витязь» («Паҳлавони рус») сохт. Он аввалин самолёти дорои 4 двигател дар дунё буд.

Имрӯз самолётҳо роҳи дури миллионҳо нафар мусофиронро наздик мекунад. Ҳазорон тонна борро ба манзил мерасонад.

Дар байни онҳо самолётҳои ширкати ҳавоии «Ўзбекистон ҳаво йўллари» ҳам ҳастанд.

### Маънои истилоҳро дониста гиред

**Вагон** – воситаи махсусест, ки чарх дошта, барои кашонидани одамон ва бор дар роҳи оҳан сохта шудааст.

**Конструктор** – мутахассиси тартибдиҳандаи лоиҳаи мошин ва иншоотҳо.

**Пароход** – киштие, ки он двигатели (мотори) бо буғ коркунанда дорад.

**Паровоз** – мошине, ки двигатели бо буғ коркунанда дошта, вагонҳоро мекашад.

### Савол ва супоришҳо

1. *Дар бораи ихтироъҳои Р. Фултони америкоӣ ва Ҷ.Стефенсони англис нақл кунед.*
2. *Кадом омилҳо дар Англия барои сохтмони роҳи оҳан сабаб шуданд?*
3. *Оид ба офарида шудани яке аз воситаҳои асосии нақлиёт-самолёт чиҳоро дониста гирифтед?*

### КОРИ МУСТАҚИЛОНА

Оид ба «Ўзбекистон ҳаво йўлари» бо падару модаратон сӯҳбат кунед. Дар ҷараёни он аниқ намоед, ки дар Ўзбекистон аз кадом намудҳои самолёт истифода бурда мешавад.

## § 22. ИХТИРОИ ВОСИТАҲОИ АЛОҚА

**Ихтироъшавии телеграф.** Телеграф воситаи техникиест, ки хабарҳои гуногуни хаттиро дарҳол ба масофаи дур мерасонад. Аввалин бор ин асбобро соли 1832 олими рус П. Шил-

линг ихтироъ кард. Ин асбоб хабарҳоро иборат аз нуқта ва тиреҳо (хатча) фиристода буд.

Соли 1837 олими америкоӣ С. Морзе ҳам чунин асбоб ва ба он алифбои махсус офарид. Ин алифбо дар таърих бо номи «Морзе» маълум аст.

Дар ин алифбо ба ҷои ҳарфҳо нуқта ва тире истифода мешавад. Масалан, нуқта ва як то тире ҳарфи А-ро; тире ва се нуқта Б-ро; нуқта, тире ва боз ду то нуқта В-ро ифода мекард. Ин алифбо барои халқҳои дунё солҳои зиёд хизмат кард.

Ҳоло низ аз он ҳангоми расонидани хабар оиди ҳалокати баҳрӣ истифода бурда мешавад.

Шумо эҳтимол аз калимаи «СОС», ки аз ҳалокати баҳрӣ дарак медиҳад, бохабаред. Киштиҳое, ба ҳалокат дучор омадаанд, хабари «СОС»-ро бо ифодаи «Се нуқта, се тире ва боз се нуқта»-и алифбои Морзе мефиристанд.

Дигар киштие, ки ин аломатҳоро қабул кардааст, ё гуруҳи наҷоти соҳилҳо дарҳол чораҳои таъҷилиро мебинад. Талабҳои қоидаҳои байналмилалӣ чунин аст.

**Дар ёд доред!**

Барои қабул намудани хабарҳои ҳалокати дар баҳр фиристодашуда ба ҳар 5 дақиқа вақти «радиосукунат» ҷорӣ карда шудааст.

Нуқта ва тиреҳо дар асбоби Морзе бо ёрии калидҳои телеграфӣ фиристода мешавад. Вақте хабардиҳанда калидро зер мекунад, батереяи асбоб ба шабакаи асбоб ток медиҳад.

Токи барқӣ чархчаҳои ҳарфҳосилкунандаро, ки дар дохили ранги моеъ аст, ба ҳаракат меорад. Чархча бошад, ба қоғази тасмамонанд ҳарфҳои тайёрро ифода мекунад.

Баробари зер карда, баъд сар додани калид «нуқта», агар зер карда истанд, аломати «тире» пайдо мешавад. Шахсе, ки «алифбои Морзе»-ро медонад, дарк мекунад, ки зери ҳар як аломат кадом ҳарф ҳаст.

Дар замони мо ба ҷои асбоби телеграфии дорои алифбои Морзе аз асбоби телетайп истифода мебаранд.



**Ускунаи телетайп.**

**Бодиққат хонед!**

Телетайп-дастгоҳи механизмноки телеграфие, ки монанди мошини чопкунӣ квалиатура дошта, хабари аз дур расидаро ба таври автоматӣ ба лентаи коғаз навишта мегирад.

Телетайп калид надорад. Аммо дар мошини хатнависӣ ё компютер ҳарфҳо мавҷуданд. Хабардиҳанда дар асбоби хабаррасонанда матнро менависад.



**Аппаратҳои замонавии телефон.**

Хабарро қабулкунанда аз тасмаи қоғаз (лента) хабари навиштаро мегирад. Дар натиҷаи тадқиқоти олимон ин асбоб ё ускуна такмил дода шуд.

Дар ин замон боз як воситаи хуби алоқа факс аст. Он хабарҳои матнӣ, ҷадвалӣ, расмнок ва монанди онҳоро чӣ хеле бошад, ҳамон хел мерасонад. Ҳоло ин намуди воситаи алоқа қариб дар тамоми корхона ва ташкилотҳо ҳаст. Асбоби факс ба дигар корҳо низ қодир аст. Масалан, он нусхаи расм ва ҳуҷҷатро (ксерокопия) бароварда медиҳад. Ғайр аз ин, хабарро ба ҳар забон додан мумкин.



**Александр Степанович Попов.**

**Ихтирои телефон.** Ҳоло қариб дар ҳар як оила лоақал як то телефони дастӣ ҳаст.

Он барои расонидан ва қабули хабар воситаи муносиб аст. Вай дастёрест, ки дури одамонро наздик мекунад. Хӯш, «бобои» ин дастёр, яъне аппарати телефонии симнок кай ихтироъ карда шуд?

Аввалин аппарати телефонро соли 1876 Александр Белл, ки дар Англия таваллуд шуда, дар Америка зистааст, офарид. Баъд ихтироъчиёни дигар кишварҳо онро такмил доданд.

Ҳоло одамон ба ҳар гӯшаи дунё бо телефон алоқа карда метавонанд.

**Таърихи радио.** Чӣ будани радиоро ҳама хуб медонанд. Он барои паҳн кардани ҳар гуна хабар воситаи муҳим аст. Радиои аввалинро дар дунё олими рус А.С. Попов соли 1895 ихтироъ кардааст.

7-уми майи он сол дар пойтахти Россия шаҳри Петербург радиои ихтироънамудаи ӯ намоиш дода шуд.

Баъдтар А.С. Попов дар дунё аввалин шуда ба расонидани хабар нахуст ба 250 метр, баъд ба 45 км., ниҳоят ба 150 км. муваффақ шуд. Барои радио ҳоҷат ба сим нест. Ба мавҷи радио ҳеҷ чиз монеъ шуда наметавонад.

**Дар ёд доред!**

Мавҷҳои радио дар як сония ба 300 суръати ҳазор километр паҳн мешавад.

Барномаҳои телевизионие, ки мову шумо аз телевизор мебинем, низ ба воситаи мавҷҳои радио ба экран расида меоянд.

Ҳоло низ аҳамияти радио ҳад надорад. Самолётҳо маҳз ба туфайли радио бехатар парвоз мекунанд. Бо ракетаҳои ба кайҳон парвознамуда низ бо мавҷҳои радио робитаи доимӣ нигоҳ дошта мешавад.

Оре, хизмати радио назир надорад. Аз ин сабаб одамон номи олими рус Александр Степанович Поповро бо эҳтиром ба забон мегиранд.

## Маънои истилоҳро донista гиред

**Факс (иҷро кун)** – фиристодани матн, ҷадвал, расм ва дигар тасвирҳо ба воситаи телефон.

**Радио (паҳн мекунам)** – асбобе, ки хабарҳоро бо мавҷҳои радио бесим мефиристад ва қабул мекунад.

## Савол ва супоришҳо

1. *Ихтирои телеграф барои одамон чӣ аҳамияте дошт?*
2. *Аломатҳое, ки барои расонидани хабари «СОС» дар алифбои Морзе чида мешавад, қайд кунед.*
3. *Оид ба ихтирои телефон ва роли он дар ҳаёти инсонҳо нақл кунед.*
4. *Асбобҳои телетайп ва факсро қиёс карда, ҷиҳатҳои монанд ва фарқи онҳоро аниқ кунед.*
5. *Ихтирои радио чӣ аҳамияте пайдо кард?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

Дар бораи тартиби истифодаи телефони дастӣ аз тарафи талабагон дар мактаб чиҳо медонед? Онро дар дафтаратон навишта биёед.



# Боби VI. ИНКИШОФИ ИЛМУ ФАН ДАР ВАТАНАМОН ВА ДАР ЕВРОПА

## § 23. МАКТАБ – ДАРГОҲИ ДОНИШ

**Нақши мактаб дар ҳаёти инсон.** Инак панҷ сол мешавад, ки шумо мактаб барои ҳаммактабҳоятон ва ҳаёти шахсиатон чӣ гуна ҷой дорад, дониста гирифта истодаед.

**Дар ёд доред!**

«Мактаб» калимаи арабӣ буда, дар забони тоҷикӣ маънои «ҷойи хондан», «ҷое, ки навиштанро ёд медиҳад»-ро дорад.

Одамон дар мактаб хату савод меомӯзанд. Оиди фанҳои гуногун дониш аз бар мекунанд.

Дар бораи он мактабиёне, ки аъло таҳсил намудаанду дар ҳаёт ба муваффақиятҳои калон ноил шудаанд, худатон нағз медонед. Ғолибони мусобиқаҳои варзишии «Умид ниҳоллари», озмунҳои «Юрт келажаги», «Духтарони Зулфияхонум», ғолибони олимпиадаҳои байналмилалиро, ки оид ин ё он фан гузаронида мешаванд, пеши назар оред. Онҳо ҳама дар мактабҳо бо баҳои аъло хондаанд.



Мактаб (ибтидои асри XX).

Бобокалонҳои бузургамон, ки дар гузашта ба инкишофи илми ҷаҳонӣ ҳиссаи бузург гузоштаанд, низ дар мактаб аъло таҳсил кардаанд. Аз ин рӯ нағз донед, ки дар оянда кӣ, чӣ хел одам шудани шумо ба дараҷаи таҳсили шумо дар мактаб вобаста аст.

Мактаб даргоҳест, ки баробари таълим тарбия ҳам медиҳад. Дар тамоми замонҳо чунин будааст ва ҳоло низ чунин аст. Нисбати онҳое, ки дар мактаб таълиму тарбия медиҳанд, муаллим, устод ё мураббӣ гуфта муроҷиат карданро ҳам шумо нағз медонед. Онҳоро бо як сухан педагог меноманд.

**Дар ёд доред!**

«Педагог» – калимаи юнонӣ буда, маънои «раҳнамои бача»-ро дорад.

Дар Юнони қадим онҳоеро, ки фарзандони оилаҳои бойро ба мактаб ҳамроҳӣ карда мебурданд, *педагог* мегуфтанд. Мактабҳои аввалин дар Миср, Бобулистон, Хитой, Ҳиндустон, Осиёи Миёна, дар Европа бошад, дар Юнону Рим пайдо шудаанд. Мактабҳо аввал дар ибодатхонаҳо фаъолият доштанд.

Албатта он мактабҳо ба мактабҳои имрӯза монанд набуданд. Ҳангоми қабул ба онҳо ба синну соли бача нигоҳ намекарданд. Мисли имрӯза бачаҳо ба синфҳо ҷудо шуда намехонданд.

Ба синфҳо ҷудо кардан ва мувофиқи ҷадвали дарс гузаронидани машғулот аввал дар Европа дар асри XVII пайдо шудааст. Асосгузори ин навигарӣ олими машҳури чех Ян Амос Коменский буд.



**Ян Амос Коменский.**

**Таълим дар Осиёи Миёна.** Дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар кишвари мо ҳамаи замонҳо ба таълиму тарбияи фарзандон эътибори калон медоданд.

Баробари омӯзонидани хату савод ба тарбияи ахлоқӣ ва ҷисмонии онҳо эътибори махсус дода мешуд. Инро суханони зерини аҷдоди бузурги хоразмиамон Зардушт низ исбот мекунад: «Тарбия такягоҳи муҳимтарини ҳаёт аст».

Баъди истилои кишварамон аз тарафи арабҳо дар асри VIII ин ҷо алифбои арабӣ ҷорӣ гардид. Дар назди масҷидҳо мактабҳо кушода шуд. Дар мактабҳо таҳсил ба алифбои арабӣ бурда ме-

шуд. Барои писарону духтарон мактабҳои алоҳидаи ибтидоӣ кушода шуданд. Онро мактабхона номиданд. Аксари мактабҳои писарон дар назди масҷидҳо, мактабҳои духтарон дар хонаи муаллимаҳо кушода мешуданд. Муаллимеро, ки ба писарбачаҳо дарс медоданд, домулло, муаллимае, ки ба духтарон таҳсил медод, отуной ё отунбибӣ ном гирифта буд. Бачаҳо аз 5–6-солагӣ, баъзан аз 6–8-солагӣ ба мактабхона қабул мешуданд. Муддати таҳсил 5–8 сол давом мекард. Бачаҳо дар мактабхонаҳо хондан ва навиштанро меомӯхтанд ва барои дохилшавӣ ба мадрасаҳо тайёр мешуданд.

**Қорихона.** Писарбачагоне, ки малакаи хондан ва навиштан доштанд, қувваи ҳофизаи худ ва ва овози пуртаъсир доштагӣ ба қорихонаҳо қабул мешуданд. Муаллимони қорихона асосан Қуръони карим ва қироати онро ёд медоданд. Бо онҳо қориҳои хушовози қироаташон бисёр таъсирнок дарс медоданд. Таҳсил 3–4 сол давом мекард.

Қориҳои оянда баъд имтиҳон месупурданд. Ба талабаи боиқтидор унвони «қории қориён» дода мешуд. Баъд онҳо барои халқ ва дин хизмат мекарданд. Хоҳишмандон таҳсилро дар мадраса давом медоданд.

Дар мадрасаҳо асосан хизматчиёни идораҳои давлатӣ ва уламои динӣ тайёр карда мешуданд. Дар кишвари мо нахустин мадраса дар асри X дар Бухоро кушода шудааст. Таҳсил дар мадрасаҳо вобаста ба иқтидори донишҷӯ 7–12 сол давом мекард. Муаллимони мадрасаҳоро *мударрис* мегуфтанд.

Дар мадрасаҳо ба донишҷӯён ғайр аз донишҳои динӣ аз астрономия, математика, тибб, кимё, ҷуғрофия, таърих, адабиёт, хаттотӣ, мусиқа, ахлоқ ва санъати нотиқӣ, тиҷорат ва монанди инҳо дарс дода мешуд.

**Худатонро санҷед**
- Мактаб – ... .
- Педагог – ... .

**Академияи Маъмунн Хоразм.** Инкишофи илму техника дар ин ё он кишвар ба роҳи пешгирифтаи сарвари давлат дар соҳаи илм вобаста буд. Яъне агар подшоҳ ҳомии илму фан бошад, он соҳа пеш мерафт.

Агар ба олимон ғамхорӣ карда бошад, дар соҳаи илм кашфиётҳои бузург ба амал омадааст.



**Академияи Маъмун.**

Дар таърихи мо давлати Хоразмшоҳиёнро чаҳор сулола идора кардааст. Дар даври ҳукмронии сулолаи дуюм-сулолаи маъмуниҳо (солҳои 995–1017) ба инкишофи илму фан эътибори калон дода шуд. Шоҳи охирини сулола Маъмун ибни Маъмун (солҳои 999–1017) дар ин бобат нақши бузурги таърихӣ гузошт.

Вай подшоҳе буд, ки илмҳои замони худро пухта аз бар карда буд. Ӯ инчунин ба пешрафти илм ҳомигӣ ҳам намуд. Тахти сарпарастӣ ва раҳбарии вай соли 1004-ум дар пойтахти кишвар «Дор-ул-ҳикма ва маориф»- маркази илму фан ташкил гардид.

Баъдтар олимон онро «Академияи Маъмуни Хоразм» номиданд. Дар ин маркази илмӣ алломаҳои бузурги он замон аз қабили Абӯнаср ибни Ироқ, Абӯрайҳон Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулхайр ибни Ҳаммор фаъолият нишон доданд.

**Дар ёд доред!**

Калимаи «илм – яъне хизмат кардан барои баровардани ҳоҷати инсонҳо» шиори алломаҳои академия будааст.

Олимони академия бо илмҳои математика, астрономия, хокшиносӣ, ҷуғрофия, тибб ва қонуншиносӣ машғул шуда, ба инкишофи илму фанни ҷаҳонӣ саҳми бузург гузоштаанд. Мутаассифона академия фақат 14 сол фаъолият нишон дод.

Соли 1017 давлати Хоразмшоҳиён истиқлоли худро аз даст доду академия фаъолияташро хотима гузошт.



**Худатонро санҷед**

- Маъмун ибни Маъмун – ... .
- Соли 1004- ... .

Соли 1997 фармони Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар бораи аз сари нав ташкил кардани Академияи Маъмуни

Хоразм эълон шуд. Оре, аз байн қариб ҳазор сол гузашту академия ташкил шуд, ки он мақсадҳои аҷиб дорад.

Аммо дар байни ин мақсадҳо дар шумо, шумо барин насли наврас тарбия кардани ҳисси ифтихор аз таърихи гузаштаамон мавқеи алоҳида дорад. Академияи аз нав ташкилшуда чун шӯъбаи Академияи илмҳои Ӯзбекистон фаъолият дорад. Дар таркиби он шӯъбаҳои бостоншиносӣ, таърих, забон ва адабиёт, биология амал мекунанд.

Соли 2006 дар кишварамон 1000-солагии академияи Маъмуни Хоразм ҷашн гирифта шуд.

### Маънои истилоҳро донисsucceeded гиред

**Академия** – маркази илму фаннест, ки олимони машҳурро ҷамъ кардааст.

**Аллома** – шахсе, ки соҳаҳои зиёди илмро мукаммал аз бар кардааст.

**Масҷид** – ҷоест, ки эътиқодмандони дини ислом намоз мехонанд.

**Фан** – маҷмӯи донишҳо оиди дунё.

### Савол ва супоришҳо

1. *Чаро шумо бояд дар мактаб бо баҳои аъло хонда, одобу ахлоқи нек дошта бошед?*
2. *Оид ба мактабҳои аввалин чиҳоро дониста гирифтед?*
3. *Мадрасаҳо ба кадом мақсад ташкил меёфтанд? Ба расми саҳ. 78 нигоҳ карда, мактаби ҳозираро бо мактаби кӯҳна қиёс кунед.*
4. *Мадрасаҳо бо кадом мақсад кушода мешуданд?*
4. *Оид ба ташкилёбии академияи Маъмуни Хоразм ва дар бораи олимони бузурге, ки он ҷо кор мекарданд, нақл кунед.*
5. *Оид ба аз нав ташкил карда шудани академияи Маъмуни Хоразм дар солҳои мустақилии Ӯзбекистон чиҳоро дониста гирифтед?*

## § 24. АЛЛОМАҲОИ КИШВАРАМОН

**Инкишофи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ.** Кишвари мо дар асрҳои IX-XII дар бобати илму фан ба комёбиҳои бузург ноил шуд. Аҷдодони бузургамон, ки дар ин давр зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ба инкишофи илми дунё саҳми калон гузоштанд. Хусусан бо саҳмашон дар ривоҷи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ номи худро абадӣ гардонидаанд. Рӯйихати ин олимон бо номи аҷдоди бузургамон **Муҳаммад Мӯсо ал-Хоразмӣ** сар мешавад.

Ал-Хоразмӣ соли 783 дар шаҳри Хиваи Хоразм ба дунё омадааст. Аввал дар шаҳри Хива илм омӯхта, олими намоён мешавад. Баъд дар яке аз марказҳои бузурги илмии Осиёи Миёна дар шаҳри Марв (ҳоло шаҳрест дар Туркманистон) эҷод мекунад. Сонитар дар маркази илму фанни «Байт-ул-ҳикма»-и шаҳри Бағдод (пойтахти Ироқи имрӯза) фаъолияташро идома дод. Вай бо ёрии даҳто рақам, ки ҳиндуҳо кашф карда, аз «0» то «9» иборат аст, имконпазир будани навиштани ҳар хел шумораро, он аз рақамҳои мураккаби римӣ афзалтар буданашро исбот карда дод. Қоидаҳои чаҳор амал-ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсимро кашф намуд.



**Ал-Хоразмӣ.**




**Амали ҷамъ дар рақами римӣ.**

Ал-Хоразмӣ асосгузори фанни алгебра аст, ки шумо аз синфи 7-ум сар карда меомӯзед. Асари он оиди ин фан «Ал-ҷабр вал муқобала» номида шудааст.

Ин асари Ал-Хоразмӣ аз асри XII сар карда дар Европа паҳн шуд. Баъзе халқҳои Европа ба ҷои «ал-ҷабр» калимаи «алгебра»-ро истифода бурданд. Ҳамин тавр, фанни алгебра номи худро аз номи асари Ал-Хоразмӣ гирифтааст. Номи ин аллома бо истилоҳи «алгоритм», ки дар фанни математика бисёр истифода мешаваду аз ин хусус шумо дар синфҳои боло донисга мегиред, низ зинда мондааст. Ҳол он ки кам олимоне ҳастанд, ки бо номашон ё номи асарашон номи фан бошад. Шумо бо ин ҳодиса фахр кунед, меарзад. Ал-Хоразмӣ соли 850 дар шаҳри Бағдод вафот намудааст.

**Аҳмад ал-Фарғонӣ.** Боз як нафар аҷдоди бузурги мо, ки ба инкишофи илми дунё саҳми бузург гузоштааст, **Аҳмад ал-Фарғонӣ** аст. Ӯ соли 797 дар шаҳри Қуваи Фарғона таваллуд ёфтааст. Дар ҷавонӣ асосҳои илму фанро чуқур омӯхтааст. Барои мустаҳкам кардани дониши худ ба маркази бузурги илму фанни Осиёи Миёна-ба шаҳри Марв меояд. Сонӣ, дар «Байт-ул-ҳикма»-и Бағдод



**Аҳмад ал-Фарғонӣ.**

дар соҳаи астрономия, математика ва ҷуғрофия эҷод мекунад. Асараш бо номи «Китоб оид ба асосҳои астрономия», ки номи ӯро машҳур кардааст, дар асри XII дар Европа ба забони лотинӣ тарҷума шудааст. Ин асар Аҳмад ал-Фарғониро дар Европа бо номи «Алфраганус» машҳур кард. Зиёда аз ин дар давоми чанд аср ин асари вай дар университетҳои (мактабҳои олии) кишварҳои Европа чун китоби дарсӣ истифода шудааст.

Ин аҷдоди бузургамон, ки ба инкишофи илми ҷаҳонӣ саҳми беназир гузоштааст, соли 865 дар Миср вафот кардааст.

Бо ташаббуси Президентамон Ислом Каримов соли 1998-ум 1200-солагии ин аҷдоди бузургамон на фақат дар Ӯзбекистон, балки дар миқёси дунё ҷашн гирифта шуд.

**Худатонро санҷед**

- Асари машҳури Ал-Хоразмӣ – ... .
- Алфраганус – ... .



**Абӯрайҳони Берунӣ.**

**Абӯрайҳони Берунӣ (973–1048).** Ҷадди мо Абӯрайҳони Берунӣ ҳам яке аз алломаҳо ба шумор меравад, ки ба ривоҷи илми ҷаҳонӣ ҳиссаи калон гузоштааст. Ӯ дар шаҳри Кати Хоразм таваллуд шудааст. Берунии зеҳнаш хеле закӣ дар академияи Маъмун эҷод кардааст. Берунӣ хусусан илмҳои астрономия, математика, физика, маъданшиносӣ, ҷуғрофия, таърихро хуб медонист. Дар айни замон ба инкишофи ҳамин илмҳо саҳми босазо гузошт.

Аз Берунӣ то мо асарҳои бисёр мерос мондааст. Асараш оид ба астрономия дар байни онҳо аҳамияти калон дорад. Асарҳои «Осор-ул-боқия» («Ёдгориҳои халқҳои

қадима») ва «Ҳиндустон»-и ӯ барои илми таърих сарчашмаи муҳим ба шумор меравconfigured.

Вай дар асари «Ҳиндустон» дар бобати дар паси уқёнус мавҷуд будани қитъае тахмин карда буд. Олимони сайёҳи европоиҳо қариб 500 сол пас аз Берунӣ чунин қитъа буданашро исбот кардаанд.

**Инро хонед!**

Олими америкоӣ Ҷорҷ Сартон, ки бо таърихи илмҳо машғул аст, навишта буд, ки «Асри XI асри Берунӣ аст».



**Абуалӣ ибни Сино.**

**Абӯалӣ ибни Сино.** Аллома Абӯалӣ ибни Сино, ки дар асри худ бо номи Шайх-ур-раис, яъне «раиси олимон» машҳур буд, соли 980 дар деҳаи Афшонаи наздики шаҳри Бухоро таваллуд ёфтааст. Ибни Сино тамоми илмҳои даври худро мукаммал аз бар намуда буд. Аммо Ибни Сино дар дунё ҳамчун алломаи бузурги тибб машҳур аст. Асари машҳури ӯ оид ба тибб «Қонунҳои тибб» ном дорад. Ин асар дар асри XII дар Европа ба забони лотинӣ чоп шуд ва Ибни Сино дар Европа бо номи «Авитсенна» машҳур гашт. «Қонунҳои тибб» то асри XVII дар университетҳои ин қитъа чун китоби дарсӣ хизмат кард. Номи Ибни Сино дар Кураи замин чунон, ки машҳур буд, машҳур мондааст.

Соли 2000 дар давлати Белгияи Европа ба хотираи вай гузоштани ҳайкал боз як далели он аст.

**Худатонро санҷед**

- Аз Берунӣ оид ба таърих асарҳояш... мондаанд.
- Ибни Сино бо номҳои ... мушарраф гаштааст.

**Савол ва супоришҳо**

1. *Асрҳои IX–XII дар инкишофи илму фанни кишварамон чӣ гуна нақш дорад?*
2. *Нақши ал-Хоразмиро дар инкишофи илми математика бо чиҳо ифода кардан мумкин?*
3. *Оид ба хизматҳои бузурги Аҳмад ал-Фарғонӣ дар инкишофи илми ҷаҳонӣ чиҳоро донистa гирифтед?*

4. *Олими америкоӣ Ҷ. Сартон вақте «Асри XI асри Берунӣ» навишта буд, чиро дар назар дошт? Мулоҳиза ронед.*
5. *Оид ба саҳми гузоштаи Абӯалӣ ибни Сино дар инкишофи илми тибби ҷаҳон нақл кунед.*

### КОРИ МУСТАҚИЛОНА

*(Ҷадвали зеринро пур кунед)*

| Р/т | Алломаҳои бузург | Ҷой ва соли таваллудаш | Ҷойҳои эҷодкардааш | Асарҳои машҳури меросмондааш | Сол ва ҷойи вафоташ | Солҳои бузургдошти таваллудаш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ал-Хоразмӣ | | | | | |
| 2. | Аҳмад ал Фарғонӣ | | | | | |
| 3. | Берунӣ | | | | | |
| 4. | Ибни Сино | | | | | |

## § 25. МИРЗО УЛУҒБЕК ВА АКАДЕМИЯИ ОН

**Солҳои ҷавонии Мирзо Улуғбек.** Асрҳои XIV–XV дар таърихи инкишофи илм ва маданияти Ватанамон асри тиллоӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давр чунин алломаҳои бузургамон эҷод кардаанд, ки онҳо илму фан ва маданиятро боз ҳам боло бурдаанд.



**Мирзо Улуғбек.**

Ин болоравӣ ба пешрафти илму маданияти Европа низ таъсири бузург расонидааст.

Ин ҳодиса натиҷаи эътибор ва ҳомигии аҷдоди бузургамон Амир Темур ва набераи он Мирзо Улуғек баривоҷи илму фан ва маданият аст.

Падари Мирзо Улуғбек писари чаҳоруми Амир Темур Шоҳрух Мирзо буд. Улуғбек соли 1394 таваллуд шудааст. Амир Темур ин хабарро шунида, ба наберааш Муҳаммад Тарағай ном гузоштааст. Мунаҷҷимон дар оянда олим ва под-

шоҳи бузург шудани онро башорат доданд.

Аз ин рӯ Амир Темур набераи баландиқболашро Улуғбек ҳам номидааст. Алломаҳои бузурги он давр математик ва астрономи машҳур Мавлоно Аҳмад ва Қозизода Румӣ ба ӯ устодӣ кардаанд. Ин омили бузурги дар оянда чун астроном ва математики бузург шудани Улуғбек гаштааст.



Расадхонаи Улуғбек.

**Алломаи бузург Улуғбек.** Ӯ алломаест, ки дар соҳаҳои зиёди илм машғул шудааст. Оиди онҳо чандин асарҳо навиштааст. Аммо дар соҳаи илм ӯ чун олими бузурги астроном машҳур гардидааст. Улуғбек бо мақсади мушоҳида бурдани ҷисмҳои осмонӣ расадхона сохтааст.

Бо ёрии асбобе, ки дар дохили расадхона гузошта шуда буд, ҳолати Офтоб, сайёраҳои Моҳ ва ситораҳо омӯхта мешуд. Дар натиҷаи мушоҳидаҳо дар ин расадхона «Зиҷи Улуғбек» ном асари дар дунё машҳури худро навиштааст. Дар ин асар ҷой ва ҳолати 1018 ситора шарҳ дода шудааст.

Улуғбек оид ба фанни таърих «Таърихи чаҳор улус» ном китобе ҳам навиштааст.

**Академияи Улуғбек.** Улуғбек бо барпо намудани мадраса ва расадхона дар Самарқанд бо номи «Академияи Улуғбек» дохил шудааст. Ин дуюмин академияе мебошад, ки дар кишвари мо баъди академияи Маъмуни Хоразм бо гузаштани чаҳор аср ташкил ёфтааст.

**Инро хонед!**

Улуғбеки машҳуре, ки ба ҷои Амир Темур дар тахт нишаст, дар Самарқанд... ба академия асос гузошт.

*Волтер,* олими дар асри XVIII зиндагӣ ва эҷодкардаи Франсия.

Улуғбек аксари олимони боистеъдоди он даврро дар академия ҷамъ намуд. Барои фаъолияти онҳо тамоми шароитро муҳайё намуд. Устоди Улуғбек Қозизода Румӣ, Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошӣ ва шогирдаш Алӣ Қушчӣ олимони машҳури ин академия буданд.

**Инро бодиққат хонед!**

«Улуғбек бо саҳми беназираш дар инкишофи илму фан алломаест, ки дар вақти ҳаёт буданаш барои худ ҳайкал гузошта рафтааст».

*Б. Аҳмедов,* олими таърихшиноси ӯзбек.

**Худатонро санҷед**

- ... ... ба Улуғбек устодӣ кардаанд.
- Аз Улуғбек оид ба таърих асаре бо номи... мондааст.

**Улуғбек ҳомии илму фан.** Улуғбек фақат бо корҳои давлат ва эҷод машғул нашуда, дар айни вақт барои равнақи илм ҳомигӣ ҳам кардааст.

Дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва Ғиждувон барпо кардани 3-то мадраса мисоли рӯшани он аст. Дар мадрасаи Самарқанд маърӯзаҳои асосиро Қозизода Румӣ, Улуғбек, Кошӣ ва Алӣ Қушчӣ мехонд. Дар табақаҳои дари мадрасаҳое, ки Улуғбек дар Бухоро сохонда буд, «Аз бар намудани дониш барои ҳар як мусулмони мард ва зан фарз аст» сабт шуда буд. Улуғбек ба ин мадраса ташриф овардааст. Ҳангоми ташриф ба донишҷӯён инъомҳо додааст.

**Ҷашн гирифта шудани бузургдошти Улуғбек.** Соли 1994 дар кишварамон ва дар миқёси дунё 600-солагии таваллуди Мирзо Улуғбек васеъ ҷашн гирифта шуд. Дар тантанаҳое, ки дар Самарқанд баргузор шуд, Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов иштирок ва суханронӣ намуд.

Президентамон дар нутқаш Улуғбекро «Ситораи дурахшони Шарқ» номид.

Соли 2009 аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид ба шарафи Улуғбек эълон шудани «Соли астрономияи байналхалқӣ» боз як эътирофи хизматҳои бузурги Улуғбек гардид.

**Бодиққат хонед!**

Дар китоби «Селенография», ки соли 1647 аз тарафи астрономи машҳур Ян Гевелий чоп шудааст, аз кратерҳои Моҳ дутояш бо номи ҳамватанони бузургамон Аҳмад Фарғонӣ ва Мирзо Улуғбек гузошта шудааст.

**Худатонро санҷед**

- Академияи нахустине, ки дар Ватанамон ташкил шудааст – ... .
- Дуюмин академияе, ки дар Ватанамон ташкил шудааст – ... .

**Савол ва супоришҳо**

1. *Оид ба солҳои ҷавонии Мирзо Улуғбек чиҳоро дониста гирифтед?*
2. *Номҳои асарҳои машҳури Мирзо Улуғбекро номбар кунед.*
3. *Фаъолияти академияи Улуғбек ва академияи Маъмуни Хоразмро қиёс кунед. Ҷиҳатҳои монандӣ ва фарқи онро аниқ кунед.*
4. *Ҳомии илму фан будани Улуғбекро бо далелҳо асоснок кунед.*
5. *Оид ба ҷашн гирифта шудани 600-солагии Улуғбек дар диёрамон ва дар миқёси дунё чиҳоро дониста гирифтед?*

## § 26. ОБОДИИ КИШВАР, АДАБИЁТ ВА САНЪАТ

**Обод намудани шаҳрҳо ва меъморӣ.** Амир Темур ба обод намудани мамлакат, хусусан пойтахт – Самарқанд эътибори махсус медиҳад ва қарор мекунад, ки онро ба яке аз шаҳрҳои зебои дунё табдил медиҳад.

Ӯ корҳои азими бунёдкориро аз барқарор кардани деворҳои мудофиавии Самарқанд сар кард. Акнун ба шаҳр аз шаш дарвозаи ба он деворҳо гузошташуда дохил мешуданд. Ба шаҳри Самарқанд аз дарёи Зарафшон об оварда шуд.

Намунаи аҷоиби меъмории даври Темуриҳо қароргоҳи Амир Темур-Кӯксарой ба ҳусни шаҳр ҳусн бахшида буд. Ӯ бо номи худ масҷиди ҷомеъ ҳам созонд. Вай иншооти бузурги меъморӣ ва масҷиди калони он замон буд.

Амир Темур дар айни замон бо номи ҳамсараш Бибихонум (Сароймулкхонум) масҷиди ҷомеъ ҳам созондааст.

Амир Темур соли 1403 барои набераи хурдсоли вафоткардааш Муҳаммад Султон мақбара ҳам созонд.



**Мақбараи Гӯри Амир.**

Соли 1405 вақте худи Амир Темур вафот кард, он ҷо дафн карда мешавад ва мақбара номи «Гӯри Амир»-ро мегирад. Ин мақбара яке аз иншооти машҳури меъмории дунё аст.

Он ба хилхонаи сулолавии Темуриҳо табдил ёфт. Баъдтар дар ин мақбара сағонаҳои писарони Амир Темур-Умар Шайх, Мироншоҳ ва Шоҳрух, наберааш Мирзо Улуғбек ва пири Амир Темур Сайид Барака ҳам гузошта шуданд. Ҷилои ороиши гумбази мақбара ҳар бинандаро ба ҳайрат меорад.

Амир Темур дар атрофи пойтахт – Самарқанд беш аз даҳ боғи аз якдигар зебо барпо кард. Яке аз боғҳои машҳури он «Боғи дилкушо» буд.

Соли 1404 сафири Испания Клавихо ба Самарқанд омада буд. Ӯ дар ёддоштҳояш оиди дар ин боғ мавҷуд будани фаввораи пуроб, даврозаи боғ хеле васеъ буданаш ва бо тилло, дигар сангҳои қимматбаҳо зиннат ёфтааш, инчунин болои тахти равон шаш то фил гузошта шуданаш навистааст. Хулласи калом, шаҳри Самарқанд дар замони Амир Темур шӯҳрати достонӣ пайдо кардааст.

**Бодиққат хонед!**

«Самарқанд гаҳвораи мероси маънавии Амир Темур аст. Самарқанд дурдонаи меъмории ҷаҳон мебошад».

*Ислом Каримов*

**Худатонро санҷед**

- Гӯри Амир – ин, ... .

Амир Темур дар дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр, аз ҷумла дар Шаҳрисабз низ обидаҳои беназири меъморӣ бунёд кардааст. Мақбараи болои қабри падараш ва писараш Ҷаҳонгир яке аз онҳост.

Мақбарае, ки дар шаҳри Туркистон ба мутафаккири бузург Аҳмади Яссавӣ, маҷмӯаи меъмории Зангиота дар вилояти Тошканд ҳам намунаи баланди санъати меъморӣ ба ҳисоб меравад.

**Алишери Навоӣ** (1441–1501). Шоири бузурги мутафаккири халқи ӯзбек, арбоби давлатӣ, ҳомии илму маданият, асосгузори забони адабии ӯзбек Алишери Навоӣ 9-уми феврали соли 1441 дар Ҳирот таваллуд шудааст.



**Алишери Навоӣ.**

Падараш Ғиёсиддин Баҳодур дар хизмати Темуриён шудааст. Аз ин сабаб бо Ҳусайн Бойқарои темуризода, ки баъдтар ҳоким мешавад, як ҷо тарбия гирифтааст. Алишери Навоӣ дар чаҳорсолагӣ ба мактаб рафта, илмомӯзӣ мекунад. Шеърҳои туркӣ ва форсиро аз ёд кардааст. Дар синни 10–12-солагӣ ба шеър гуфтан сар кардааст. Ихлоси ӯ ба шеър ва истеъдоди вай ҳатто шоири машҳури он давр Лутфиро ба ҳайрат овард. Алишер Навоӣ дар 15-солагӣ чун шоир дар кишвар машҳур шуд. Шеърҳои туркиашро (ӯзбекӣ) бо тахаллуси «Навоӣ», форсиашро бо тахаллуси «Фонӣ» навиштааст. Бори аввал китоб панҷгона – шоҳасари худ «Хамса»-ро ба туркӣ навишт.

Ин асар шӯҳрати адабиёти ӯзбекро ба дунё паҳн кард. Вай ба яке аз дурдонаҳои адабиёти ҷаҳон табдил ёфт. Ғайр аз ин, шеърҳои ӯзбекиашро ҷамъ оварда иборат аз чаҳор қисм девони «Хазоин-ул-маоний»-ро тартиб дод. Баъдтар шеърҳои форсиашро ба «Девони Фонӣ» дохил кард. Яъне ҳамин тавр ба инкишофи шеърияти форсӣ низ саҳми муносиб гузошт.

**Инро бодиққат хонед!**

«Дар дунё ягон инсоне, ки ба туркӣ ва форсӣ ҳарф мезанад, нест, ки ӯ Навоиро надонад, Навоиро дӯст надорад, ба Навоӣ бо садоқат ва эътиқод нигоҳ накунад».

*Ислом Каримов*

**Худатонро санҷед**

- Соли 1441- ... .
- «Навоӣ»- ... .
- «Фонӣ»- ... .

**Камолиддин Беҳзод** (1455–1536). Рассоми бузурги даври худ Камолиддин Беҳзод ҳамзамони Алишери Навоӣ буд. Вай бо мурувввати Алишери Навоӣ чун рассоми миниатюрачии бузург ба камол расид.

Беҳзоди дорои қобилияти нодир ба китобхонаи давлатии Ҳусайн Бойқаро раҳбар таъин шуд. Ин китобхона дар он замон ба академияи бадеӣ табдил ёфта буд. Ба академия минбаъд номи «Академияи Беҳзод»-ро доданд.

Беҳзод ба асари «Зафарнома»-и Шарофиддин Алии Яздӣ, «Саломон ва Абсол»-и Ҷомӣ, «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Темурнома»-и Ҳотифӣ, инчунин ба китобҳои Алишери Навоӣ миниатюраҳои аҷоиб кашидааст. Миниатюраҳое офарид, ки дар он маҷлисҳои Султон Ҳусайн Бойқаро тасвир шудаанд.

Суратҳои Султон Ҳусайн, Алишер Навоӣ, Шайбонихон ва дигар арбобҳои давлатӣ ва зотҳои шарифро кашидааст. Асарҳои Камолиддин Беҳзод ихлосмандони зебоиро ҳанӯз ҳам ба ҳайрат меоварад.

Дар солҳи истиқлол барои абадӣ намудани номи Беҳзод корҳои бузург амалӣ шуданд. Масалан, ба Донишкадаи рассомӣ ва дизайни миллии Тошканд номи Камолиддин Беҳзод дода шуд.

Соли 2000-ум таҳти сарпарастии ЮНЕСКО 545-солагии Беҳзод дар мамлакатамон ҷашн гирифта шуд.

**Худатонро санҷед**

- Беҳзод асосан бо... санъати тасвирӣ машғул шудааст.

### Маънои истилоҳро донистa гиред

**Миниатюра** – асари санъати тасвирии хурдҳаҷми хеле нафис офаридашуда.

**Сағона** – яке аз намуди ёдгории болои қабр гузошташуда.

**Хилхона** – ҷоест, ки марҳумҳои мансуб ба як сулола дафн карда мешаванд.

**Ҳирот** – шаҳрест дар ҳудуди Афғонистони ҳозира.

### Савол ва супоришҳо

1. *Амир Темур барои обод кардани пойтахти мамлакат-Самарқанд кадом корҳоро ба амал баровард?*
2. *Амир Темур кадом обидаҳои меъмориро бунёд карда буд?*
3. *Алишери Навоӣ дар адабиёти ӯзбек чӣ нақше дорад?*
4. *Оид ба шахсияти Алишери Навоӣ ва асарҳои вай нақл кунед.*
5. *Оид ба эҷодиёти Камолиддин Беҳзод чиҳоро донистa гирифтед?*

## § 27. КАШФИЁТҲОИ ИЛМУ ФАН ДАР ЕВРОПА

**Николай Коперник.** Аз асри XVI сар карда дар Европа низ илму фан ба инкишоф оғоз намуд.



**Николай Коперник.**

Хусусан оид ба илмҳои табиатшиносӣ кашфиётҳои бузург ба амал омаданд. Ин кашфиётҳо бо номи Николай Коперники полшагӣ ва олимони италянӣ Ҷордано Бруно ва Галилео Галилей вобаста аст. Олими астрономи полшагӣ Николай Коперник он қоида ва тасаввуроте, ки дар бораи илми астрономия то замони вай мавҷуд, нодуруст буданашро исбот карда дод. То Коперник дар астрономия чӣ хел қоида вуҷуд дошт?

Дар асри дуюми милод олими юнонӣ Птоломей Замин маркази олам аст, гуфта фарзияро ба илм дохил карда буд. Мувофиқи ин қоида Офтоб, Моҳ ва ситораҳо дар атрофи Замин давр мезаданд. Хато будани фикри Птоломейро аввалин шуда Николай Коперник исбот намуд. Вай дар натиҷаи мушоҳидаҳои 30-сола қоидаи Птоломейро рад кард.

Коперник исбот кард, ки Замин дар як шабонарӯз дар атрофи меҳвараш як маротиба, дар атрофи Офтоб соле як маротиба давр мезанад. Яъне на Офтоб дар атрофи Замин, балки Замин дар атрофи Офтоб давр мезанад. Маркази олам на Замин, балки Офтоб аст. Ин ҳақиқат дар илм кашфиёти бузург буд.

**Дар ёд доред!**

Николай Коперник Офтоб маркази олам буданашро исбот карда дод.




**Харитаи Коперник.**



**Ҷордано Бруно.**



**Галилео Галилей.**

Ин кашфиёт дар айни вақт ба ақидаҳои динӣ низ зарба расонд. Коперник дар китобаш «Оид ба даврзании ҷисмҳои осмонӣ» мазмуни кашфиётҳои худро баён намуд. Ин китоб дарҳол машҳур шуда рафт. Аммо китоб қаҳри рӯҳониёнро овард ва он манъ карда шуд.

**Ҷордано Бруно.** Олими италянӣ Ҷордано Бруно ҳанӯз дар овони ҷавонӣ ба астрономия завқи беандоза дошт. Асарҳои олимони соҳаро пухта хонд. Қоидаи Николай Коперникро тарафдорӣ кард. Бино ба фикри ӯ олам ҳад надорад. Олам аз ситораҳои бешумор иборат аст. Яке аз онҳо Офтоб буда, аз Замин хеле дур ҷойгир аст. Ҷордано Бруно барои ин фикраш аз тарафи рӯҳониён ба зиндон партофта шуд. Аммо азоби зиндон ҳам фикри ӯро дигар накард. Рӯҳониён, ки душмани Бруно буданд, соли 1600 ӯро ба гулхан партофта, куштанд.

**Галилео Галилей.** Дигар олими италянӣ Галилей аввалин шуда дурустии тасаввурти Николай Коперник ва Ҷордано Бруноро дар натиҷаи мушоҳидаҳои ҷисмҳои осмонӣ ба воситаи телескопи худаш сохтагӣ исбот намуд. Барои ин кораш рӯҳониён соли 1633 ӯро таъқиб карданд. Ӯро бо куштан тарсонда, гирифтори азобу уқубатҳо намуданд. Дар натиҷа Галилей маҷбур шуда, аз фикри худ даст кашид.

Аммо вай қалбан тарафдори таълимоти Коперник монд.

**Худатонро санҷед**

- Аз Николай Коперник китобе бо номи... ... мерос мондааст.

### Маънои истилоҳро донista гиред

**Телескоп** – асбобе, ки барои мушоҳидаҳо, ба сурат гирифтан ва омӯхтани ҷисмҳои осмонӣ истифода мешавад.

### Савол ва супоришҳо

*1. Олимони Европа барои инкишофи илми астрономия чӣ гуна ҳисса гузоштанд?*
*2. Чаро рӯҳониён олимони астрономро зери таъқиб гирифтанд?*



**Телескоп.**

## § 28. МАЪРИФАТПАРВАРОНИ ТУРКИСТОН

**Оид ба маърифат ва маърифатпарварӣ.** Маърифат кӯшишу ҳаракат барои боло бурдани дониш ва шуури инсонҳо ба воситаи таълиму тарбия мебошад. Онҳое, ки фаъолияташонро ба ин кор бахшидаанд, маърифатпарвар номида мешаванд. Ҳаракати маърифатпарварӣ дар кишвари мо дар охири асри XIX-ибтидои асри XX ба вуҷуд омад ва он бо номи ҳаракати ҷадидӣ шӯҳрат ёфт. Намояндагони ҳаракати ҷадидӣ ҷадидон ном гирифтанд. Ҷадидонро аз тараққиёт ақиб мондани кишварамон Туркистон, ки мустамликаи Россияи подшоҳӣ шуда буд, хеле ба ташвиш мононда буд. Онҳо мехостанд, ки Ватанамон озод ва обод бошад.

**Дар ёд доред!**

Ҷадид (арабӣ – нав), тарафдори навигарӣ, мубориз барои навигарӣ.

Ҷадидон нағз медонистанд, ки барои он, ки Туркистон дар қатори кишварҳои тараққикарда бошад, пеш аз ҳама он бо зиёд будани инсонҳои донишҳои замонавиро омӯхта вобастааст. Аммо ин вазифаро бо мактабхона ва мадрасаҳои мавҷуда ҳал кардан мумкин набуд. Аз ин сабаб онҳо дар навбати аввал пеши худ мақсад гузоштанд, ки тартиботи кӯҳна ва услубҳои таҳсилеро, ки дар мактабҳо ҳукм меронданд, нав кунанд. Дар мактабҳои кӯҳна

асосан донишҳои динӣ дарс дода мешуд. Илмҳои табиатшиносиро (физика, астрономия, кимё, биология, тиббиёти давр ва монанди инҳо) қариб намеомӯзониданд. Ба ҷавонон ин илмҳоро наомӯзонида, ба равнақи кишвар муяссар шудан мумкин набуд.

Ба ҳаракати ҷадидӣ рӯшанфикрони тараққихоҳи диёр раҳбарӣ карданд. Онҳо корро аз ташкили мактабҳои усули нав (усули ҷадид) сар карданд. Дар ин мактабҳо баробари таълими динӣ фанҳои табиатшиносӣ низ омӯзонида мешуд. Ҷадидон бачаҳои боистеъдодро барои таҳсил ба хориҷа мефиристоданд.

Барои дигар кардани шуури халқи ба ақибмондагӣ одаткарда рӯзнома ва маҷаллаҳо кушоданд. Театрҳо ташкил карданд, асарҳо ба саҳна гузоштанд, ки одамонро ба мулоҳиза водор менамуд.

Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ, Абдулло Авлонӣ, Мунавварқорӣ Абдурашидхонов ва дигарон намояндагони бузурги ҳаракати ҷадидии Туркистон буданд.



Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ.

**Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ.** Асосгузори ҳаракати ҷадидии Туркистон Беҳбудӣ соли 1875 дар Самарқанд таваллуд ёфтааст. Ӯ илмҳои динию дунёвии давраашро пухта аз бар карда буд. Вай дар яке аз деҳаҳои назди шаҳри Самарқанд мактаби усули ҷадид кушод, ки дар он дастовардҳои илму фанни дунё омӯзонида мешуд.

Барои ин мактаб чандин китобҳои дарсӣ навишт. «Китоби баровардани савод», «Ҷуғрофияи умумии мухтасар», «Муқаддимаи ҷуғрофияи аҳолӣ» ва «Таърихи ислом» аз ҷумлаи онҳо буданд.

Беҳбудӣ дар тарбияи насли наврас муҳим будани театрро ҳам хуб дарк карда буд. Аз ин боис асари саҳна ҳам навишт. Асари саҳнавии ӯ – «Падаркуш» ба зудӣ шӯҳрат пайдо намуд. Дар ин асар оид ба писари беилм ва ҷоҳиле, ки ба қотили падараш табдил меёбад, ҳикоя мешавад. Беҳбудӣ зери номи «Самарқанд» рӯзнома ва бо номи «Оина» маҷалла ҳам нашр кард. Ба воситаи онҳо ҷавононро ба ватанпарварӣ, аз бар кардани комёбиҳои илму фанни ҷаҳон даъват мекард.

**Дар ёд доред!**

«Халқе, ки аз илму фанни замона бебаҳра мондааст, поймоли дигарон хоҳад шуд».

*Беҳбудӣ*

Беҳбудӣ аз ҷавонон даъват мекард, ки дар роҳи пешравии Ватан якчанд забонҳои хориҷиро аз бар намоянд.



Абдулло Авлонӣ.

**Абдулло Авлонӣ.** Маърифатпарвари намоён, шоир, журналист, арбоби давлатии замонааш Авлонӣ соли 1878 дар шаҳри Тошканд таваллуд шудааст. Дар мактаб ва мадраса таҳсил гирифтааст. Ӯ забонҳои арабӣ, форсӣ ва русиро нағз медонист. Аҳамияти мактаби усули навро хуб медонист ва чунин мактабро дар Тошканд кушода буд. Худаш аз забони модарӣ ва адабиёт дарс медод. Барои донишомӯзон «Муаллими аввал», «Муаллими сонӣ», «Гулистони туркӣ ё худ ахлоқ» (Китобҳои хониш) барин китобҳои дарсӣ таҳия кард. Авлонӣ гуруҳи театрии «Тӯрон»-ро ташкил намуд. Чандин асарҳои саҳнавиро, аз ҷумла «Падаркуш»-и Беҳбудиро ба саҳна гузошт.



Мунавварқорӣ Абдурашидхонов.

**Мунавварқорӣ Абдурашидхонов.** Мунавварқорӣ Абдурашидхонов соли 1878 дар Тошканд, дар оилаи рӯшанфикр таваллуд ёфт. Соли 1901 дар Тошканд нахустин мактаби усули навро ташкил кард. Барои мактаби усули нав «Усули овоз бароварда хондан», «Китоби хониш», «Кураи замин» (Ҷуғрофия) барин китобҳои дарсӣ навишт. Ӯ оҳиста-оҳиста ба пешвои ҳаракати ҷадидони Туркистон табдил ёфт.

Вай ақибмондагиро сиёҳ намуда, ҷавононро ба омӯхтани илмҳои Европа даъват кардааст. Аз ҳолати мустамликавии Туркис-

тон сахт андӯҳ мехӯрд. Ин ҳол ба мустамликадорон маъқул набуд. Аз ин сабаб нисбати ӯ ҳар гуна бӯҳтонҳо паҳн карда, ниҳоят соли 1931 парронданд.

**Ному хотираи муборизони роҳи озодӣ абадист.** Номи ононе, ки дар роҳи озодии Ватан ҳалок шудаанд, ҳеҷ гоҳ намемирад. Вақте Ӯзбекистон мустақил гардид, номҳои муборaки онҳо зинда карда шуд. Ба ин кор шахсан Сарварамон Ислом Каримов раҳнамоӣ кард. Бо ташаббуси ӯ соли 2000 дар Тошканд маҷмӯаи ёдгории «Шаҳидлар хотираси» барпо карда шуд. Соли 2002 дар таркиби ҳамин маҷмӯа музейи «Хотираи қурбониёни қатағон» кушода шуд. Ҳамин тавр, хотираи қурбониёни роҳи озодӣ абадӣ гардонида шуд.

**Худатонро санҷед**

- Ҷадидӣ – ин... .
- Ҷадидон барои... мубориза бурдаанд.

### Маънои истилоҳро донparam гиред

**Зиёӣ** (рӯшанфикр) – оне, ки маърифат, илмро паҳн мекунад.

**Мустамлика** – кишваре, ки аз тарафи давлати пурзӯр забт шудааст.

**Қатағон** – таъқиб кардан ва ҷисмонан нест кардани шахсони озодфикр.

### Савол ва супоришҳо

1. *Сабабҳои дар Туркистон ба вуҷуд омадани ҳаракати маърифатпарвариро қайд намоед.*
2. *Ҷадидон дар назди худ чӣ хел мақсадҳо гузошта буданд?*
3. *Чаро ҷадидон кори худро аз ташкили мактабҳои усули нав (усули ҷадид) сар карданд?*
4. *Оид ба ҳаёт ва фаъолияти Беҳбудӣ чиҳоро донparam гирифтед?*
5. *Авлонӣ кадом китобҳои дарсиро офаридааст?*
6. *Оид ба ҳаёт ва фаъолияти Мунавварқорӣ Абдурашидхонов нақл кунед.*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

**Маърифатпарварони Туркистон (ҷадидон)**

*(Ҷадвалро пур кунед)*

| Р/т | Маърифатпарварони Туркистон | Кай ва дар куҷо таваллуд шудааст | Мақсадҳояш | Кай ва дар куҷо мактаби нав ташкил кардааст | Китоби дарсии навиштааш | Асарҳои саҳнавиаш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Беҳбудӣ | | | | | |
| 2. | Авлонӣ | | | | | |
| 3. | Мунавварқорӣ | | | | | |




## § 29. ҶАСОРАТИ ТОМИРИС ВА ШЕРАК

**Ба Осиёи Миёна зада даромадани ҳахоманишиҳо.** Дар миёнаҳои асри VI пеш аз милод сулолаи ҳахоманишиҳо, ки подшоҳони Эрон ба он асос гузшта буданд, забт кардани диёрамон Тӯронро дар назди худ мақсад карда гузоштанд.

Намояндаи ин сулола шоҳи Эрон Куруши II барои амалӣ намудани он мақсад қарор кард, ки сарзамини массагетҳоро аввал забт намояд.

Дар арафаи ҳамлаи Куруши II мулки массагетҳоро малика Томирис идора мекард. Оид ба ин маликаи оқила ва ҷасур бисёр ҳикоя ва ривоятҳо ҳастанд. Яке аз онҳо дар китоби «Таърих»-и Ҳеродот оварда шудааст.



**Куруши II бо лашкараш.**



Томирис.

Куруши II-и забтгар барои истилои массагет-ҳо соли 530-юми пеш аз милод аз дарёи Аму мегузарад. Пеш аз ҷанги ҳалкунанда Куруши II бо роҳи ҳила писари Томирис Спарганисро ба асирӣ мегирад.

Куруши II ба Спарганис гуфт:

– Ба модарат гӯй: ба ман ба шавҳар барояд. Баъд аз он шумоёнро озод мекунам.

Спарганис аз ӯ илтимос кард, ки дасто-нашро кушояд. Баъди гирифтани кишани даст ҷавонмарди បономус ханҷари посбонро кашида гирифта ба тани худ зад. Форсҳо ба ҳайрат афтода Спарганисро бо эҳтиром дафн намуданд. Томирис аз шунидани ин хабар сахт ғамгин мешавад ва ба Куруши II чунин номаро мефиристад: «Эй Куруши хунхӯр! Аз худ марав, лашкарам ва писарамро на дар ҷанги рӯ ба рӯ, балки бо роҳи ҳила асир намудӣ. Бо хубӣ онҳоро баргардонда, ба кишварат баргард! Вагарна бо номи худоям қасам мехӯрам, ки туро ба хуни худат сер мекунам».

Куруши II ба гапи ӯ гӯш накард. Томирис тамоми лашкарашро ҷамъ карда, ба болои Куруши II юриш мекунад. Байни ду тараф ҷанги сахт рӯй медиҳад. Дар ин ҷанг - Куруши II ҳам ҳалок мешавад. Яке аз ҷавонони массагетҳо сари буридаи Куруши II-ро зери пойи Томирис оварда мепартояд. Малика фармон медиҳад, ки сари Куруши II-ро ба меши пур аз хун андозанд ва бо овози баланд мегӯяд, ки «Писарамро куштӣ, хуни ҳамватанонамро хӯрданӣ будӣ. Дар зиндагиат ба хуни инсон сер нашудӣ. Инак, акнун то сер шуданат хунро нӯш, хунхӯр!».



Томирис ба ҷанг раҳсипор аст.

Ҷанги байни массагетҳо ва шоҳи Эрон Куруши II дар забони мардум достон шудааст. «То ҷое, ки ман медонам, дар байни ҷангҳо ин хел ҷангро касе надидааст» – навиштааст Ҳеродот дар хотимаи ҳикояи худ.

**Худатонро санҷед**

- Куруши II - ... .
- Томирис - ... .

**Ҷасорати Шерак.** Гарчанде Куруши II ба ҳалокат дучор омад, ҳахоманишиҳо аз нияти истило кардани Тӯрон даст накашиданд. Намояндаи дигари ин сулола Дорои I соли 519 пеш аз милод акнун барои истилои ҳудудҳои зисти сакҳо лашкар кашид.



**Дорои I.**

Сакҳо ба муқобили душман сахт муқовимат нишон медиҳанд. Инро дар мисоли ҷасорати ҷавонмарди Тӯрон аз қабилаи сакҳо-Шерак ҳам дидан мумкин.

Ӯ назди шоҳи Эрон Дорои I рафта мегӯяд, ки аз ҳамватанонаш аламзада аст, барои қасд гирифтан ба эрониҳо ёрдам медиҳад, онҳоро ба ҷойи ҷанговарони сак бо роҳи наздик бурданаш мумкин.

Дорои I ба Шераки гӯшу биниаш бурида бовар мекунад. Чунки ватанпарвар Шерак гӯшу бинии худашро махсус бурида буд.

Шерак онҳоро ба самти маркази биёбон ҳамроҳӣ мекунад. Аммо онҳо вақти зиёд роҳ рафтанд, вале аз манзил дарак набуд. Дар ин байн захираи озуқаи лашкари душман тамом мешавад. Форсҳо дарғазаб шуда, фиреб хӯрданашонро мефаҳманд.



**Шерак душманро фиреб дод.**

Шерак ба онҳо мегӯяд:

– Ман танҳо худам лашкари Дорои I-ро ба ҳалокат рӯ ба рӯ кардам. Ҳамва-

танонамро аз марг ва тороҷгарӣ наҷот додам. Лашкари душман ба ҳалокат маҳкум аст.

Ҷавонмарди Тӯрон Шерак дар дасти душман ҳалок мешавад. Аммо халқашро, Ватанашро аз истилогарон ҳимоя кард. Лашкари Доро дар саҳро монда, ба ҳалокат дучор мешавад. Аммо ҳахоманишиҳо пас аз ин мағлубият ҳам аз нияти истило кардани Тӯрон нагаштанд.

Душман аз нигоҳи ҳарбӣ пурзӯр буд. Ниҳоят подшоҳии Форс кишварамонро тобеъ кард ва ҳар сол ба миқдори зиёд боҷу товон мегирифт.

**Худатонро санҷед:**

- Дорои I- ... .
- Шерак- ... .

### Мазмуни истилоҳҳоро донista гиред

**Ҳахоманишиҳо** – сулолае, ки дар солҳои 558–330-юми пеш аз милод дар Эрони қадим ҳукмронӣ кардааст.

**Товон** – андоз.

### Савол ва супоришҳо

1. *Ҳахоманишиҳо киҳо буданд ва онҳо кай ба Тӯрон зада даромаданд?*
2. *Оид ба ҷасорати Томирис чиҳоро донista гирифтед?*
3. *Оид ба ҷасорати Шерак нақл кунед.*

## § 30. ҚАҲРАМОНИИ СПИТАМЕН

**Юриши Искандари Мақдунӣ ба Осиёи Миёна.** Дар миёнаҳои асри IV-уми пеш аз милод дар Европа давлати Македония ташкил ёфт.

Подшоҳи он Филиппи II барои бурдани ҷангҳои истилогарона лашкар ҷамъ мекард.

Аммо ногаҳон вафот мекунад. Тахтро писари 20-солаи ӯ Искандар (Александр) мегирад (солҳои 356–323-юми пеш аз милод). Ӯ бисёр мамлакатҳоро забт мекунад. Чун дигар истилогарон эътибори Искандарро ҳам сарвати бепоёни кишварамон ба худ ҷалб кард. Аз ин боис ӯ барои истилои Ватанамон ҳаракат мекард.

Ӯ соли 329-уми пеш аз милод аввал Бохтарро забт намуд. Сипас ба Суғд юриш сар кард ва шаҳри Мароқандаро (Самарқанди ҳозира) ишғол намуда, онро бераҳмона тороҷ кард.

Искандар Мароқандаро ба қароргоҳи худ табдил дода, юришро ба самти Сирдарё давом дод.



Искандари Мақдунӣ.



**Худатонро санҷед:**

- Искандари Македониягӣ (Мақдунӣ) – ... .
- Дар соли 329-уми пеш аз милод – ... .

**Қаҳрамонии Спитамен.** Истилогарон кишвари моро ҳеҷ гоҳ ба осонӣ забт накардаанд. Ҷавонмардони Тӯрон ин дафъа ҳам дар роҳи озодии Ватан қаҳрамонона мубориза бурдаанд. Ин ҳаракати озодихоҳӣ се сол давом кард. Ба он лашкаркаши моҳири суғдӣ Спитамен раҳбарӣ мекард.

Суғдиён суруди зеринро бо овози баланд мехонданд:

*Суғди зебо, бош хуррам,*
*Мо туро фарзанд ҳастем.*
*Садқаву парвонаи ту,*
*Мӯнису пайванд ҳастем.*
*(Тарҷумаи Паймон)*



Спитамен.

Шӯришгарон тахти сарварии Спитамен пеш аз ҳама лашкари Искандарро, ки дар шаҳри Мароқанда монда буд, торумор намуданд ва шаҳрро ишғол карданд.

Инро шунида Искандар барои пахши шӯриши Спитамен лашкари қариб

аз чаҳор ҳазор нафарро фиристод. Аммо Спитамен онҳоро низ мағлуб кард.

Акнун Искандар бо лашкари калонаш омада Мароканадаро зери шиканҷа мегирад. Дар яке аз ҷангҳои сахт Искандар ҳатто ярадор мешавад. Аммо лашкари таҷрибаноки Искандар дар ин ҷанг ғолиб меояд.

Спитамен маҷбур шуд ақибнишинӣ кунад. Дар ҷараёни ҷанги истилогарона Искандар фаҳмид, ки Ватани моро бо осонӣ забт кардан мумкин нест.

Вай ба Спитамен таклиф мекунад, агар шӯришро бас намояд, ҳокимии Суғдро ба ӯ месупурад.

Аммо Спитамен аз хиёнат ба Ватан дида, маргро афзал донист ва ҷавоби рад дод.

Акнун Искандар роҳи ҳиларо пеш гирифт. «Спитаменро нест бояд кард» – фикр мекард Искандар. – Имкон бошад, зудтар! Пеш аз он, ки тамоми Осиёро ба по нахезонад, нобуд бояд кард. Аммо чӣ хел? Охир ин «паланги маст»-ро ҳазорон лашкар таъқиб намуда, нобуд накард. Қувва кор надод-ми, пас ҳиларо бояд кор фармуд. Наход дар байни лашкари «паланг» як то шағол набошад.?!»

Ҳамватанон Спитаменро Паланг мегуфтанд. На барои он, ки ӯ болояш пӯсти паланг гирифта мегашт, балки барои он, ки мисли паланг ҷасур ва чолок буд.

Ҳамин тавр Искандар барои аз хоинони Ватан истифода бурдан қарор кард ва ба он муваффақ шуд. Ин воқеа соли 328-уми пеш аз милод рӯй дод. Искандар Спитаменро бо ёрии ҳилаву найранг мағлуб намуд. Суғдиҳо Спитаменро бо иззату икром дафн карданд.

Гарчанде Спитамен ҳалок шуд, муборизаи зидди истилогарон боз як сол давом кард. Шӯриш гарчанде мағлуб шуд, он матонат ва ҷасорати аҷдодонамонро нишон дод.

Искандар ватанамонро ба худ тобеъ кард. Аммо ин хеле гарон афтод.

Искандар ҳангоми тайёрӣ ба ҷанги нав гирифтори бемории безгак шуда, дар 33-солагӣ вафот кард. Баъди вафоти Искандар давлати вай асос гузошта пароканда шуд.

**Худатонро санҷед:**

- Спитамен – ... ... буд.
- Спитамен бо роҳи ... маҳв карда шуд.

**Савол ва супоришҳо**

1. *Давлати Македония кай ва аз тарафи кӣ барпо шудааст?*
2. *Искандари Мақдунӣ аз забт кардани Ватанамон чӣ гуна мақсад дошт?*
3. *Оид ба шӯриши таҳти сарварии Спитамен дар роҳи озодии Ватанамон чиҳоро дониста гирифтед?*
4. *Искандар Спитаменро бо кадом роҳ мағлуб карда буд?*

## § 31. МУБОРИЗАИ ОЗОДИХОҲОНАИ ХАЛҚ БАР ЗИДДИ АРАБҲО

**Сабабҳои шӯриши Муқаннаъ.** Иқлими зебо ва қулай, сарвати беҳисоби Ватанамон диққату эътибори арабҳоро низ ҷалб карда буд. Аз ин боис онҳо дар асри VIII Ватанамонро истило карданӣ шуданд.

Ба ин юришҳои истилогарона сарлашкари таҷрибаноки арабҳо Қутайба ибни Муслим раҳбарӣ мекард. Дар арафаи саршавии юриши истилогарона дар Ватани мо давлати ягонаи тавоно набуд.

Ин барои арабҳои истилогар хеле кор дод. Сарфи назар аз он аҷдодони мо бар зидди истилогарон муборизаи беамон бурданд. Вале арабҳои дорои лашкари пурзӯр соли 715 дар кишвари мо ҳукмронии худро ҷорӣ карданд.

**Дар ёд доред!**

Арабҳо кишвари моро Мовароуннаҳр (он тарафи дарё) номидаанд.

Арабҳо ба мардуми Мовароуннаҳр ҷабру зулми зиёд бор карданд. Масалан, миқдори андозро аз аҳолӣ зиёд карданд.

Зиёда аз ин заминҳои беҳтарин ба арабҳои кӯчида омадагӣ дода мешуданд. Сарвати кишварамон тороҷ мегардид.

Дар айни замон худро аз аҳолии маҳаллие, ки дар тараққиёт пеш буданд, боло медонистанд. Онҳоро писанд намекарданд. Ин



**Юриши ҳарбии Қутайба.**

беадолатиҳо ва ҷабру зулми зиёд дар байни аҳолӣ норозигиро ба вуҷуд овард. Онҳо алалоқибат ба сар шудани шӯриш бо раҳбарии Муқаннаъ дар соли 769 оварда расонд.

**Натиҷаи шӯриш.** Номи аслии Муқаннаъ Ҳошим ибни Ҳаким буд. Вай ҳамеша ба рӯяш ниқоб гирифта мегашт.

Шӯришгарон барои фарқ кардан аз арабҳо либоси сафед пӯшиданд. Аз ин сабаб шӯриш ба таърих бо номи «шӯриши сафедҷомагон» даромадааст.

Ин шӯриш то соли 783-юм давом карда, истилогарони арабро ба таҳлука андохт. Онҳо барои пахши шӯриш ҳамаи чораҳоро диданд.

Сарфи назар аз он шӯришгарон муқобилияти сахт нишон доданд. Аммо қувваҳо нобаробар буданд.

Ин ба арабҳо имкон дод, ки шӯришгаронро паси ҳам мағлуб намоянд.

Ниҳоят арабҳо ба воҳаи Қашқадарё зада даромаданд. Дар ин ҷо такягоҳи асосии шӯришгарон – қалъаи Сомро муҳосира намуда, онро ишғол карданд.

Ҳамин тавр шӯриши Муқаннаъ шикаст хӯрд. Муқаннаъ аз ночорӣ ба гулхани танӯри сӯзон худро партофта, қаҳрамонона ҳалок шуд.

Истилогарони араб, ки лашкари доимии хуб тайёршуда доштанд, ғалаба намуданд.

Лашкар аз тарафи давлат бо ҳама чиз-ҳои зарурӣ дар вақташ таъмин мегардид.

Лашкари Муқаннаъ лашкари давлатӣ набуд. Бинобар ин лашкар тайёрии ҳарбӣ надида буд.

Гарчанде лашкари Муқаннаъ шикаст хӯрд, он ба решаи истилотарони араб теша зад.



**Шӯриши Муқаннаъ.**

Дар айни замон ин шӯриш қудрати халқ дар муттаҳидии ягонаи он буданашро исбот кард.



**Муқаннаъ.**

### Худатонро санҷед

- Бар зидди арабҳо... соли... .
- «Сафедҷомагон» – ... .

### Савол ва супоришҳо

1. *Ватани мо бо кадом ҷиҳатҳояш эътибори арабҳоро ҷалб карда буд?*
2. *Оид ба сабабҳои шӯриши Муқаннаъ чиҳоро донista гирифтед?*
3. *Шӯриши Муқаннаъ чаро ба мағлубият дучор омад?*
4. *Аҳамияти шӯриши Муқаннаъ аз чиҳо иборат аст?*

# § 32. ҶАЛОЛИДДИН МАНГУБЕРДӢ – ҚАҲРАМОНИ МИЛЛИИ ХАЛҚАМОН

**Муборизаи мардонавор бар зидди муғулҳо.** Соли 1206 дар Муғулистон давлати «Улуси ягонаи муғул» ташкил ёфт. Ин давлатро лашкаркаши машҳури замонаш Темучин ташкил карда буд. Сарвари давлат Темучин унвони Чингизхонро гирифт.



Чингизхон.

Чингизхон лашкари дар он давр хеле пурқувватро ташкил намуд. Акнун ӯ барои ҳукмронии дунё ҳаракат мекард. Дар муддати кӯтоҳ ҳудудҳои зиёдро забт карда, давлаташро ба давлати бузург табдил дод.

Ниҳоят сарҳади давлати ӯ ба сарҳади давлати дигари бузург-давлати Хоразмшоҳиён наздик шуд.

Дар он солҳо подшоҳи давлати Хоразмшоҳиён Аловуддин Муҳаммад буд. Мақсади Чингизхон давлати Хоразмшоҳиёнро нобуд сохта, ҳукмдори танҳои Осиё шудан буд.

Соли 1219 Чингизхон бар зидди давлати Хоразмшоҳиён ҳаракат-ҳои ҳарбиро сар кард. Аловуддин Муҳаммад дар ташкили мудофиаи мамлакат ба хатоҳо роҳ дод. Ҳар як қалъаи Хоразмшоҳиён бар зидди душман мардонавор меҷангиданд.



Хоразмшоҳ Султон Аловуддин Муҳаммад.

Аммо Чингизхони қудратманд паси ҳам шаҳрҳои Мовароуннаҳрро ба хароба табдил дода мерафт. Дере нагузашта ба пойтахти кишвар шаҳри Урганҷ ҳуҷум сар кард.

Урганҷиҳо таҳти раҳнамоии алломаи бузургашон Наҷмиддин Кубро бар зид-

ди душман муқобилияти сахт нишон доданд.

Наҷмиддин Кубро ба мудофиачиён нигоҳ карда «Ё Ватан, ё марги шарафнок» гӯён хитоб карда буд.

Дар ин шаҳр ҷангҳои кӯчагӣ ҳафт моҳ давом кард. Дар охир мудофиачиёни шаҳр ҳоли дар даст яроқ гирифтанро надошта, ноилоҷ таслим шуданд. Дар мудофиаи Урганҷ Наҷмиддин Кубро мардонавор ҳалок шуд. Муғулҳои шаҳрро забткарда онро оташ заданд. Дар натиҷаи он дар шаҳри зебое, ки солҳои зиёд барпо шуда буд, ҳаёт қатъ ёфт.



**Аловуддин Муҳаммад найзаи алмосиро ба писараш Ҷалолиддин Мангубердӣ медиҳад.**

**Лашкаркаши ҷасур ва моҳир Ҷалолиддин Мангубердӣ (1198–1231).** Аловуддин Муҳаммади ба бемории вазнин гирифтор шуда писари калониаш Ҷалолиддин Мангубердиро ворили тахт таъин карда буд.

Аммо ин вақт тамоми имконият аз даст рафта буд. Дар чунин шароити вазнин барои кишвар бо сарварии Ҷалолиддин мубориза зидди истилогарон сар шуд.

Соли 1221 ӯ ба қалъаи Валиён, ки онро муғулҳо дар муҳосира нигоҳ медоштанд, ҳамла оварда ғалаба кард. Ин якумин ғалабаи калон аз болои муғулҳо буд.



**Ҷалолиддин Мангубердӣ.**

Чингизхон аз ин хабардор шуда, бар зидди Ҷалолиддин лашкари 45 ҳазорнафара фиристод. Ҷалолиддин дар Парвони назди Ғазна ба он рӯ ба рӯ омад ва дар ин ҷанг ғалаба кард.

**Дар ёд доред!**

Дар ин ҷанге, ки дар таърих бо номи «Ҷанги Парвон» даромадааст, Ҷалолиддин бар зидди муғулҳо ҳамаи лашкарро аз асп фаровarда, душманро бо камон зери тир гирифта, баъд ба усули ҳуҷум кардан гузаштааст.

Акнун худи Чингизхон бо лашкари калонаш бар зидди Ҷалолиддин ба ҷанг даромад.

**Ҷанги ҳалкунанда.** Ҷанги ҳалкунандаи ду тараф дар соҳили дарёи Синд 24–26 ноябри соли 1221 рӯй дод ва дар таърих номи «Ҷанги Синд»-ро гирифтааст.

**Худатонро санҷед**

- Ҷалолиддин дар ҷанги Парвон... истифода бурд.
- Ҷанги Синд ... соли... рӯй дод.

Ҷалолиддин лашкари камшумор дошт. Сарфи назар аз он хоразмиҳо бо душмани пурқудрат ҷанги сахт бурданд. Тақдири ҷангро лашкари яккачини дар камингоҳбудаи Чингизхон ҳал кард. Ҷалолиддини мағлуб бо лашкари камшумораш ба он соҳили дарёи Синд гузашта, тарафи биёбон ҳаракат мекунад. Чингизхон душман бошад ҳам ба ҷасорати Ҷалолиддин қоил шуда «Барои падар ҳамин хел писари ҷасур зарур. Ӯ аз байни ду гирдоб-оташ ва об ба озодӣ баромада тавонист» гуфта буд вай. Султон Ҷалолиддин Мангубердӣ шикаст хӯрда бошад ҳам, то соли 1231 зидди муғулҳо муборизаро давом дод. Ӯ зафар ҳам кард, алами мағлубиятро ҳам кашид, аммо таслим нашуд. Ҷалолиддин Мангубердӣ соли 1231 дар моҳи август дар ҳудуди Туркия ҳалок шуд.

**Қаҳрамонии миллии халқамон абадзинда аст.** Дар солҳои истиқлоли Ватанамон ҷасорати беназири Ҷалолиддин Мангубердӣ бар зидди истилогарони муғул, садоқат ва муҳаббати беандозааш нисбат ба Ватану халқаш баланд тақдир карда шуд.

**Бодиққат хонед!**

«Ҷалолиддин Мангубердӣ ҳимоятгари Модар-Ватан, лашкаркаши ҷасур... дар таърихи халқамон қаҳрамони миллиест, ки номи безавол гузоштааст».

*Ислом Каримов*

Бо ташаббуси Президент Ислом Каримов соли 1999 -ум 800-солагии таваллуди Ҷалолиддин Мангубердӣ васеъ ҷашн гирифта шуд. Ба Ҷалолиддин Мангубердӣ ҳайкал гузошта шуд. Ба кӯчаҳо ва майдонҳо номи ӯ дода шуд.

Соли 2000-уми яке аз мукофотҳои олии ҳарбӣ-ордени «Ҷалолиддин Мангубердӣ» таъсис гардид.




**Ордени «Жалолиддин Мангуберди».**

### Мазмуни истилоҳҳоро донista гиред

**Валиён** – шаҳри қадиме дар Афғонистони имрӯза.

**Парвон** – шаҳраке дар Афғонистон

**Синд** – дарёи азиме, ки аз шимолии Покистони имрӯза ҷорӣ мешавад.

### Савол ва супоришҳо

1. *Оид ба давлати муғулҳо, ки Чингизхон ташкил карда буд, чиҳоро донista гирифтед?*
2. *Чаро Аловуддин Муҳаммади Хоразмшоҳ мудофиаи мамлакатро ташкил карда натавонист?*
3. *Ҷалолиддин дар кадом шаҳрҳо бар муғулҳо ғалаба кард?*
4. *Оид ба ҷанги соҳили дарёи Синд ҳикоя кунед.*
5. *Дар солҳои истиқлоли Ватанамон барои абадӣ гардонидани хотираи Ҷалолиддин Мангубердӣ кадом корҳо амалӣ шуданд?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

**Қаҳрамонони мубориза роҳи озодии Ватан**

*(Ҷадвалро пур кунед)*

| Р/т | Қаҳрамонҳо | Кай ва бар зидди киҳо мубориза бурдаанд? | Тақдири қаҳрамонҳо |
|---|---|---|---|
| 1. | Томирис | | |
| 2. | Шерак | | |
| 3. | Спитамен | | |
| 4. | Муқаннаъ | | |
| 5. | Ҷалолиддин Мангубердӣ | | |

# § 33. СОҲИБҚИРОН АМИР ТЕМУР

**Ҳаёт ва фаъолияти Амир Темур.** Амир Темур 9-уми апрели соли 1336 дар деҳаи Хӯҷа Илғор дар ноҳияи Яккабоғи ҳозира таваллуд ёфтааст.

Падари Амир Темур Амир Тарағай Баҳодур аз авлоди барлоси ӯзбекҳо ва яке аз амирони бонуфузи вилояти Кеш буд.



**Амир Темур.**

Модараш Такина Моҳбегим аз духтарони яке аз хонаводаҳои намоёни илму фан будааст. Ҷавонии Амир Темур дар Шаҳрисабз гузаштааст. Вақте ҳафтсола шуд, падар ӯро ба хондан медиҳад. Амир Темур овони ҷавонӣ зери назорати устодҳо бо чапандозӣ, шикор, аз камон тир андохтан, бозиҳои ҳарбӣ машғул мешуд. Вай илмҳои замонашро хуб омӯхт. Аз пири падараш шайх Шамсиддин Кулол сабақ гирифт. Чун ҷавони фикрронияш комил, фазилаташ баланд, зирак ва ҷасуру баҳодур ба камол расид.

Дар 17-солагӣ тамоми мулки падарашро мустақилона идора мекард. Вақте Амир Темур ба дунё омад, ҳудуди Ватани мо ба мулки тобеи яке аз писарони Чингизхон бо номи улуси (давлати) Чиғатой дохил мешуд.

Дар миёнаҳои асри XIV дар улуси Чиғатой мубориза барои ҳокимият хеле шадид гардид. Дар оқибат улус пароканда шуд. Амир Темур дар чунин шароити вазнин ба саҳнаи таърих баромад. Ӯ фаъолияти ҳарбиашро бо лашкари зердасташ бо хизмат ба амирони вилоятҳои гуногун сар кардааст. Дар ҷангҳои байни онҳо иштирок карда, ҷасорат нишон додааст. Ин бошад, номи ӯро дар воҳаи Қашқадарё машҳур намуд. Амир Темури дар муборизаҳо обутоб ёфта акнун дар назди худ мақсад гузошт, ки Ватанро аз зери юғи муғулҳо озод менамояд.



**Байрақи давлати Амир Темур.**

**Амир Темур-асосгузори давлати пуркудрат.** Дере нагузашта Амир Темур бар зидди

муғулҳо муборизаи озодихоҳиро сар кард. Ин мубориза ҳашт сол давом кард. Ниҳоят муборизони роҳи озодӣ лашкари муғулҳоро аз ҳудуди мамлакат берун ронданд. 9-уми апрели соли 1370 Амир Темур подшоҳи Мовароуннаҳр эълон шуд. Ӯ он вақт 34 сол дошт.

Пири ӯ шайх Сайид Барака ба Амир Темур рамзи ҳокимияти олӣ нағораи калон ва байрақро супурд. Самарқанд пойтахти давлати Амир Темур муқаррар шуд.

**Дар ёд доред!**

Соли 1370 Соҳибқирон Амир Темур ба давлати бузург асос гузошт.

**Амир Темур-халоскунандаи халқҳои Европа.** Дар он давр ба давлати Амир Темур давлати Ӯрдаи Тиллоӣ, ки муғулҳо ташкил карда буданд, хатар меовард. Дар тахти ин давлат Тӯхтамишхон менишаст. Амир Темур барои бартараф намудани хавфи Ӯрдаи Тиллоӣ ба мубориза бархест. Соли 1395 Амир Темур лашкари Тӯхтамишхонро торумор кард. Ин ғалаба Ӯрдаи Тиллоиро заиф намуд ва аз зери зулми муғулҳо озод шудани Русро (Россия)-ро, ки тобеи Ӯрдаи Тиллоӣ буд, тезонид.

**Бодиққат хонед!**

«Амир Темур аз зулми Ӯрдаи Тиллоӣ халос шудани Россияро ва болоравии ин давлатро тезонид».

Аз китоби «Ду сарлашкари бузург»-и М.Иванин (олими таърихшиноси рус)

Амир Темур лашркари султони империяи Усмониҳо (Туркия) Боязидро, ки ба халқҳои Европа таҳдиди калон мекард, соли 1402 дар ҷанги назди Анқара торумор намуд. Ин мағлубияти Усмониҳо хавфи онҳоро нисбат ба давлатҳои Европа ба нестӣ баровард.

Давлатҳои Европаи аз таҳдиди Боязид халосшуда ба Амир Темур мактубҳои миннатдорӣ мефиристанд.

Шоҳони Франсия ва Испания сафирони худро мефиристанд.-Ҳанӯз дар асри XV Дар Европаи Ғарбӣ ба Соҳибқирон Амир Темур ёдгорӣ гузошта, дар он суханони пурмаъноӣ «Халоскунандаи Европа» сабт карда шуд.




**Ҳайкали Амир Темур.**

Аз ин боис халқҳои Европаи Ғарбӣ Амир Темурро халоскунандаи худ медонанд. Оре, Амир Темур кишварро ба давлати мутамаркази пурқудрат табдил дод. Дар айни вақт ба халоскунандаи Европа ҳам табдил ёфт.

Аз ин боис ҳам бино ба қарори ташкилоти ЮНЕСКО соли 1996-ум 660-солагии таваллуди Амир Темур дар миқёси дунё васеъ ҷашн гирифта шуд.

**Бодиққат хонед!**

«Амир Темур ифтихори мо, ғурури мо аст!»

*Ислом Каримов.*

Дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд ва Шаҳрисабз ҳайкалҳои Амир Темур гузошта шуд. Дар Тошканд Музейи давлатии таърихи Темуриён кушода шуд. Яке аз мукофотҳои олии Ватанамон-ордени «Амир Темур» таъсис дода шуд.

**Худатонро санҷед**

- Соли 1395 – ...
- Ҷанги Анқара – ... .
- М. Иванин – ... .

**Мазмуни истилоҳро донистa гиред**

**Анқара** – пойтахти Республикаи Туркияи имрӯза.

**Савол ва супоришҳо**

*1. Ҳангоме ки Амир Темур ба майдони мубориза баромад, аҳвол дар Ватанамон чӣ хел буд?*
*2. Оид ба муборизаи Амир Темур барои истиқлоли Ватан ва барпо намудани давлати бузург чиҳоро донистa гирифтед?*
*3. Чаро Амир Темурро халоскунандаи Европа меноманд?*
*4. Дар солҳои мустақилӣ барои зинда кардани номи поку бузурги Амир Темур кадом корҳо амалӣ шуданд?*

### МАЪЛУМОТИ ИЛОВАГӢ

**Аз панду насиҳатҳое, ки бобои бузургамон Амир Темур дар китобаш «Тузукоти Темурӣ» навиштааст**

- Ба дарди миллат дармон шав.
- Қудрат дар адолат аст.
- Одами нек мулк ободмекунад, одами бад мулк вайрон мекунад.
- Инсоне, ки тадбиркор, мард ва шуҷоатнок, кордон ва ҳушёр аст, аз ҳазорон одамони бетадбир, лоқайд беҳтар аст.

## § 34–35. МУСТАМЛИКАДОРИИ ИМПЕРИЯИ РОССИЯ ВА ШӮРО

**Мақсади Россияи подшоҳӣ.** Сарватҳои беназири табиии Ватанамон ҳаваси подшоҳи Россия Пётри I-ро оварда буд. Аз ин боис вай дар назди худ ба даст овардани сарватҳои кишварамонро гузошта буд. Пеш аз амалӣ намудани мақсади худ ӯ барои омӯхтани вазъияти дохилии хониҳои Осиёи Миёна (хониҳои Хива, Бухоро ва Қӯқанд) ва аниқ кардани ҷойҳои захираҳои тилло қарор кард.

Баҳри ин мақсад соли 1717 экспедитсияеро иборат аз лашкари беш аз 10 ҳазорнафара ва мутахассисони гуногунро ба Хива фиристод. Аммо экспедитсия ба ҳалокат дучор омад.

Пётри I гарчанде аз ин хабардор шуд, барои қасдгирӣ аз хонии Хива лашкар нафиристод. Чунки Россия бо дигар ҷанг банд буд.

Орзуҳои Пётри I-ро дар асри XIX авлодҳои ояндаи вай амалӣ намуданд. Барои империяи Россия (Россияи подшоҳӣ) забт намудани кишварамонро аз нигоҳи иқтисодӣ ақибмонии хониҳои Осиёи Миёна, мавҷуд набудани лашкари хуб мусаллаҳшудаи замонавӣ ва пурзӯршаваии зиддиятҳои байни ҳамдигарии онҳо осон намуд.



**Пётри I.**

**Оғози истило кардан.** Соли 1864 императори Россия Александри II барои оғози амалиёти ҳарбии зидди хониҳои Осиёи Миёна фармон дод. Аввал чандин қалъа ва шаҳрҳои мансуб ба хонии Қўқанд забт карда шуд.

Соли 1865 лашкари русҳо таҳти фармондеҳии генерал М. Черняев ба шаҳри Тошканд ҳуҷум кард. Шаҳр таҳти сарварии амирлашкари (сарфармондеҳ) қўшунҳои хонии Қўқанд Алимқули ҷасур ҳимоя гардид. Аммо қувваҳои ҳарбӣ баробар набуданд. Алимқул мардонавор ҳалок шуд. М. Черняев шаҳрро аз таъминоти об маҳрум кард. Дар ниҳояти кор шаҳр истило шуд. Дар ҳудудҳои истилошуда вилояти Туркистон ташкил карда шуд. М.Черняев губернатори ҳарбии (ҳокими) вилоят таъин шуд.

Соли 1867 генерал-губернатории Туркистон таъсис ёфт. Соли 1868 аморати Бухоро, соли 1873 хонии Хива ба давлатҳои тобеи Россия шуд. Заминҳои зеридастшудаи онҳо ба таркиби генерал-губернатории Туркистон дохил карда шуданд.

**Барҳам хўрдани хонии Қўқанд.** Генерал-губернатори Туркистон Кауфман барои пурра барҳам додани хонии Қўқанд камар баст. Барои ин дар хонии Қўқанд шароити мусоид фароҳам омад. Чунончи, Худоёрхон вақташро бо базму ишрат, сайру сайёҳат ва шикор гузаронида, ба маслиҳати уламо ва фузало гўш надод. Баръакс, ба роҳи ҷабру ситам даромад. Дар оқибат, халқ бар зидди зулми Худоёрхон шўриш бардошт. Хон барои пахши шўриш лашкарро зери раҳбарии мингбоши Абдураҳмони офтобачӣ фиристод. Аммо Абдураҳмони офтобачӣ ба тарафи шўришгарон гузашт. Ин барои истилогарони Россия хеле қулай шуд.

Кауфман ба сўи водии Фарғона лашкари калонро фиристод. Дар ҷанги нобаробар ҳимоягарони Қўқанд торумор шуданд.

Соли 1876 императори Россия бо фармони Александри II хонии Қўқанд барҳам дода шуд. Ба ҷои он вилояти Фарғона ташкил ва ба таркиби генерал-губернатории Туркистон дохил карда шуд. Ҳамин тавр як давлати том нобуд гардид.

**Муборизаи миллии озодихоҳона.** Россияи подшоҳӣ кишварамонро истило карда, дар ин ҷо тартиботи мустамликавиро ҷорӣ намуд. Сарватамон тороҷ гардид. Андозу маҷбуриятҳои вазнин

ҷорӣ карда шуд. Заминҳои серҳосил ба муҳоҷироне, ки аз Россия омада буданд, дода шуд.

Арзишҳои миллӣ, урфу одатҳоямон поймол гардиданд. Ин омилҳо сабабгори саршавии шӯриши озодихоҳии аҳолии Туркистон бар зидди мустамликадорон шуданд.

Хусусан, шӯрише, ки соли 1898 дар Андиҷон бо сарварии Муҳаммадалии эшон сар шуд, хеле шиддатнок буд. Аз нав ташкилкунии хонии Қӯқанд мақсади шӯриш буд. Аммо бино ба нобаробарии қувва ва тайёрии пухта надидан шӯриш ба мағлубият дучор шуд. Истилогарон шӯришро бешафқат пахш карданд.

Муҳаммадалӣ ва ҳамсафони ӯ ба дор овехта шуданд. Садҳо иштирокчиёни шӯриш бадарға гардиданд. Лекин иш бераҳмиҳо иродаи халқамонро нашикастанд.

**Барқарор ёфтани мустамликадории шӯравӣ.** Моҳи феврали соли 1917 ба ҳокимияти сулолаи Романовҳо, ки беш аз сесад сол дар тахт нишаста буд, хотима гузошта шуд. Мамлакат рӯзҳои бисёр сахтро аз сар гузаронд. Аммо ҳокимияти нав ин бӯҳронро бартараф карда натавонист. Дар оқибат ҳокимиятро партияи (ҳизби) коммунистҳо (муборизон барои ҷамъияте, ки дар он мулки хусусӣ нест) ба даст гирифтанд.

Вале партияи коммунистон ба халқҳое, ки Россияи подшоҳӣ истило карда буд, мустақилӣ надод. Ҳамин тавр, мустамликаҳои Россияи подшоҳӣ, аз ҷумла, диёри мо Туркистон низ ба мустамликаи Россияи шӯравӣ табдил ёфтанд.

Империяи шӯро (Россияи шӯравӣ) соли 1917 ҳукумати миллиамонро дар шаҳри Қӯқанд сарнагун кард. Дар шаҳр куштор сар шуд. Ин хунрезӣ тамоми Туркистонро ба ларза овард. Болшевикҳо арзишҳо, маданият ва расму оинҳои миллии халқҳоро писанд намекарданд. Сиёсати мустамликавӣ боз ҳам пурзӯр гардид. Ин боиси саршавии муборизаи миллии озодихоҳӣ шуд. Ин муборизаро Мадаминбек ва Шермуҳаммадбек барин қӯрбошиҳо қӯмондеҳӣ мекарданд. Мубориза солҳо давом кард.

Аммо қувваҳои ҳарбӣ баробар набуд. Зиёда аз ин раҳбарони муборизаи миллии озодихоҳӣ ба якдилӣ нарасида буданд. Дар натиҷа мубориза барои озодии Туркистон шикаст хӯрд.

Коммунистҳо ононеро, ки барои озодии Туркистон мубориза бурданд, таҳқир намуда «босмачиён» номиданд.

Мустамликачиён хусусан рўшанфикрони маҳаллиро бераҳмона қатағон карданд. Чунки онҳо дар сафи пеши муборизони роҳи озодӣ буданд.

Дар байни онҳо фидоиёни роҳи истиқлол, ки шумо дар мавзўи 30-юм хондед, Маҳмудхўҷа Беҳбудӣ, Мунавварқорӣ Абдурашидхонов, инчунин Абдурауф Фитрат, Чўлпон ва Абдулло Қодирӣ, шоири машҳур Усмон Носир барин садҳо нафар аҷдодонамон буданд.

Дар солҳои мустамликадории Советӣ (Шўравӣ) Ф.Хўҷаев, А.Икромов барин бисёр раҳбарони давлат қурбони қатағон шуданд. Мутеъгӣ ба империяи Россия ва давлати шўравӣ қариб 130 сол давом кард.



**Маҷмўаи ёдгории «Хиёбони шаҳидон».**

**Муборизони роҳи озодӣ фаромӯш намешаванд.** Соли 1991 Ӯзбекистон ба истиқлол расиду ному ҳурмати қурбониёни роҳи озодии Ватанамон ҷои худро ёфт.

Бо ташаббуси Президент Ислом Каримов соли 2000 дар Тошканд маҷмӯаи ёдгории «Хиёбони шаҳидон» бунёд шуд. Соли 2002 дар маҷмӯа музейи «Хотираи қурбониёни қатағон» кушода шуд. Ҳамин тавр хотираи қурбониёни даври мустамлика абадӣ гардонида шуд.

## Мазмуни истилоҳро дониста гиред

**Империяи Россия** – Россияи подшоҳӣ, ба забони русӣ подшоҳ «сар» гуфта мешавад. Аксари аҳолии Туркистон онро «чор» гуфта талаффуз мекард. Дар китобҳо аксар вақт истилоҳи «империяи Россия» истифода мешавад.

**Империяи Шӯро (шӯравӣ)** – номи империяи Россия, ки аз соли 1922 ҳамин тавр ном гирифта буд. Калимаи «совет» (шӯро) маънои дар империяи шӯравӣ ҷорӣ шудани тартиби идоракунӣ ба воситаи шӯрои маслиҳатии намояндагони (депутатҳои) интихобшудаи коргарон, деҳқонон ва аскаронро дорад.

## Савол ва супоришҳо

1. *Чаро империяи Россия забт карда гирифтани диёрамонро ба нақша гирифт?*
2. *Аз чӣ сабаб Россия ба тобеъ кардани давлатҳои ӯзбек муваффақ шуд?*
3. *Оид ба давлати тобеъ табдил ёфтани аморати Бухоро ва хонии Хива ҳикоя намоед.*
4. *Чаро хонии Қӯқанд барҳам хӯрд?*
5. *Оид ба муборизаи миллии озодихоҳонаи аҳолии Туркистон чиҳоро дониста гирифтед?*
6. *Мустамликадории шӯравӣ (советӣ) дар кишварамон чӣ гуна барпо шуд?*
7. *Дар кишварамон барои абадӣ кардани хотираи қурбониёни роҳи озодии миллӣ кадом корҳо амалӣ шуданд?*



# Боби VIII. ШАҲРҲОИ ҚАДИМТАРИН ВА ҲАМЕША ҶАВОНИ ЎЗБЕКИСТОН, ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХИИ ОНҲО

## § 36. ШАҲРҲОИ ҚАДИМТАРИНИ ТАЪРИХИИ ЎЗБЕКИСТОН

**Шаҳри Самарқанд.** Самарқанд шаҳри қадимтарини Ўзбекистон аст.

**Дар ёд доред!**

Соли 2007-ум 2750-солагии Самарқанд дар миқёси дунё ҷашн гирифта шуд. Шаҳри Самарқанд бо мукофоти олии Ватанамон-ордени «Амир Темур» тақдир карда шуд.




**Ордени Амир Темур.**

Дар сарчашмаҳои суғдӣ шаҳр бо номи Самарканд қайд шудааст. Таърихнависони Юнони қадим Самарқандро бо номи Мароканд навиштаанд. Мароканд аввал қалъа-қўрғоне буд, ки бо деворҳои мудофиавӣ иҳота гирифта шуда буд.

Самарқанд аз асри IV пеш аз милод сар карда пойтахти давлати Суғд буд. Баъдтар дар натиҷаи ҳуҷуми истилогарони хориҷӣ шаҳр борҳо вайрон карда шуд. Ривоҷу равнақ ёфтан, ба яке аз шаҳрҳои зебо ва машҳури дунё табдил ёфтани Самарқанд бо номи аҷдоди бузургамон Амир Темур вобаста аст.

Самарқанд ҳамчун пойтахти салтанати Амир Темур машҳури ҷаҳон гашт ва ба сафи «шаҳрҳои абадӣ» дохил шуд.

**Дар ёд доред!**

Аз сабаби он, ки Самарқанд ба шаҳри хеле зебо табдил ёфта буд, онро «Ҳусни дунё» меномиданд.

Дар Самарқанд беш аз 70 ёдгориҳои бузурги таърихию меъморӣ мавҷуд аст. Ин ёдгориҳо соли 2001 бино ба қарори ташкилоти ЮНЕСКО ба рӯйихати «Мероси мадании ҷаҳон» дохил карда шуд.

Дар солҳои истиқлоли давлатамон қиёфаи шаҳри аз ҳама қадимтарини Ӯзбекистон Самарқанд боз ҳам зебо гардид.

**Худатонро санҷед**

- «Шаҳри абадӣ», – ...
- «Ҳусни дунё», – ... .

**Шаҳри Бухоро.** Бухоро низ аз қатори шаҳрҳои қадимтарин ва ҳамешаҷавон, машҳури Ӯзбекистон ҷой гирифтааст. Соли 1997-ум 2500-солагии шаҳри Бухоро ҷашн гирифта шуд.

Бино ба тахмини олимони таърихшинос номи шаҳр маънои «Ҷамоли Худо»-ро дорад. Аҷдоди мо Бухороро «Шаҳри некӣ» номидаанд. Бухоро аввал дар асрҳои IX–X, баъд аз асри XVI сар карда мақоми пойтахтро гирифтааст.



**Арки Бухоро.**

Имрӯз дар шаҳри Бухоро беш аз сад то ёдгориҳои бузурги таърихию меъморӣ нигоҳ дошта мешавад. Арки Бухоро (қароргоҳи амирон), мақбараи Исмоили Сомонӣ, Манораи калон, мадрасаҳои Мири Араб ва Улуғбек ёдгориҳои машҳур ба шумор меравper. Бухорои қадим дар айни вақт ҷавон ҳам аст. Чунки дар солҳои истиқлол намуди шаҳр ба дараҷаи шинохтанашаванда тағйир ёфт. Хеле обод ва зебо шуд. Хусусан «Маркази мадании Бухоро», ки аз 107 гектар иборат аст, ба ҳар як шаҳрванди Ӯзбекистон ҳисси ифтихор аз Ватанро пурзӯр мекунад. Соли 2010-ум дар ин марказ «Ёдгории Бухорои кӯҳна ва боқӣ» бунёд карда шуд.

**Шаҳри Хива.** Хива яке аз шаҳрҳои вилояти Хоразми ҳозира аст. Он аз нигоҳи умр бо Бухоро ҳамсол аст. Соли 1997-ум 2500-солагии Хива ҳам қайд карда шуд. Шаҳр дурдонаи Шарқ ҳисоб мешавад. Нисбати он ибораи «Шаҳри ҳазор гумбаз» ҳам истифода мешавад. Ичанқалъаи Хива дар ҳолати аввалааш пурра нигоҳ дошта шудааст. Чунин шаҳр ягона аст. Аз ин сабаб аз соли 1967 онро шаҳр-осорхона мегӯянд. Соли 1990 ба рӯйихати «Мероси мадании ҷаҳон» дохил карда шуд.

Аз рӯйи баъзе фикрҳои олимон номи шаҳр маънои «ҷои иборат аз регзор», «қалъа»-ро дорад. Хива аз ибтидои асри XVII пойтахти хонии Хива будааст. Ин мақоми шаҳр то соли 1920 давом кард. Тамоми атрофи Хива бо хандаки пур аз об иҳота карда шуда буд. Ба ин шаҳр ба воситаи кӯпруки махсус дохил мешуданд. Ин кӯпрук шабонаҳо бардошта гирифта мешуд.

**Шаҳри Шаҳрисабз.** Шаҳрисбаз ҳоло маркази ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё аст. Шаҳр дар гузашта номи Кешро дошт. Аз сабаби он, ки шаҳр ҳамеша сабзгун ва гулзор буду одамонро ҷалб мекард, онро Шаҳрисабз номиданд. Дар деҳаи Хоҷа Илғори ба ин шаҳр наздик аҷдоди бузурги мо Амир Темур таваллуд шудааст. Сафири шоҳии Испания Клавихо, ки ба давлати Амир Темур омада буд, дар ёддоштҳои худ қайд кардааст, ки шаҳр биноҳои калон ва масҷидҳои бомаҳобат дошт, яке аз машҳуртарини онҳо Оқсарой буд. Мутаассифона ёдгории бомаҳобат ва зебои Оқсарой пурра боқӣ намондааст. Аммо дар солҳои истиқлол корҳои таъмир амалӣ шуд. Соли 1996 Шаҳрисабз ба муносибати 660-солагии Амир Темур бо ордени «Амир Темур» тақдир




**Ҳолати имрӯзаи Оқсарой.**

карда шуд. Дар ин шаҳр ҳайкали аҷдоди бузургамон Амир Темур гузошта шуд. Соли 2002-юм 2700-солагии шаҳр қайд гардид ва аз рӯйихати «Мероси мадании ҷаҳон» ҷой гирифт.

**Шаҳри Қарши.** Ин шаҳр аввал Нахшаб, баъдтар Навтака ва Насаф ном дошт. Аз асри XIV сар карда номи Қарширо гирифт. «Қаршӣ» маънои сарой, қасрро дорад.

**Дар ёд доред!**

«Нахшаб» – маънои ҷое, ки об обод кардааст, «Навтака» бошад, манои бинои навро дорад. Арабҳо «Нахшаб»-ро «Насаф» талаффуз кардаанд.

Шаҳр дар асри VII пеш аз милод бунёд шудааст.

Шаҳри Қаршӣ имрӯз маркази вилояти Қашқадарё аст. Дар солҳои мустақилии Ӯзбекистон дар шаҳри Қаршӣ низ корҳои зиёди бунёдкорӣ амалӣ шуд. Соли 2006-ум 2700-солагии он ҷашн гирифта шуд.

**Шаҳри Тирмиз.** Боз як шаҳри қадимии Ўзбекистон шаҳри Тирмиз аст. Номи он маънои «Манзили он тарафи соҳил»-ро дорад. Шаҳр яке аз марказҳои бузурги ҳунармандӣ ва савдои Осиёи Миёна будааст. Ин шаҳри дар маркази Роҳи бузурги абрешим ҷойгирифта халқҳо ва маданиятҳои гуногунро ба ҳам наздик карда буд. Алломаи илми ҳадис Имом ат-Тирмизӣ, ки дар дунё машҳур аст, дар ҳамин шаҳр таваллуд шудааст. Шаҳр дар таърихи худ чандин бор ба ҳуҷуми истилогарон дучор омадааст ва вайрон шудааст. Шаҳри Тирмиз имрўз маркази вилояти Сурхондарё мебошад.

Соли 2002-ум 2500-солагии шаҳри Тирмиз дар миқёси байналмилалӣ ҷашн гирифта шуд. Соли 2014 ба шаҳр ордени «Амир Темур» дода шуд.

### Худатонро санҷед

- Шаҳрҳое, ки 2500-солагиашон ҷашн гирифта шуд... .
- Шаҳрҳое, ки бо ордени «Амир Темур» мукофотонида шудаанд... .
- Шаҳрҳое, ки пойтахти мамлакат будаанд... .

### Мазмуни истилоҳҳоро дониста гиред

**Муҳаддис** – шахсест, ки бо ҷамъоварии ҳадисҳо, интихоб ва шарҳ додани онҳо машғул шудааст.

### Савол ва супоришҳо

1. *Оид ба шаҳри Самарқанд чиҳоро дониста гирифтед?*
2. *Оид ба шаҳри Бухоро донистагиатонро нақл кунед.*
3. *Маълумотҳо оид ба шаҳрҳои Бухоро ва Хиваро қиёс кунед. Ҷиҳатҳои монанд ва фарққунандаи онҳоро аниқ намоед.*
4. *Маълумотҳоро дар бораи шаҳрҳои Самарқанд ва Бухоро қиёс кунед: ҷиҳатҳои монанд ва ба худ хоси онро аниқ намоед.*
5. *Оид ба таърихи шаҳрҳои Шаҳрисабз, Қаршӣ ва Тирмиз чиҳоро дониста гирифтед?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

*(Ҷадвали зеринро пур кунед)*

| Шаҳрҳо | Вақти барпо шуданаш | Маънои номи шаҳр | Монандиҳое, ки нисбати шаҳр истифода шудааст | Даври мақоми пойтахтиаш | Солҳои юбилейи шаҳр |
|---|---|---|---|---|---|
| Самарқанд | | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Бухоро | | | | | |
| Хива | | | | | |
| Шаҳрисабз | | | | | |
| Қарши | | | | | |
| Тирмиз | | | | | |

## § 37. ПОЙТАХТИ ЎЗБЕКИСТОН – ТОШКАНД 2200 СОЛА АСТ

**Ҷои қадимии Тошканд.** Шаҳри Тошканди имрўза таърихи 2200-сола дорад. Олимони археолог барои муайян кардани ҷойи қадимии шаҳри Тошканд солҳои зиёд тадқиқот бурдаанд. Ниҳоят ҷойи он дар соҳили канали Салар, назди вокзали роҳи оҳан аниқ гардид. Ин ҷойи Тошканд ба таърих аввал бо номи «Мингўрик» ва «Мингўриктепа» дохил шудааст. Барои он ба ҷойи хароба шаҳр барпо карда шудани зардолузор ва «Мингўрик» (яъне ҳазор зардолу) ном гирифтани вай сабаб шудааст. Шаҳр дар асри VI ба маркази вилояти Чоч (Тошканд) табдил ёфтааст.

**Оид ба истилоҳи «Тошканд».** Дар сарчашмаҳои асрҳои аввали милодии Хитой Тошканд бо номи «Ши» ба забон гирифта шудааст. Ин ном маънои «Шаҳри сангин»-ро дорад. Аҷдоди бузургамон Абурайҳон Берунӣ дар асари «Ҳиндустон»-и худ истилоҳи «Тошканд»-ро истифода бурдааст. Баъди истилои арабҳо аз сабаби он, ки дар алифбои арабӣ ҳарфи «ч» нест, «Шош», «Шошкент», «Мадинат-аш-Шош», «Бинкат» номида шудааст. Атрофи шаҳр бо деворҳои мудофиавӣ иҳота шуда буд. Баъдтар дохили шаҳр ба арк ва шаҳристон ҷудо карда шудааст. Дар арк саройи ҳоким ва ибодатхона ҷой гирифта буд. Қисми шаҳр, ки дар он амалдорон мезистанд, шаҳристон, ҷойи зисти ҳунармандон работ номида мешуд. Аз сабаби он, ки шаҳр дар роҳи корвонгузари байналмилалӣ ҷой гирифта буд, дар ин ҷо соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ бисёр тараққӣ карда буданд. Олимони археолог аз ҳудуди шаҳр пулҳои тангаи кишварҳои гуногунро ёфтаанд. Ин ҳам маркази калони савдо будани Тошкандро тасдиқ мекунад.




Герби шаҳри Тошканд.

**Худатонро санҷед**

- Мингӯрик - ... .
- Бинкат – ... .

**Тошканд – пойтахти давлати мустақили Ӯзбекистон.** Мақоми пойтахтии Тошканд дар моддаи 6-уми Конститутсияи Ӯзбекистон ҳам қайд шудааст. Тошканд ҳоло на фақат дар миқёси Осиёи Марказӣ, балки дар миқёси дунё яке аз шаҳрҳои зеботарин ба шумор меравад.

**Мустақилӣ ва корҳои бунёдгарӣ.** Дигаргуниҳое, ки дар пойтахт рӯй дод, натиҷаи ба шарофати истиқлол амалӣ шудани бунёдгариҳои азим аст. Барпо шудани Боғи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ дар соли 1991 дебочаи ин бунёдгариҳо шуд.

Дар боғ ҳайкали пурвиқори бобои бузурги мо ҳам гузошта, он ба яке аз зиёратгоҳи зебо ва асосии диёрамон табдил ёфтааст.

Тантанаҳои республикавие, ки бахшида ба идҳои Рӯзи истиқлол ва Наврӯз ҳар сол баргузор мешаванд, айнан дар ҳамин боғ мегузаранд. Корҳои ободоние, ки дар Майдони асосиамон-Майдони мустақиллик амалӣ шудаанд, дар қалбамон ҳисси ифтихор пайдо мекунонад.



Монументи мустақилӣ ва некӣ.

Соли 1992 дар майдон «Монументи мустақилӣ» гузошта шуд, ки дар он харитаи Ӯзбекистон тасвир гаштааст. Ин тасвир аз мавҷуд будани давлати мустақили Ӯзбекистон дар ҷаҳон дарак медиҳад. Ҳамватанонамон онро дида, ҳисси ифтихори миллиашон ҷӯш мезанад.

Соли 2005 аз назди ин монумент (ёдгорӣ) симои «Модари хушбахт» ҷой гирифт ва ёдгории (монументи) Мустақилӣ акнун ёдгории «Мустақилӣ ва некӣ» ном гирифтааст.



**«Аркаи некӣ»**

Роҳ ба сӯи «Монументи мустақилӣ ва некӣ» аз «Аркаи некӣ» сар мешавад. Лаклаки сафеди болои он рамзи сулҳу фаровонӣ, турнаҳои пар афшонда парвоз ба сӯиояндаи бузурги давлатамон мебошад.

Ҳайкали «Модари хушбахт» («Бахтиёр она») ифодаи рӯшани эътибор ва эҳтироми олӣ ба чароғбони қӯрғони оилавии мо дар



**Бинои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**



**Бинои Сенати Олий Маҷлис.**

давлатамон аст. Касе, ки онро зиёрат мекунад, дар симои модари хушбахти фарзандашро ба оғӯш гирифта модари худро дида, овони бачагиашро пеши назар меорад.

Хиёбони калонтарини маркази шаҳр номи Амир Темурро дорад. Соли 1993 дар ин ҷо ҳайкали Соҳибқирон гузошта шуд. Ҳайкал ба халқамон фахру ғурур мебахшад.

Ғайр аз ин биноҳои палатаҳои Олий Маҷлиси Республикаи Ўзбекистон, «Қасри анҷуманҳои байналмилалӣ»-и мӯҳташам дар самти офтоббарои хиёбони Амир Темур, бинои Китобхонаи миллии ба номи Алишери Навоӣ ва «Маркази маърифат», маҷмӯаи Ҳазрати Имом (Ҳасти имом) ва масҷиди «Минор», ки соли 2014 бунёд гардид, намунаҳои машҳури меъмориамон буда, бо зебоӣ ва салобати худ ба ҳусни пойтахт ҳусн зам мекунанд.

Ташкилоти байналмилалии исломӣ оид ба масъалаҳои таълим, илм ва маданият соли 2007 шаҳри Тошкандро «Пойтахти маданияти исломӣ» эълон намуд.

Бино ба қарори ташкилоти байналмилалии ЮНЕСКО соли 2009-ум 2200-солагии Тошканд ҷашн гирифта, бо ордени олии давлатамон-ордени «Мустақиллик» мукофотонида шуд. Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов зимни суханронӣ дар тантанаҳои ҷашнӣ Тошкандро «Шаҳри таърихаш бой, имрўзаш зебо ва ояндааш бузург» номид.




**Ордени «Мустақиллик».**

**Мазмуни истилоҳро дониста гиред**

**Бинкат** – шаҳре, ки аз дур намоён аст.

**Савол ва супоришҳо**

*1. Ба фикри шумо олимон 2200 сол доштани шаҳри Тошкандро чӣ хел аниқ кардаанд?*
*2. Оид ба таърихи гузаштаи Тошканд чиҳоро дониста гирифтед?*
*3. Дар бораи истилоҳи «Тошканд» ва Тошканд дар даврҳои гуногун чӣ хел ном гирифтанаш нақл кунед.*
*4. Дар бораи дар солҳои истиқлоли Ўзбекистон дар шаҳри Тошканд кадом корҳои ободонӣ амалӣ шудаанд, чиҳоро дониста гирифтед?*

## § 38–39. ОБИДАҲОИ ТАЪРИХИЮ МЕЪМОРИИ ЎЗБЕКИСТОН

**Мақбараи Исмоили Сомонӣ.** Дар ҳудуди боғи маданият ва истироҳати шаҳри Бухоро мақбари Исмоили Сомонӣ қад афрохтааст. Он дар асри IX аз тарафи шоҳи машҳури Мовароуннаҳр Исмоили Сомонӣ бунёд карда шудааст. Чор тарафи мақбара дар як андоза ва як хел сохта шудааст. Девори ин мақбара бо хишти пухта бардошта шуда, намудаш ба бўрёи бофташуда монанд аст. Боми мақбара бо гумбаз пўшонида шудааст. Дар атрофи гумбаз чорто қубба мавҷуд аст.

**Манораи калон.** Манораи калон яке аз ёдгориҳои зебои меъмориест, ки дар шаҳри Бухоро бунёд карда шудааст. Онро шоҳи Мовароуннаҳр Арслонхон дар соли 1127 сохтааст.

Пойдевори манора дар 9 метр чуқурӣ аз сатҳи замин сохта шудааст.



**Мақбараи Исмоили Сомонӣ.**



**Манораи калон.**

Он аз санг ва дигар омехтаҳои махсус қад бардоштааст. Баландии манора 50 метр буда, аз хишти пухта чида шудааст, дар қисми болоии он 16 та дарича мондагӣ. Ба болои манора бо ёрии 104 зина, ки дохили он гирдогирд сохта шудааст, баромадан мумкин. Манораи калон ҳанӯз ҳам бовиқор истодааст.

**Маҷмӯаи Регистон.** Вақте Регистон мегӯем, ҷое дар назар дошта шудааст, ки дар кишварҳои Шарқ, аз ҷумла дар Ӯзбекистон майдони марказии шаҳр фаҳмида мешавад. Таърихан дар ин майдонҳо тадбирҳои гуногун-ҷашнҳо, сайрҳо, тамошоҳо гузаронида мешуд. Барои он, ки фарши майдон фурӯ наравад, онро бо санги реза пӯшонидаанд.

Дар майдони Регистони шаҳри Самарқанд маҷмӯаи меъмории иборат аз мадрасаҳои *Улуғбек*, *Шердор* ва *Тиллокорӣ* бунёд карда шудааст.

*Мадрасаи Улуғбек* дар асри XV сохта шудааст. Атрофи мадрасаи Улуғбек бо ҳуҷраҳои иборат аз ду қабат иҳота карда шудааст. Боқӣ ду мадраса-Шердор ва Тиллокорӣ дар асри XVII аз тарафи ҳокими Самарқанд Ялангтӯш Баҳодур бунёд карда шудааст. Мад-



**Маҷмӯаи Регистон.**

расаи Шердор рӯ ба рӯи мадрасаи Улуғбек сохта шудааст. Мадраса чоркунҷа ва ду қабата аст. Дар пештоқи он шере, ки дандонаш зарҳалмонанд буда, оҳуи сафедро таъқиб менамояд, тасвир шудааст. Офтоб бошад бодомқавоқ ва чашмаш камонмонанд инъикос шудааст. Аз ду тарафи пештоқ дарсхона ва масҷиди гумбазнок ҷойгир аст.

*Мадрасаи Тиллокорӣ* аввал мадрасаи Ялангтӯшбий ном дошт. Аз сабаби он, ки барои зеб додани масҷиди мадраса тиллои зиёд кор фармуда шудааст, он номи Тиллокориро гирифт.

Ба муносибати 2750-солагии шаҳри Самарқанд дар мадрасаи Тиллокорӣ корҳои азими таъмир ба амал бароварда шуд.

Дар ин замон дар майдони Регистон фестивали байналмилалии мусиқии «Шарқ тароналари» гузаронида мешавад. Дар бораи аҳамияти ин фестивал Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов чунин гуфта буд: «Фестивали мусиқии «Шарқ тароналари» маданияти халқҳоямонро...ғанӣ менамояд,... халқҳоямонро... ба ҳам наздик мекунад».

**Оқсарой.** Ёдгории меъмории Оқсарой дар шаҳри Шаҳрисабзи вилояти ҳозираи Қашқадарё ҷой гирифтааст. Онро аҷдоди бузур-

гамон Амир Темур ба шарафи модараш созондааст. Рангҳои нақшҳои Оқсарой зери нури моҳтоб сафедӣ ҷило медиҳанд ва аз ин сабаб онро Оқсарой номидаанд. Он яке аз иншоотҳои зеботарин ва босалобати давраш ба ҳисоб мерафт. Ба болои Оқсарой бо зинаи гирдогирд баромадан мумкин. Дар пештоқи девонхонаи Оқсарой офтоб, бабр ва тамғаи иборат аз се ҳалқаи давлати Амир Темур тасвир шудааст. Хусусан дар боми Оқсарой сохта шудани ҳавз ҳодисаи ноёб аст. Ба ин ҳавз об аз ағба  ба воситаи қубурҳои қӯрғошинӣ оварда мешуд. Оби зиёдатӣ шаршара шуда ба поён ҷорӣ мешуд. Ҳоло ин маҷмӯа таъмир ва дар майдони марказиаш ҳайкали Амир Темур гузошта шудааст.

Зебоӣ ва салобати Оқсарой ҳатто хориҷиёнро ба ҳайрат овардаааст.

**Инро бодиққат хонед!**

Ҳатто дар Парижи устоҳояш дар ҷаҳон машҳур ба ин кор хеле баҳои зебо доданашон мумкин.

*Гонзалес де Клавихо,* сафири шоҳии Испания

Аз Оқсарой, ки дар даври худ дунёро ба ҳайрат гузошта буд, имрӯз манораи ду тарафи пештоқи бузург ва як қисми пойдевораш боқӣ мондааст.

**Ичанқалъа.** Ичанқалъа, ки яке аз дурдонаҳои ёдгории ҷаҳон аст, қисми дохилии шаҳри Хива мебошад. Он аз 54 то маҷмӯаи обидаҳои меъмории таърихӣ иборат аст, ки аз тарафи аҷдодони мо моҳирона бунёд карда шудааст. Ин маҷмӯа Кӯҳна арк (арзхона), мадрасаҳо, масҷидҳо, мақбараҳо ва дигар иншоотҳоро дар бар гирифтааст. Дар дунё ин хел шаҳре, ки обидаҳои ноёбу зебо дошта бошад, хеле кам аст.

Аз ин боис ҳам аллакай соли 1961 маҷмӯа ба музей-осорхона (қӯриқхона) табдил дода шудааст. Майдони ин музей-қӯриқхона 26 гектарро ташкил медиҳад. Соли 1990 бо қарори ташкилоти байналмилалии ЮНЕСКО Ичанқалъа ба рӯйихати «Мероси маданияти ҷаҳонӣ» дохил карда шудааст.

**Мазмуни истилоҳҳоро донистa гиред**

**Мақбара** – иншооти меъморие, ки ҷасади шахси вафоткарда гузошта мешавад.



**Маҷмӯаи Ичанқалъа.**

**Манора** – иншооти баланде, ки аз поён ба боло борик карда месозанд. Манораҳо одатан дар паҳлӯи масҷид ва мақбараҳо сохта мешаванд. Манораҳои барои хондани азон аз тарафи намоядаи дин ва барои зеб бахшидан ба ҳусни маҷмӯаи меъмории шаҳрҳо, нишон додани қудрати шахсеро, ки онро созондааст, барпо карда мешуд.

**Регистон** – майдони марказии шаҳрҳои кишварҳои Шарқ.

### Савол ва супоришҳо

*1. Оид ба мақбараи Исмоили Сомонӣ ва Манораи калон нақл кунед.*
*2. Оид ба Оқсарой чиҳоро медонед?*
*3. Ба музей – қӯриқхона табдил додан ва ба рӯйихати «Мероси маданияти ҷаҳонӣ» дохил кардани Ичанқалъа маънои чиро дорад?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

Дар ҳудуде, ки шумо зиндагӣ мекунед, чӣ гуна ёдгориҳои таърихӣ мавҷуданд, аниқ кунед.

# Боби IX. ҶАНГҲОИ ҶАҲОНӢ ДАР ТАЪРИХИ ИНСОНИЯТ



## § 40. ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОНӢ

**Сабабҳои ҷанг.** Тамоми ҷангҳо ҳодисаи мудҳишанд. Аммо дар байни онҳо ҷангҳои ҷаҳонӣ аз ҳама даҳшатноканд. Чунки дар ин ҷангҳо давлатҳои зиёди дунё иштирок мекунанд. Бинобар ин кушторҳо, вайронгариҳо, азобу уқубате, ки ба сари инсонҳо меоянд, ҳаҷман хеле калон аст. Инсоният то ин вақт ду ҷанги ҷаҳониро аз сар гузаронидааст. Яке аз онҳо соли 1914 сар шуда, соли 1918 ба охир расид.

Хӯш сабабҳои ин ҷанг чист? Давлатҳои пурқудрат то соли 1914 ҳудудҳои давлатҳои заифи дунёро зер карда гирифта, ба мустамликаи худ табдил дода буданд. Британияи Кабир (Англия), Франсия ва империяи Россия давлатҳои калонтарини мустамликадор буданд.

> **Дар ёд доред!**
>
> Давлатҳое, ки ҳудудҳои дигар давлатҳоро бо зӯрӣ забт карда гирифтаанд, давлатҳои мустамликадор номида мешаванд.

Мустамликаҳои Германия, Австрия-Венгрия ва Италия камтар буд. Германия инро баҳона карда, талаб намуд, ки дунё аз сари нав тақсим карда шавад.

Ҳудудҳое, ки ба онҳо Австрия-Венгрия даъво мекард, асосан зери таъсири Россия буданд. Ҳудудҳоеро, ки Италия даъво мекард, дар ихтиёри Франсия буд. Аз ин сабаб ҳам онҳо Германияро дастгирӣ карданд. Табиист, ки Англия, Франсия ва Россия

талабҳои Германияро рад карданд. Дар натиҷаи он байни давлатҳои пурқудрати Европа зиддиятҳо торафт реша медавониданд. Ин зиддиятҳо дар ниҳояти кор онҳоро ба ду иттифоқи ба ҳам душман ҷудо кард.

Иттифоқи якум, ки Германия, Австрия-Венгрия ва Италияро муттаҳид кард, «Иттифоқи сегона» ном гирифт. Иттифоқи дуюм иборат аз Британияи Кабир, Франсия ва Россия «Антанта» номида шуд.

**Дар ёд доред!**

Ҳаракат барои аз сари нав тақсим кардани дунё байни «Иттифоқи сегона» ва «Антанта» сабаби асосии сар шудани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ шуд.

**Оғози ҷанг ва натиҷаҳои он.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ аз ҳуҷуми Австрия-Венгрия ба Сербия сар шуд. Ҷавобан ба он Россия ба муқобили Австрия-Венгрия, Германия ба Россия ва Франсия, Британияи Кабир ба Германия ҷанг эълон кард.



Танкҳо.

Ҳамин тавр Европаро алангаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ фаро гирифт. Ҷанг бо мурури вақт 38 давлати дунёро ба коми худ кашид. Баъди саршавии ҷанг «Антанта» бар ивази ваъдаҳои калон Италияро ба тарафи худ кашид.



Киштии «Лузитания» ғарқ мешавад.

Дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ аслиҳаи мутлақо нав-киштии зериобӣ, гази хлордор ва танкҳо истифода шуданд.

Киштиҳои зериобии Германия ҳатто ба киштиҳои савдо ва мусофирбар ҳуҷум меовард. Яке аз онҳо киштии мусофиркашони «Лузитания» буд.

Дар натиҷаи ҳуҷум аксари онҳо ҳалок шуданд.

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ тирамоҳи соли 1918 бо мағлубияти Германия ва иттифоқчиёни вай ба интиҳо расид. Дар оқибати ин мағлубият империяҳои Германия, Австрия – Венгрия ва Усмониҳо пароканда шуданд.

Дар Германия император аз тахт фароварда шуд ва он маҷбур ба хориҷа гурехт. Британияи Кабир ва Франсия ба мустамликаҳои мағлубшудагон соҳиб шуданд. Аммо ҷанг онҳоро низ заиф карда буд.

Дар Россия бошад, ба ҳукмронии сулолаи Романовҳо, ки сесад сол боз давом мекард, дар соли 1917 хотима гузошта шуд. ШМА соли 1917 ба ҷанг ҳамроҳ шуда, бар ивази ба иштирокчиёни ҷанг фурӯхтани яроқу аслиҳа ва додани қарз ба сарвати бузург соҳиб шуд.

Вай ҳатто давлати пурзӯртарини мустамликадори Британияи Кабирро қарздор намуд ва ба давлати тавонои дунё табдил ёфт.

### Худатонро санҷед

- Ба Иттифоқи сегона... .
- Антанта-ин, ... .
- Ҷанги якуми ҷаҳонӣ... сар шуд.

**Оқибатҳои фоҷианоки ҷанг барои инсоният.** Ин ҷанги даҳшатангезе, ки беш аз чаҳор сол давом кард, ба халқҳои дунё фоҷиаҳои зиёд овард.

Дар ҷанг 10 миллион нафар ҳалок, 20 миллион нафар ярадор, маҷрӯҳ шуд. Давлатҳо ба миқдори зиёд талафоти моддӣ диданд.

### Савол ва супоришҳо

1. *Кадом сабабҳо ба оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ оварда расонданд?*
2. *Гурӯҳи давлатҳое, ки ба саршавии ҷанг айбдор буданд, қайд намоед.*
3. *Ҷанг дар кадом ҳолат сар шуд ва чӣ хел анҷом ёфт?*
4. *Оид ба натиҷаҳо ва оқибатҳои фоҷиавии ҷанг чиҳоро донистa гирифтед?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

*(Ҷадвалро пур кунед)*

| Гурӯҳи давлатҳои сабабгори саршавии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ | Солҳои саршавӣ ва тамомшавии ҷанг | Оқибатҳои ҷанг барои Германия ва иттифоқчиёни он | Оқибатҳои ҷанг барои Англия, Франсия ва Россияи подшоҳӣ | Оқибатҳои ҷанг барои ШМА | Фоҷиаҳое, ки ҷанг ба халқҳои дунё овард |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

# § 41. ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОНӢ ВА ТУРКИСТОН

**Таъсири ҷанг ба Туркистон.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба Ватани мо Туркистон низ бетаъсир намонд. Чунки Туркистон мустамликаи империяи Россия буд. Дуруст, дар Туркистон амалиётҳои ҷангӣ ба амал наомадаанд. Аммо Россияи мустамликадор дар солҳои ҷанг нисбат ба аҳолии маҳаллӣ зулму ситамро боз ҳам зӯр кард.

Масалан, барои эҳтиёҷи ҷанг миқдори андоз зиёд гардид. Ҳаҷми маҳсулоти пахта, ғалла ва дигар зироати деҳқонӣ, ки аз кишвар кашонда мешуд, низ афзуд.

Зиёда аз ин соли 1916 мувофиқи фармони императори Россия Николайи II аз Туркистон ба Россия фиристодани мардони аз 19-сола то 43-сола барои мардикорӣ сар шуд. Онҳо ба Россия рафта барои лашкар дар сохтмони иншоотҳои мудофиавӣ, роҳҳои оҳан ва дигар корҳо бояд иштирок мекарданд.

Дар натиҷаи он аксари оилаҳо аз сарвари худ маҳрум шуданд. Соҳаи хоҷагии қишлоқ бошад рӯ ба инқироз овард. Фармони император ба авҷи норозигии аҳолии Туркистон сабаб шуд. Ин норозигиҳо дар ниҳояти кор ба саршавии шӯриши миллии озодихоҳӣ оварда расонд.

**Оғози шӯриш.** Шӯриши миллии озодихоҳӣ тамоми Туркистонро фаро гирифт. Дар маҳалҳо бо аскарони мустамликачиён задахӯрдҳои хунин рӯй доданд. Иштирокчиёни шӯрише, ки дар Тош-

канд сар шуд, дар назди идораи политсия дар Бешёғоч ҷамъ шуданд. Иштирокчии фаъоли шӯриш Ризвонбибӣ Аҳмадҷонова ба амалдорон гуфт, ки «Моро кушед ҳам, фарзандонамонро намедиҳем». Политсиячиён барои ин гапҳояш ба Ризбонбибӣ тир кушоданд. Халқи ба ғазаб омада ба идораи политсия зада даромад. Ҳарбиёни ба ёрии политсия омада беш аз даҳ нафар шӯришгаронро парронданд. Шӯриш бо ҳамин усули ваҳшиёна пахш карда шуд.

**Шӯриши Ҷиззах.** Норозигӣ баъди фармони оиди ба мардикорӣ фиристодан хусусан дар Ҷиззах шиддатнок буд. Аз Ҷиззах бояд 11 ҳазор нафар мардикор фиристода мешуд. Ҷиззахиҳо бекор карданифармони оид ба мардикориро ва қатъ намудани рӯйихати шахсонеро, ки ба мардикорӣ гирифта мешуданд, талаб карданд. Аммо ин талаб рад карда шуд. Дар натиҷа шӯриши калон сар шуд. Ин акнун шӯриши миллии озодихоҳӣ буд. Ба шӯриш Назир-



**Ризвонбибиро паррондани политсия.**

хӯҷа Абдусаломов ва Абдураҳмони ҷевачӣ раҳбарӣ мекарданд. Вале қувваҳо баробар набуданд.

Шӯришгарон мағлуб шуданд. Мустамликадорон шӯришгарон ва раҳбарони онро бераҳмона ҷазо доданд. Деҳаҳои шӯришгаронро оташ заданд. Ҳатто ба аъзои оилаҳои шӯришгарон раҳму шафқат намекарданд.

Раҳбарони шӯриш ба ҷазои қатл ҳукм карда шуданд. Боқимондаҳо ба муддатҳои гуногун ҳабс ва бадарға гардиданд.

Ононе, ки ба шӯришгарон хайрхоҳӣ нишон дода ё онҳоро барои дастгир кардан ёрӣ намедоданд, аз хонаҳояшон ронда, ба саҳро фиристода мешуданд.

**Худатонро санҷед**

- Мардикорӣ – ин... .
- Шӯриши соли 1916... буд.

**Сабабҳои шикастхӯрӣ ва аҳамияти шӯриш.** Шӯришгарон дар муборизаи зидди мустамликадорон ҳеҷ таҷрибае надоштанд. Онҳо тайёрии махсусро ҳам нагузашта буданд. Яроқу аслиҳаи онҳо асосан аз каланд, панҷшох ва хода иборат буд.

Лашкари мустамликадорон бо аслиҳаи замонавӣ мусаллаҳ буданд. Ғайр аз ин шӯриш пешакӣ пухта тайёр нашуда буд. Сарфи назар аз он иштирокчиёни шӯриши миллии озодихоҳӣ барои барқарор кардани ҳуқуқашон, ки аз тарафи мустамликадорон поймол гашта буд, мубориза бурданд. Фарзандонии фидоии Ватан будани худро нишон доданд. Дар ҷанги қувваҳояш нобаробар ҷасорат нишон дода, дар таърихи Ватанамон номи безавол гузоштанд.

Ҳаракати миллии озодихоҳии соли 1916 ҳукумати империяи Россияро сахт саросема карда монд. Қудрати онро дар Туркистон суст намуд.

Шӯриш имкон надод, ки фармон оиди аз Туркистон фиристодани мардикорон пурра иҷро шавад. Дар натиҷа мардикорон ду баробар кам – зиёда аз 120 ҳазор нафар фиристода шуданд. Онҳо дар гӯшаҳои гуногуни Россия аз гуруснагӣ ва хорӣ азият кашиданд. Аксари онҳо аз хунуки сахт ва касалиҳо мурда рафтанд. Як қисмашон умрбод ногирон шуданд.

Шӯриш исбот кард, ки ҳамватанонамон барои ҳақу ҳуқуқи худ мубориза бурда метавонанд. Ба ҳукумати мустамликадорон бори дигар нишон дод, ки ҳисси мубориза барои озодию истиқлол ҳеҷ гоҳ хомӯш нахоҳад шуд.

### Мазмуни истилоҳҳоро дониста гиред

**Ҷевачӣ** – мудири амборхонаи яроқу аслиҳа.
**Мардикор** – коргаре, ки муваққатан ба кироя гирифта мешавад.

### Савол ва супоришҳо

1. *Ҷанги якуми ҷаҳонӣ чаро ба Туркистон ҳам таъсир кард?*
2. *Сафарбарии мардикорон чист?*
3. *Оид ба сабабҳои шӯриши миллии озодихоҳии Туркистон дар тобистони соли 1916 чиҳоро дониста гирифтед?*
4. *Чаро шӯриши миллии озодихоҳии соли 1916 шикаст хӯрд?*
5. *Оид ба аҳамияти таърихии шӯриши миллии озодихоҳии соли 1916 нақл кунед.*

## § 42. ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОНӢ

**Сабабҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ.** Соли 1933 ба сари ҳокимияти Германия қувваҳое омаданд, ки даъвои ҳукмронӣ кардани немисҳоро ба дигар халқҳо доштанд.

Пешвои онҳо Адолф Гитлер дар мамлакат яккаҳукмронии худро ҷорӣ кард.

Вай дар назди худ мақсади қасд гирифтан аз ғолибони Ҷанги якуми ҷаҳон, аз нав тақсимкунии дунё, ба итоати худ даровардани тамоми Европа ва баъд зери истило кардани дунёро гузошта буд. Барои расидан ба ин мақсад ба ҷанг тайёриро авҷ гиронд.

Бо Италия ва Япония иттифоқ баст. Ба зудӣ барои амалӣ кардани мақсадаш камар баст. Чунончи, 1 сентябри соли 1939 Германия ба Полша ҳуҷум кард. Ҷавобан ба он Англия ва Франсия ба муқобили Германия ҷанг эълон карданд. Ҳамин тариқ, Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сар шуда рафт. Британияи Кабир, Франсия ва собиқ Иттифоқи Шӯравӣ ба туфайли зиддият ва нобоварии ҳамдигарӣ пеши роҳи ҷангро гирифта натавонистанд.

**Дар ёд доред!**

Кўшишҳои Германияи гитлерӣ барои ҳукмрони дунё шудан асосии сар шудани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ шуд.

Британияи Кабир ва Франсия барои нигоҳ доштани Полша чораҳои қатъӣ надиданд. Дар натиҷа Полша дар тўли 17 рўз таслим шуд.



**Асліҳаи собиқ Иттифоқи шўравӣ – катюша, ки дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ истифода шудааст.**

**Ҷараёни ҷанг.** Баъди саршавии ҷанг Германия дар муддати кўтоҳ қариб ҳамаи давлатҳои Европаи Ғарбиро забт намуд.

Соли 1940 ҳатто Франсияро торумор кард. Мақсади навбатии он забти Британияи Кабир ва собиқ Иттифоқи Шўравӣ буд. Вале чун флоти ҳарбии баҳрӣ ва қувваҳои ҳарбии ҳавоии Британияи Кабир пурзўр буданд, онро забт карда натавонист. Аз ин рў, Гитлер аввал собиқ Иттифоқи Шўравиро забт карданӣ шуд ва 22-юми июни соли 1941 ба он ҳуҷум кард.

Декабри ҳамон сол Япония дар уқёнуси Ором амалиётҳои ҳарбии зидди ИМА-ро сар кард. Гитлер ният дошт, ки собиқ СССР-ро дар муддати кўтоҳ забт хоҳад кард.

Лашкари Германия аввал паси ҳам зафар ба даст оварда, ба пеш ҳаракат кард. Барои забти пойтахти собиқ Иттифоқи Шўравӣ шаҳри Москва каме монда буд. Вале лашкари собиқ Иттифоқи Шўравӣ муқобилияти мардонавор нишон дод. Дар натиҷа нақшаи Гитлер оиди дар муддати кўтоҳ забт кардани собиқ Иттифоқи Шўравӣ барбод рафт. Лашкари собиқ Иттифоқи Шўравӣ, ки дар таркиби он ҷанговарони ўзбекистонӣ ҳам буданд, ба лашкари Германия зарбаҳои дандоншикан зада, ақиб нишонданд. Дар айни замон собиқ Иттифоқи Шўравӣ, ИМА ва Британияи Кабир барои муборизаи зидди Германия байни худ созишнома имзо карданд. Ҳамин тариқ, бар зидди Германияи гитлерӣ иттифоқ ба вуҷуд омад. Лашкари ягонаи ИМА ва Британияи Кабир иттифоқчии Германия Италияро маҷбур сохтанд, ки таслим шавад. Собиқ



**Ба ҳуҷҷати таслим шудан имзо кардани Германия.**

Иттифоқи Шӯравӣ соли 1944 лашкари Германияро аз ҳудуди худ тамоман таъқиб карда баровард. Акнун маълум буд, ки давлатҳои иттифоқчӣ Германияро ҳам таслим мекунанд. Дар натиҷа соли 1945 Адолф Гитлер ва баъзе ҳамсафони ӯ ба ҷони худ қасд карданд. Ниҳоят 8 майи соли 1945 Германия дар назди иттифоқчиён бечуну чаро таслим шуд. Аз ин хусус ҳуҷҷати зарурӣ имзо карда шуд. Ҳукумати собиқ Иттифоқи Шӯравӣ 9-уми майро ба шарафи ғалаба бар Германияи фашистӣ Рӯзи ғалаба эълон кард.

2-юми сентябр ҳуҷҷат оиди таслим шудани Япония имзо шуд. Ҳамин тариқ Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо мағлубияти ҳамон давлатҳое ба охир расид, ки он ҷангро худашон сар карда буданд.

**Оқибатҳои фоҷианоки ҷанг.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар таърихи ҷангҳо ҷанги аз ҳама даҳшатнок буд. Дар он беш аз 60 давлат иштирок намуд.

**Дар ёд доред!**

Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ 6 сол давом кард.

Дар давоми шаш сол зиёда аз 60 миллион нафар одам ҳалок шуд. Беш аз 90 млн. нафар маҷруҳ гардид. Гитлериён аз ҳудудҳои забткардаашон на фақат калонсолон, балки бачаҳоро низ барои кор фармудан гирифта мерафтанд. Онҳо ва ҳарбиёни асирафтода дар лагерҳои махсус нигоҳ дошта мешуданд. 16 млн. нафар аз ҷумлаи онҳое, ки дар лагер буданд, дар оқибати азобу уқубатҳо ҳалок шуданд. Онҳо дар лагерҳои махсус бо газ буғӣ карда кушта шуданд. Ҷасади мурдаҳо дар оташхонаҳои махсус даргиронда мешуд, хокистарашон ба ҷойи нурӣ истифода мегардид. Ин ҳама бори дигар сабақ медиҳад, ки дар рӯйи дунё сулҳу осоиши мустаҳкам чӣ қадар зарур аст.

**Ҷиноят беҷазо намемонад.** Рақамҳои дар боло овардашуда аз ҷинояти мудҳиши гитлериён нақл мекунанд. Аз ин боис соли

1946 айбдорони ин ҷиноят, ки зинда монда буданд, ба суди байналмилалӣ кашида шуданд. Мувофиқи он 12 нафар ҷиноятгарон ба ҷазои қатл ҳукм гирифтанд. Боқимондагон ба муддати дароз ва умрбод аз озодӣ маҳрум шуданд.

**Худатонро санҷед**

- Соли 1939 –... .
- Соли 1945, 8 май – ин,... .
- Соли 1945, 2 сентябр... .

**Савол ва супоришҳо**

*1. Мақсади Германияи гитлерӣ чӣ буд?*
*3. Чаро собиқ Иттифоқи Шӯравӣ, Британияи Кабир ва Франсия пеши роҳи саршавии Ҷанги дуюми ҷаҳониро гирифта натавонистанд?*
*4. Натиҷаҳои Ҷанги дуюми ҷаҳониро гуфта диҳед.*
*5. Оқибатҳои фоҷианоки Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба инсоният чӣ хел сабақ медиҳад?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

*(Фактҳоро қиёс намуда, ҷадвалро пур кунед)*

| Р/т | Саволҳо | Ҷанги якуми ҷаҳонӣ | Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Сол ва санаи оғози ҷанг | | |
| 2. | Ҷанг дар кадом ҳолат сар шуд? | | |
| 3. | Давлатҳои асосии иштирокчии ҷанг | | |
| 4. | Натиҷаҳои ҷанг | | |
| 5. | Оқибатҳои фоҷианоки ҷанг | | |

## § 43. САҲМИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ ҒАЛАБА АЗ БОЛОИ ГЕРМАНИЯИ ГИТЛЕРӢ

**Ҷасорати меҳнатии халқи Ўзбекистон.** Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Ўзбекистон ҳанӯз дар таркиби собиқ Иттифоқи Шӯравӣ буд. Бинобар ин вақте, ки 22-юми июни соли 1941 Германияи гитлерӣ ба собиқ Иттифоқи Шӯравӣ ҳуҷум кард, Ўзбекистон ҳам ба коми ҷанг кашида шуд.

Сарфи назар аз он Ўзбекистон фронтро бо яроқу аслиҳаи зарурӣ, тир, озуқаворӣ ва либос таъмин карда меистод. Ўзбекистон ба ҷанг зиёда аз 1 миллиону 500 ҳазор нафар ҷанговар фиристод. Маблағи пулеро, ки аз аҳолӣ ғун мешуд, ба хазинаи мудофиа месупурданд.

Ҳукумати собиқ Иттифоқи Шӯравӣ зиёда аз сад корхонаи саноатиро, ки эҳтимол дар ҳудудҳои зери истилои Германия мемонданд, ба Ўзбекистон кӯчонид. Ин корхонаҳо бар ивази меҳнати фидокоронаи коргарони Ўзбекистон дар муддати кӯтоҳ аз сари нав ба кор сар карданд ва барои фронт маҳсулоти зарурӣ баровարданд. Дар Ўзбекистон 280 то корхонаи нав бунёд карда шуд.

Ўзбекистон дар солҳои ҷанг ба фронт 2100 то самолёт, беш аз 1700 то мотори самолёт, зиёда аз 2 миллион бомбаи авиатсионӣ, 330 ҳазор то парашют ва дигар яроқу аслиҳа ва анҷомҳои зарурӣ расонда дод. Фабрикаҳои Ўзбекистон дар бобати таъмин намудани ҷанговарон бо либосҳои гарм саҳми калон гузошт.

**Ҷасорати меҳнаткашони деҳот.** Аҳолии деҳоти Ўзбекистон дар бобати бо озуқаворӣ ва либос таъмин намудани фронт фидокории беназир нишон додаанд. Аз сабаби он, ки мардон ба фронт рафта буданд, дар соҳаи хоҷагии қишлоқ қувваи корӣ намерасид. Ҷойи онҳоро занон ва бачаҳо гирифтанд. Меҳнаткашони деҳот душвориҳои мураккаб ва вазнинро аз сар гузаронида, мардона ғолиб шуданд.

**Дар ёд доред!**

Дар солҳои ҷанг беш аз 4 миллион тонна пахта, зиёда аз 5 миллион тонна ғалла тайёр карда шуд.

Дигар намудҳои маҳсулоти ҳоҷагии қишлоқ низ ба ҳаҷми зиёд тайёр карда шуд.

Халқи мо дар он шароити бисёр вазнин рӯзро ба рӯз, шабро ба шаб пайваста, меҳнати пурмашаққат мекарданд, барои фронт, барои ғалаба саҳми муносиб гузоштанд.

**Саховати бузург.** Дар муборизаи зидди Германияи гитлерӣ аҳолии Ўзбекистон саховати бузург нишон додааст. Чунончи, ба



**Танкҳое, ки бо пули меҳнаткашони Ўзбекистон сохта шуда буд.**

хазинаи мудофиаи мамлакат зиёда аз 650 млн. сўм пул ва қариб 55 кг тилло ва чизҳои қимматбаҳо супурда шуд.

Аз ҳисоби ин маблағ барои фронт бронепоезд, танк ва самолёт сохта, ба ҷанггоҳҳо фиристода мешуданд.

Ҳукумати собиқ Иттифоқи Шўравӣ аз ҳудудҳои гуногуни мамлакат, ки дар он ҷойҳо амалиётҳои ҷангӣ мерафтанд, як қисми аҳолии ғайриҳарбиро ба кишварҳои дохилтари мамлакат аз фронт кўчонд. Аз онҳо беш аз як миллион нафар ба Ўзбекистон фиристода шуд.

**Дар ёд доред!**

Аз аҳолие, ки ба Ўзбекистон кўчонда оварда шуд, 200 ҳазор нафарашро бачаҳои ятим ташкил медоданд.

Халқи Ўзбекистон онҳоро дўстона қабул кард. Ба онҳо ғамхорӣ нишон дода, барои ҳаёт ба сар бурдани онҳо аз хонаҳояшон ҷой

доданд. Озуқаворӣ ва либосро бо онҳо ба ҳам диданд. Аксари онҳоро ба хонаҳои бачаҳо ҷойгир карданд.

Зиёда аз панҷуним ҳазори онҳоро оилаҳои саховатпешаҳои ӯзбекҳо ба фарзандӣ қабул карданд. Яке аз он хонаводаҳои саховатпеша оилаи Ш. Шомаҳмудовҳои тошкентӣ буд. Ин оила 16 нафар бачаи мансуб ба миллатҳои гуногунро ба фарзандӣ қабул намуд. Онҳоро парвариш ва тарбия кард, ба камол расонд. Ин ҳодиса бори дигар бузургии қалб, саховатпешагии халқи ӯзбекро нишон дод.

**Ҷасорати ҷанговарони ӯзбекистонӣ дар фронт.** Беш аз якуним миллион ҷанговарони ӯзбекистоние, ки ба фронтҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ фиристода шуда буданд, бар зидди душманон мардонавор ҷангиданд. Ҳамлаи Германияи гитлериро аввалин шуда қалъаи Брести ба Германия ҳамсарҳад дучор омад.

Дар байни онҳое, ки қалъаро ҳимоя намуданд, ӯзбекистониён ҳам буданд. Онҳо бо дигар ҳимоячиёни қалъа намояндагони дигар миллатҳо паҳлӯи ҳам истода, дар давоми як моҳ онро ҳимоя намуданд.



**Ҳайкали «Модари мотамсаро».**

Ӯзбекистониҳо дар ҳар як фронти Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳамин тавр мардонавор ҷангидаанд.

Аз падару бобоёни мо 338 нафарашон барои мардонагию матонат ва ҷасораташон дар майдонҳои ҷанг ба унвони «Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ» сазовор дониста шудаанд.

Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ қариб 500 ҳазор нафар ҷанговарони ӯзбекистонӣ қурбон гардиданд. Зиёда аз 60 ҳазор нафари онҳо ногирон шуданд.

**Хотира абадист.** Барои абадӣ намудани хотираи қурбониёни

Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо ташаббуси Президент Ислом Каримов соли 1998 дар Ўзбекистон рўзи ғалаба бар Германияи гитлерӣ 9-уми май «Рўзи Хотира ва қадр»-и умумимиллӣ эълон шуд.

Соли 1999 дар паҳлўи майдони асосии Тошканд-майдони Мустақиллик маҷмўаи «Майдони хотира» бунёд гардид. Дар деворҳои ёдгории ин ҷо шакли саҳифаҳои китоб гузошта шудааст. Дар ин саҳифаҳо номи ҷанговарони ўзбекистонӣ, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳалок шудаанд, навишта шудааст.

Дар маҷмўа ҳайкали «Модари мотамсаро» гузошта шудааст. Дар ин ҳайкал ғаму андўҳи модаре, ки фарзандашро дар ҷанг аз даст додааст, инъикос ёфтааст. Дар паҳлўи ҳайкал барои хотираи дар ҷанг ҳалокшудагон оташи ҷовидон месўзад.

**Худатонро санҷед**

- Вақте саховати бузург мегўем... .
- Ба Ўзбекистон... бача кўчонда оварда шуд.

**Мазмуни истилоҳҳоро дониста гиред**

**Қалъаи Брест** – қалъае, ки дар канори шаҳри Брести Республикаи Белоруси ҳозира ҷойгир аст.

**Саховат (дасткушодагӣ)** – дареғ надоштани ёрдам барои одамон.

**Фронт** – ҳудуде, ки дар он амалиётҳои ҷангӣ мегузарад.

**Савол ва супоришҳо**

1. *Оид ба ҷасорати меҳнатии ўзбекистониҳое, ки дар солҳои ҷанг нишон додаанд, нақл кунед.*
2. *Меҳнаткашони деҳоти Ўзбекистон дар солҳои ҷанг ба кадом муваффақиятҳо ноил шудаанд?*
3. *Оид ба дилфарохӣ ва саховатпешагии мардуми Ўзбекистон дар солҳои ҷанг чиҳоро дониста гирифтед?*
4. *Оид ба қаҳрамониҳои ҷанговарони ўзбекистонӣ дар майдонҳои ҷанг мисолҳо оред.*
5. *Барои абадӣ кардани хотираи ҷанговарони ўзбекистоние, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳалок шудаанд, кадом корҳо амалӣ гардонида шудаанд?*



# Боби X. МУБОРИЗА БАРОИ СУЛҲ, ҲАМКОРӢ ДАР ДУНЁ

## § 44. СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД (СММ)

**Сабабҳои ташкилёбии СММ.** Моҳи августи соли 1945... Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳанӯз давом мекард. ШМА барои нишон додани қудраташ ба ҷаҳониён 6 ва 9-уми август ба шаҳрҳои Хиросима ва Нагасакии Япония аслиҳаи даҳшатноктарин-бомбаи атомӣ партофт. Ин рафтори худро бо баҳонаи зудтар таслим намудани Япония ҳақ баровардanӣ шуд. Бомбаи атомӣ асли қатли ом аст. Он иморатҳоро низ нобуд мекунад. Нури он ҳаво, об ва заминро заҳролуд менамояд. Ҳазорон одамон ҳалок мешаванд. Зиёда аз он нуре, ки аз он мебарояд, яъне радиатсия муддати тӯлонӣ таъсири худро нишон медиҳад.

Соли 1945 дар Япония айнан ҳамин тавр шуд. Начандон дуртар аз шаҳри Хиросимаи Япония духтаре бо номи Садако Сасаки зиндагӣ мекард. Ҳангоми таркидани бомба ӯ дусола буд. Баъд аз нӯҳ соли он воқеа Садако дар 11-солагиаш касал мешавад. Духтурон дар он касалии саратонро аниқ карда, як соли дигар умр доштанашро тахмин мекунанд. Ин бемори асорати бомбаи ба шаҳри Хиросима партофташуда дар соли 1945 буд. Садака медонист, ки ӯро марг интизор аст.

Садакоро дӯсташ Тидзуко хабар мегирифт. Рӯзе Тидзуко ба Садако аз таърихи турнае, ки дар Япония муқаддас аст, ҳикоя намуд. Японҳо мегуфтанд, ки турна 1000 сол умр мебинад, агар инсони бемор аз коғаз 1000 дона турна созад, сиҳат мешавад.

Садако аз он рӯз сар карда ба сохтани 1000 дона турна сар мекунад.

Аммо вақти ӯ барои сохтани 644 то турна расид. Садако вафот кард, ҳамсинфаш боқӣ 356 то турнаро сохт. 1000 то турна бо Садако дафн карда шуд. Садако ягона қурбони бомбаи атомӣ набуд.



«Ҳайкали сулҳи бачаҳо» дар Япония.

Бачаҳои Япония барои гузоштани ёдгорӣ ба хотираи Садако се сол маблағ ғун карданд.

Ёдгориии ба хотираи Садако сохташуда «Ҳайкали сулҳи бачагон» ном гирифт. Он дар «Хиёбони сулҳ»-и Хиросима гузошта шудааст.

Дар санги зери ёдгорӣ чунин суханон сабт шудаанд:

*Ин ашки чашмони мост,*
*Ин дуои хайри мост:*
*Дар дунё сулҳ бошад.*

Оре, барои дунё сулҳу осоиш зарур аст. Дар он сурат тақдири Садако такрор намешавад. Дар он сурат одамон бехонумон, фарзандон бе падару модар намемонанд. Падару модарон аз фарзандони худ ҷудо намешаванд. Бачаҳои рӯи замин аз гуруснагӣ ва беморӣ намемиранд.

Агар боз ҷанг рух занад, аз ҷанги аввал дида бештар куштор ва харобкорӣ меоварад.

Бинобар ин давлатҳо ва арбобони давлатҳо барои оянда ғам хӯрда, набояд ба ҷанг роҳ диҳанд.

Аз ин сабаб арбобони давлатҳо барои таъсиси ташкилоти байналмилалие аҳду паймон намуданд, ки баҳри гирифтани пеши роҳи ҷанг ва дар саросари дунё таъмин кардани сулҳ хизмат намояд.

**Ташкилёбии СММ ва мақсадҳои он.** Дарҳол он ташкилот таъсис дода шуд. Онро Созмони Милали (миллатҳои) Муттаҳид (СММ) номиданд.

**Дар ёд доред!**

Созмони Милали Муттаҳид 24-уми октябри соли 1945 ташкил карда шудааст.

Мақсадҳои асосии Созмони Милали Муттаҳид чунин муқаррар шуд:

– таъмини сулҳу осоиш дар тамоми дунё;

– инкишоф додани муносибатҳои дӯстӣ байни халқҳои дунё;

– якҷоя ҳаракат кардан барои хотима гузоштан ба гуруснагӣ, касалиҳо ва бесаводӣ дар дунё;

– пешгирӣ намудани ҳалокати экологӣ;

– рағбатнок кардани назари боҳурматона ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон.

**Рамзи Созмони Милали Муттаҳид.**

Қароргоҳи СММ дар шаҳри Ню-Йорки ИМА ҷой гирифтааст. СММ-ро Саркотиб раҳбарӣ мекунад.

Агар дар ҳар як гӯшаи дунё хатаре ба сулҳи умумӣ ба амал ояд, СММ онро муҳокима мекунад ва барои ҳимояи сулҳ чораҳо мебинад. Ҳоло наздики 200 то давлати дунё аъзои СММ мебошад. Инак дар тамоми солҳои баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ СММ барои мустаҳкам намудани сулҳ мубориза бурда меояд.

**Ӯзбекистон узви ташкилотҳои байналмилалӣ.** Ӯзбекистон 2-юми марти соли 1992 ба Созмони Милали Муттаҳид қабул карда шуд. Ин воқеа дар миқёси байналмилалӣ эътироф шудани Ӯзбекистонро тасдиқ намуд. Аз он рӯз эътиборан Ӯзбекистон ба узви комилҳуқуқи ҷамъияти ҷаҳонӣ табдил ёфт. Дар назди бинои СММ байрақи Ӯзбекистон баробари байрақҳои дигар давлатҳо барафрохта шудааст.

Дар солҳои аввали истиқлол дар Тошканд ваколатхонаи СММ кушода шуда. Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов соли 1993

дар маҷлиси умумии 48-уми СММ бори аввал иштирок ва нутқ кард. Ин воқеаи таърихӣ ба оламиён бори дигар намоиш дод, ки дар дунё давлати мустақили Ӯзбекистон ҳаст.

**Ба хотир оред!**

Созмони Милали Муттаҳид кай ва бо кадом мақсад ташкил шуд?

Ислом Каримов соли 2010 дар маҷлиси умумии СММ бахшида ба муаммоҳои муҳимтарини байналмилалӣ низ иштирок кард.

Президентамон дар нутқи худ таваҷҷӯҳи иштирокдорони маҷлиси умумиро ба муаммомҳое, ки Ӯзбекистонро ба ташвиш андохтааст, ҷалб намуд.

Ӯзбекистон ба фаъолияти чандин ташкилотҳои байналмилалии СММ низ фаъол иштирок менамояд.

Ӯзбекистон ба узвияти ЮНЕСКО қабул шуд. Дар мавзӯъҳои гузашта оиди корҳои амалинамудаи ин ташкилот дар Ӯзбекистон шинос шудед.

ЮНЕСКО барои рағбатнок намудани шахсонеро, ки дар соҳаи инкишофи таълим, илм ва маданият алоқаҳои байналмилалиро фаъол менамоянд, мукофотҳои худро таъсис додааст.

**Дар ёд доред!**

ЮНЕСКО чандин мукофотҳо (медалҳои тилло) таъсис додааст. Яке аз онҳо медали тиллоии ба номи Абуалӣ ибни Сино аст.

Соли 1998 Президентамон Ислом Каримов бо ин медали тиллоии ЮНЕСКО мукофотонида шудааст.

## Савол ва супоришҳо

1. *ШМА бо кадом мақсад бомбаи атомиро ба Япония партофт?*
2. *Оид ба бомбаи атомӣ чиҳоро донистa гирифтед?*
3. *Оид ба тақдири фоҷиавии духтараки японӣ Садако нақл кунед.*
4. *СММ чӣ гуна ташкилот аст ва он чаро ташкил карда шуд?*
5. *Оид ба ҳамкории СММ ва Ӯзбекистон ҳикоя кунед.*

# § 45. СММ ВА БАЧАҲОИ ДУНЁ

**СММ ҳимоячии ҳуқуқи бачаҳо.** СММ барои бачаҳои дунё ҳамеша ғамхорӣ карда меояд. Он бо мақсади бартараф кардани оқибатҳои фоҷианоке, ки Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба сари бачаҳо овард, соли 1946 «Хазинаи байналмилали кӯмак ба бачаҳо»-ро ташкил кард.

**Фаъолияти ЮНИСЕФ.** «Хазинаи байналмилалии кӯмак ба бачаҳо», ки соли 1946 ташкил шуда буд, мухтасаран ЮНИСЕФ номида шудааст. Вай аввал ба бачаҳои Европа, ки дар ҷанг азияти зиёд кашидаанд, кӯмак расонд. Баъд ба бачаҳои қитъаҳои Осиё, Африка ва Америкаи Ҷанубӣ ёрирасониро сар кард.

> **Дар ёд доред!**
>
> ЮНИСЕФ барои расонидан ёриаш ба бачаҳои дунё соли 1965 бо мукофоти байналмилалии Нобел сазовор карда шуд.

Рамзи ЮНИСЕФ.

Зеро вобаста бо ҳаёти бачаҳои ин қитъаҳо ҳанӯз ҳам муаммоҳои калон боқӣ мондааст. Чунончи дараҷаи мурдан дар байни бачаҳо ҳамон баланд аст, миллионҳо нафар бачаҳо хӯроки сер намехӯранд.

Беш аз 130 миллион нафар бачаҳо ба мактаб намераванд. ЮНИСЕФ ин ҳолатҳоро ба назар гирифта дар фаъолияти худ ба масъалаҳои зерин эътибор медиҳад:

– барои пешгирӣ намудани бемориҳое, ки сабаби марг мешаванд, эм кардани бачаҳо;

– таъмини бачаҳо ва модарон бо оби ошомиданӣ;

– мубориза бар зидди гуруснагии байни бачаҳо, кам хӯрок хӯрдан ва бесаводӣ;

– пешгирӣ намудани норасоии витамини «А», ки боиси кӯр шудани бачаҳо мешавад;

– муяссар шудан ба тасдиқи Конвенсияи байналмилалии оиди ҳуқуққои бачаҳо аз тарафи ҳама давлатҳо.

ЮНИСЕФ бо фаъолияти худ ҳар сол ҳаёти 3 миллион нафар бачаро нигоҳ дошта меояд. Имрўз беш аз 140 давлат ба ЮНИСЕФ аъзо мебошад. Республикаи Ўзбекистон соли 1994 ба он аъзо шуд ва бо он ҳамкории наздик дорад. ЮНИСЕФ бо ҳукумати Ўзбекистон дар бобати эм кардани бачаҳо, расондани вaксинаҳо ва ёрирасонӣ ба аҳолии соҳили Арал ҳамкорӣ карда меояд.

Дар Ўзбекистон ғамхорӣ нисбати бачаҳо яке аз асосҳои сиёсати давлатиро ташкил медиҳад.

СММ соли 1989 Конвенсияи байналмилалии «Дар бораи ҳуқуққои бача»-ро қабул кард. Дар он ҳамаи онҳои то 18-сола ҳамчун бача қайд шудааст. Инчунин ба аъзоёни СММ маҷбурияти таъмини зисти бачаҳо, зинда мондан ва инкишофи солими онҳо гузошта шудааст. Дар айни замон ҳуқуқи илм гирифтани бачаҳо кафолат дода шудааст. Бачаҳоро ба сифати коргари арзон истифода кардан, ҷалб намудан ба аскарӣ манъ карда шудааст. Ба зиммаи ҳар як давлат оид ба қабули чораҳо барои пешгирии истеъмоли моддаҳои нашъаманд ўҳдадорӣ гузошта шудааст. Республикаи Ўзбекистон ҳам ба ин конвенсия ҳамроҳ шудааст.

Соли 2007 қонуни Республикаи Ўзбекистон «Дар бораи кафолатҳои ҳуқуқҳои бача» қабул шуд.

Ин қонун манфиати шаҳрвандони то 18-солаи Ўзбекистонро ҳимоя менамояд.

**Маблағи ЮНИСЕФ.** Давлатҳои аъзо ҳар соле ба ҳисоби ташкилот ба миқдори муайян маблағ мегузаронанд. Инчунин ба ҳисоби баъзе шахсон низ маблағ ҷамъ мешавад. Ғайр аз ин ин хазина аз ҳисоби фурўхтани миллионҳо мактуби ҷилдноки табрикии дорои рамзаш буда низ пул ғун мекунад.

Фурўхтани мактуби кушоди ҷилдноки табрикӣ чӣ гуна урф шуд?

Соли 1949... Хазина ба бачаҳои Чехия ёрӣ расонданӣ шуд. Дар байни бачаҳо ёригирифта Йитка Самковаи 7-сола, ки дар бобати расмкашӣ маҳорат дошт, низ буд. Йитка аз ёрии хазина хурсанд шуда (ҳамсинфони ў низ мамнун буданд) барои хазина рўи порчаҳои оина расмҳои ранга кашид.

Муаллими синфи Йитка расмҳои кашидаи ўро ба қароргоҳи хазина дар пойтахти Чехия-Прага фиристод. Ин расмҳо ба ходи-

мони хазина хеле писанд омад. Онҳо расмҳоро ба шаҳри Ню-Йорк фиристоданд.

Ходимони хазина мактуби кушоди ҷилднокро, ки расмҳои кашидаи Йиткаро дошт, тайёр карда, дар рӯзи таваллуди Исо пайғамбар-ба муносибати иди Рождество дар тамоми дунё фурӯхтанд. Ин тадбир ба хазина даромади калон овард.

Баъдтар ҳар соле фурӯхтани ин гуна мактуби кушод ба анъана табдил ёфт.

### Худатонро санҷед

- БМТ ... .
- ЮНИСЕФ ... .
- Соли 1989 ... .

### Мазмуни истилоҳҳоро донистa гиред

**Ваксина** – доруе, ки барои эм кардани инсонҳо бо мақсади пурзӯр намудани дараҷаи ҳимоя аз касалиҳо истифода мешавад.

**Хазина** – ташкилоте, ки барои ягон фаъолият, ба гурӯҳи муайяни одамон расонидани ёрӣ ташкил карда мешавад.

**Конвенсия** – шартномаи байналмилалӣ оид ба масъалаи махсус.

### Савол ва супоришҳо

1. *Дар бораи фаъолияти БМТ барои ҳимояи ҳуқуққои бачаҳо чиҳоро дониста гирифтед?*
2. *Оид ба ташкилоти ЮНИСЕФ ва фаъолияти он нақл кунед*
3. *Мақсади Конвенсияи «Дар бораи ҳуқуқи бача» чист?*
4. *Республикаи Ўзбекистон ва ЮНИСЕФ дар кадом самтҳо ҳамкорӣ доранд?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

Дар оилаатон бачаҳо ба муқобили кадом касалиҳо эм карда шудаанд, аниқ кунед ва онҳоро дар дафтаратон қайд аст.




## § 46. СОҲИБИ ИСТИҚЛОЛ ШУДАНИ ЎЗБЕКИСТОН

**Президенти нахустини Ўзбекистон.** Ўзбекистон дар таркиби собиқ Иттифоқи Шўравӣ мустамлика буд. Ба солҳои 80-уми асри XX омада рў ба таназзул овардани собиқ Иттифоқи Шўравӣ баръало намоён шуд. Муборизаи халқҳои мустамлика, аз ҷумла халқи ўзбек барои мустақилӣ он таназзулро боз ҳам пурзўр кард.

Дар чунин шароит барои Ўзбекистон раҳбаре зарур буд, ки онро ба роҳи мустақилӣ бурдан қодир буда, лозим шавад барои он ҷонашро фидо кардан тайёр бошад. Ин зарурият Ислом Абдуғаниевич Каримовро ба майдони сиёсат овард. Ислом Каримов дарҳол раҳбари Ўзбекистон интихоб шуд. Ў то ин вақт дар чандин лавозимҳои давлатӣ кор карда, таҷрибаи калон пайдо карда буд.



**Ислом Каримов.**

24-уми марти соли 1990 дар таърихи Ўзбекистон бори нахуст лавозими президент ҷорӣ карда шуд. Он рўз раҳбари дурандеш ва донишманд, фарзанди ватанпарвар ва сарвари халқи ўзбек Ислом Каримов Президенти Ўзбекистон интихоб гардид.

Ин ҳодиса дар роҳи муборизаи Ўзбекистон барои мустақилӣ қадами муҳими таърихӣ гардид.

**Дар ёд доред!**

Президент – сарвари давлат аст, ки ба муддати муайян интихоб мешавад. Президентӣ лавозими аз ҳама олии давлатист. Калимаи «президент» лотинӣ буда, маъноаш «дар пеш нишаста» аст.

**Эълон шудани истиқлолияти давлатии Ўзбекистон.** Президент Ислом Каримов таъмин кардани мустақилии Ўзбекистонро вазифаи асосии худ эълон карда буд. Барои расидан ба ин мақсад тадбирҳоеро суботкорона амалӣ намуд, ки истиқлоли давлатии Ўзбекистонро наздик мекарданд Масалан, «Декларатсияи мустақилӣ», ки соли 1990 қабул шуда буд, дар байни онҳо аҳамияти калони таърихӣ дошт. Раҳбарони собиқ Иттифоқи Шўравии пошхўрдаистода моҳи августи соли 1991 бо роҳи истифодаи зўрӣ онро нигоҳ доштанӣ шуданд. Аммо ин ҳаракат ба ҳалокат дучор шуд. Бо ташаббуси Ислом Каримов Шўрои Олии Республикаи Ўзбекистон 31-уми август Қонун «Дар бораи асосҳои мустақилии давлатии Республикаи Ўзбекистон»-ро қабул кард. 1-уми сентябр Рўзи истиқлолияти Республикаи Ўзбекистон муқаррар шуд.

Ҳамин тавр, дар харитаи сиёсии дунё давлати нав – Республикаи Ўзбекистон пайдо шуд. 29 декабри соли 1991 Ислом Абдуғаниевич Каримов дар асоси алтернативӣ Президенти Республикаи мустақили Ўзбекистон интихоб шуд.

**Худатонро санҷед**

- 24 марти соли 1990 – ... .
- 31 августи соли 1991 ... .
- 1 сентябри соли 1991 ...

**Рамзҳои давлатии Республикаи Ўзбекистон.** Ўзбекистон ба мустақилии давлатӣ расида акнун мебоист қиёфаи худро дар доираи меъёрҳои байналмилалӣ нишон медод. Қиёфаи давлат бошад, дар рамзҳои он ифода мешавад. Рамзҳо ҳар як давлат, халқро дар арсаи дунё шинос карда, мустақил будани онро маълум сохта, нишонаест, ки давлатҳоро аз якдигар фарқ мекунонанд. Рамзҳо нишон медиҳанд, ки халқ тақдири худашро худаш маълум мекунад. Дар он гузашта ва имрўз, оянда, орзую мақсадҳои халқ инъикос карда мешавад. Аз ин боис Ўзбекистон ҳам дар муддати кўтоҳ рамзҳои давлатии худро қабул кард.

> **Эътибор диҳед!**
>
> Республикаи Ўзбекистон соҳиби рамзҳои давлатии бо қонун тасдиқшавандаи худаш-байрақ, герб ва суруди миллӣ аст.
>
> Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон, моддаи 5.



**Байрақи давлатии Республикаи Ўзбекистон.**



**Герби давлатии Республикаи Ўзбекистон.**

Чунончи, Байрақи давлатии Республикаи Ўзбекистон 18-уми ноябри соли 1991, Герби давлатӣ 2-юми июли соли 1992, Суруди миллӣ 10 декабри соли 1992 тасдиқ гардидааст. Шумо аз дарсҳои «Саёҳат ба олами конститутсия» мазмуни рамзҳои давлатамон, ҳар як тасвири он чиро ифода мекунад, дониста гирифтаед.

**Республикаи Қароқалпоқистон.** Баъди ба истиқлол расидани Ўзбекистон ба Қароқалпоқистони дар таркиби он буда мақоми республикаи мустақил дар таркиби Ўзбекистон дода шуд. Ўзбекҳо ва қароқалпоқҳо дар давоми асрҳо паҳлўи ҳам дўстона зиндагӣ карда омадаанд. Муносибатҳои онҳо ба дўстиву хешу таборӣ асос ёфтаанд. Забонашон ҳам наздик аст.



**Байрақи Республикаи Қароқалпоқистон.**

Республикаи Қароқалпоқистони дар таркиби Ўзбекистон Конститутсия, рамзҳои давлатӣ, ҳокимияти қонунбарор ва ҳукумати худ соҳиб аст. Ҳокимияти қонунбарори Республикаи Қароқалпоқистон Чўқорғи Кенгес аст.



**Герби Республикаи Қароқалпоқистон.**

**Худатонро санҷед**

- Соли 1991, 18-уми ноябр... .
- Соли 1992, 2-юми июл... .
- Соли 1992, 10 декабр... .

### Мазмуни истилоҳҳоро даниста гиред

**Герб** – нишони алоҳидаест, ки дар мӯҳри давлат, пул ва ҳуҷҷатҳо тасвир мешавад, давлатро шинос мекунад.

**Байрақ** – матои дорои ченаки муайян ба ягон давлат ё ташкилот мансуб буданро ифода мекунад, рамзи асосии мустақилии давлат.

**Алтернатива** – қоидаи аз ду нафар номзад кам набудан ба лавозими интихобӣ.

**Рамз** – нишонаи шартии ифодакунандаи ягон ҳодиса ё ҳолат.

### Савол ва супоришҳо

1. *Оид ба таъсис шудани лавозими Президенти Ӯзбекистон нақл кунед.*
2. *Калимаи «Президент» ва мақоми ӯро таъриф диҳед.*
3. *Ҷараёни эълон шудани Мустақилии давлатии Республикаи Ӯзбекистон чӣ хел сурат гирифт?*
4. *Барои давлатҳо рамзҳои давлатӣ чаро заруранд? Фаҳмонед.*
5. *Оид ба Республикаи Қароқалпоқистон чиҳоро даниста гирифтед?*

### КОРИ МУСТАҚИЛОНА

**Санаҳои муҳими таърихӣ**

*(Ҷадвалро пур кунед)*

| Р/т | Санаҳои муҳими таърихӣ | Воқеаҳои муҳими таърихӣ ва қабул шудани ҳуҷҷатҳои муҳими таърихӣ |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |

## § 47. МУВАФФАҚИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ ӮЗБЕКИСТОН

**Мустақилии Ӯзбекистон оид ба ғалла.** Ғалла ризқу рӯзии мардумамон аст. Дар замоне, ки Ӯзбекистон мустамлика буд, собиқ Иттифоқи Шӯравиро бо пахта таъмин мекард. Бе пахтаи Ӯзбекистон корхонаҳои бофандагии собиқ Иттифоқи Шӯравӣ аз фаъолият боз мемонд. Ӯзбекистон қисми асосии ғаллаи барои аҳолиаш зарурро бар ивази пахта аз собиқ Иттифоқи Шӯравӣ мегирифт ва он дар як сол қариб 3 миллион тоннаро ташкил мекард. Баъди пароканда шудани собиқ Иттифоқи Шӯравӣ акнун

бояд ғалларо аз давлатҳои хориҷа мехаридем. Аммо дар натиҷаи канда шудани алоқаҳо дар республикаи мо чунин ҳолате ҳам шуд, ки захираи ғалла барои як ҳафта монда буд.



**Ҷамъоварии ғалла.**

Дар чунин шароити вазнин бо ташаббуси Ислом Каримов барои расидан ба мустақилӣ оид ба ғалла қарор қабул шуд. Мувофиқи он майдони кишти пахта кам карда шуд. Замини аз пахта холӣ ба ғаллазор табдил дода шуд. Дар баробари он оид ба баланд кардани ҳосилнокии ҳар як гектар замин чораҳо дида шуд. Ин ҳаракат дере нагузашта самараи худро дод.

**Дар ёд доред!**

Соли 2003 Ӯзбекистон ба мустақилӣ оид ба ғалла ноил шуд. Он сол ба туфайли меҳнати фидокоронаи деҳқонони Ӯзбекистон дар мамлакат 5 млн. 100 ҳазор тонна ғалла тайёр шуд. Ин нисбат ба соли 1991 5,5 баробар зиёд буд.

Қаҳрамони Ӯзбекистон, шоири халқии Ӯзбекистон Абдулло Орипов дар он рӯзҳое, ки ба ин ғалаба ноил гардидем, дар шеъри «Нони ӯзбек» чунин мисраъҳоро овардааст:

*Кишварам, бишнохт ин олам туро,*
*Гашт амбори ту аз дони ту пур.*
*Ҳолиё бинвозӣ аҳли даҳрро,*
*Бо ҳамон ноне, ки з-он хони ту пур.*

*(Тарҷумаи Паймон)*

Бо шарофати ҷасорати меҳнатии деҳқонони заҳматкашамон соли 2014-ум беш аз 8 миллион тонна ғалла тайёр карда шуд. Имрӯз Ӯзбекистон ғаллаашро ҳатто ба хориҷа фурӯхта истодааст.

**Мустақилӣ оид ба нефт.** Шумо чӣ будани нефтро нағз медонед. Аҳамияти он барои барқарории ҷамъияти инсонӣ хеле бузург аст. Аз ин сабаб онро «тиллои сиёҳ» ҳам меноманд. Маҳсулоте, ки аз нефт ҳосил мешавад, пеши назар оред. Онҳо бензин, карасин, солярка ва дигар сӯзишвориҳост. Бе онҳо ягон соҳаи



**Заводи истеҳсоли нефт.**

хоҷагии халқ кор карда наметавонад. Масалан, бе карасин самолёт парвоз карда наметавонад. Бе солярка техникаи кишоварзӣ ҳаракат намекунад. Бо як сухан, нефтро бо хуне, ки ба рагҳои иқтисодиёт ҷорӣ мешавад, монанд кардан мумкин. Аз ин сабаб эҳтиёҷ ба маҳсулоти нефт сол то сол меафзояд.

Давлате, ки худро бо маҳсулоти нефт таъмин мекунад, ба дигарон мӯҳтоҷ намешавад. Ўзбекистон яке аз кишварҳоест, ки захираи нефташ зиёд аст. Дар Ўзбекистон бо ҳамкорони ИМА ва Япония як қатор конҳои нефт ба кор даромад. Дар натиҷа истеҳсоли нефт сол аз сол меафзояд.

**Дар ёд доред!**

Аз соли 1995 Ўзбекистон дар бобати нефт мустақил шуд.

Заводҳои коркарди нефти Фарғона ва Бухоро эҳтиёҷоти республикаамонро ба маҳсулоти нефт таъмин мекунанд.

**Ҷои пахтаи Ўзбекистон дар дунё.** Ўзбекистон дар дунё бо пахтаи худ ҳам машҳур аст. Республикаи мо дар бобати истеҳсоли пахта дар дунё ҷойи шашум, оид ба фурӯши он ба хориҷа ҷойи сеюмро ишғол мекунад. Пахта ашёи хоми гаронбаҳо аст.

**Дар ёд доред!**

Аз як тонна пахта ба ҳисоби миёна 320–350 кг нах мегиранд. Аз ин нах 3500 метри мураббаъ матоъ бофтан мумкин. Ғайр аз ин 620 кг чигит гирифта мешавад. Аз ин чигит 110 кг равғани пахта, 225 кг кунҷора ва 175 кг шулха ва дигар маҳсулот гирифтан мумкин.

Нахе, ки аз пахтаи ўзбек гирифта мешавад, баландсифат аст. Аз ин рӯ, дар дунё талаб ба он зиёд аст.

Бо ташаббуси Президент Ислом Каримов дар Тошканд «Намоишгоҳи байналмилалии пахтаи Ўзбекистон» гузаронида мешавад

ва он вазифаи бозори хоси пахтаи ӯзбекро иҷро карда истодааст.

**Саноати замонавӣ.** Бе саноати замонавӣ хоҷагии халқро тараққӣ додан мумкин нест. Тасаввур кунед, истеҳсоли энергияи барқ (ток) кам шуд. Чӣ мешавад? Албатта ҳамаи корхонаҳои саноатӣ корро боз медоранд.



**Хирмани пахта.**

Ё саноати мошинсозиро гирем. Хоҷагии қишлоқи замонавӣ чӣ хел бе техника кор карданаш мумкин? Бе саноати мошинсозӣ оё Ӯзбекистон ба давлати истеҳсолкунандаи автомобили сабуки замонавӣ табдил шуда метавонист? Худатон гувоҳ ҳастед, ки мошинҳои сабукрави аз якдигар зебо истеҳсол мешавад.

Бе саноати кимё пешрафти хоҷагии қишлоқро тасаввур карда наметавонед. Бо нурии маъданӣ ҳосилнокии зироатро зиёд кардан мумкин. Ё бар зидди зараркунандагони хоҷагии қишлоқ бо воситаҳои кимёвӣ мубориза бурдан мумкин.

Саноати озуқаворӣ аҳолиро ба маҳсулоти гуногуни хӯроквори таъмин карда меояд. Аз ин рӯ дар республикаи мо ба масъалаи инкишоф додани саноат эътибори калон дода мешавад.

### Худатонро санҷед

- Агар саноати кимё набошад... .
- Саноати нефт набошад... .

### Мазмуни истилоҳҳоро донista гиред

**Иқтисодиёт** – хоҷагие, ки аҳолии кишварро бо чизҳои зарурӣ таъмин мекунад, истеҳсолот.

**Техника** – асбобу ускуна, воситаест, ки меҳнати инсонро сабук мекунад ва ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ёрӣ мерасонад.

**Ярмарка** – ҷамъомаде, ки бо мақсади чакана фурӯхтан ё харида гирифтани маҳсулоти тадбиркорон ва истеҳсолотчиён, ки дар намоишгоҳ гузоштаанд, ташкил мешавад.

### Савол ва супоришҳо

1. *Чаро ба Ўзбекистон мустақилӣ оид ба ғалла зарур буд?*
2. *Оид ба расидан ба мустақилӣ оид ба ғалла чӣ хел тадбирҳо андешида шуданд ва онҳо чӣ хел натиҷа доданд?*
3. *Ба мустақилӣ оид ба нефт нарасида истеҳсолотро ривоҷ додан мумкин нест. Аз ин хусус далелҳо оред.*
4. *Оид ба мавқеи пахтаи Ўзбекистон дар бозори ҷаҳон чиҳоро дониста гирифтед?*
5. *Оид ба нақши бениҳоят калони саноат дар иқтисодиёти мамлакат далелҳо оред.*

### КОРИ МУСТАҚИЛОНА

1. Дар ноҳияе, ки шумо зиндагӣ мекунед, кадом соҳаи саноат мавҷуд аст? Бо ёрии падару модаратон оид ба нақши он корхонаҳо дар ҳаёти ноҳияатон маълумот ҷамъ кунед.
2. Бо ёрии падару модаратон дар бораи имсол дар ноҳияи шумо чӣ қадар пахта ва ғалла тайёр карда шуд, маълумот ҷамъ кунед.

## § 48. ИНКИШОФИ МАЪНАВИЮ МАЪРИФӢ

**Эҳёи арзишҳои миллию маънавӣ.** Арзишҳои (қадриятҳои) миллии маънавӣ дар давоми асрҳо офарида мешаванд. Онҳо бо тағйир ёфтани давр, ҳаёт аз байн намераванд.

Баръакс барои авлодҳои оянда мерос шуда мемонанд. Авлодҳои оянда онҳоро боз ҳам бой мекунанд. Онҳо низ барои наслҳои оянда аз худ мерос мегузоранд.

**Дар ёд доред!**

Арзиш – қадрият (аҳамиятнок, қимматбаҳо, сарвати халқ) – барои инсонҳо бениҳоят чизи пурарзиш, пурбаҳо мебошад.

Халқи ўзбек дар гузашта арзишҳое офаридааст, ки тамоми халқҳо ҳавас кунанд, меарзад. Аммо аксари онҳо дар солҳои мустамлика будани Ўзбекистан поймол гашта буданд. Дар солҳои истиқлол ин арзишҳо марҳала ба марҳала эҳё шуданд.

Забони ўзбекӣ – забони модарии халқи ўзбек арзиши олӣ аст. Дар солҳои мустамлика он ба қатори забони дуюмдараҷа фаромада буд. Доираи истифодаи он маҳдуд карда шуда буд. Ин ҳол

ифтихори миллии халқи ӯзбекро таҳқир намуд. Барои барҳам задан ба ин ҳолат бо ташаббуси Ислом Каримов ҳанӯз соли 1989 ба забони ӯзбекӣ мақоми забони давлатӣ дода шуд.

**Эҳёи Наврӯз.** Ҷашни Наврӯз арзиши қадимии халқамон аст. Он дар қадим чунин ҷашни азиз буд, ки ҳангоми ид кардани он ҳатто ҷангҳо бас мешуданд.

Наврӯз чун ҷашни некӣ, меҳру оқибат ва мурувват ҳам хеле азиз дониста мешуд. Боз як ҷиҳати хоси Наврӯз аз он иборат аст, ки айнан дар вақти ид кардани он кори деҳқонӣ, ки асоси ризқи мардум аст, сар мешуд. Бо ҳамин гуна фазилатҳояш ин ид ба иди дӯстдоштатарини халқ табдил ёфта буд. Аммо дар даврони мустамлика будани Ӯзбекистон Наврӯз асорати замони кӯҳна эълон шуда, ҷашн гирифтани он таъқиб гардида буд.

Соли 1990 ҳукумати Ӯзбекистон ба он хотима гузошт. Аз он сол сар карда Наврӯз дар республикаи мо аз нав барқарор шуд. 21-уми март рӯзи ҷашни халқӣ ва рӯзи истироҳат эълон шуд. Аҳолии республика инро бо мамнуният қабул карданд.

Халқамон дар рӯзҳои Наврӯз ҳашарҳо ташкил мекунанд. Атрофро тоза мекунанд, тадбирҳои ободонӣ мегузаронанд. Дарахт мешинонанд, гул мекоранд. Таоми дӯстдоштаи халқамон - сумалак зеби дастархонамон мешавад.

Ғайр аз ин дар айёми Наврӯз ба ятимону сағирон, ногиронҳо, оилаҳои камтаъмин мурувват нишон дода мешавад.

**Эҳёи идҳои динӣ.** Мусулмонони Ӯзбекистон ҳар сол идҳои Қурбон ва Рӯза (Рамазон)-ро ҷашн мегиранд.

Бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов аз соли 1991 сар карда рӯзи аввали ҷашни Қурбон ва аз соли 1992 эътиборан Иди Рамазон рӯзи истироҳат муқаррар карда шудааст.

**Қадр намудани номи мубораки аҷдоди бузургамон.** Соли 1991 550-солагии таваллуди шоири бузург, асосгузори адабиёти классикии ӯзбек Алишери Навоӣ ҷашн гирифта шуд. Ба ин муносибат шоҳасарҳои ӯ бори дигар чоп гардид. Дар шаҳри Тошканд ҳайкали мӯҳташам ва бовиқори ӯ гузошта шуд. Бо номи вай Боғи миллии Ӯзбекистон бунёд карда шуд. Ислом Каримов ҳангоми кушодани ҳайкал ва боғ сухан ронда, Алишери Навоиро ифтихори миллии мо номид.



**Мақбараи Имом Бухорӣ.**

Зинда кардани номи Амир Темур, ки дар солҳои мустамлика будани Ӯзбекистон ному корҳои бузургаш ба фаромӯшӣ маҳкум шуда буд, аммо дар асл фахру ғурури мо буд, ҳодисаи бузурги таърихӣ гардид.

Ӯзбекистон кишварест, ки ба ҷаҳон на фақат алломаҳои илму фан тарбия карда додааст, ин ҷо алломаҳои динӣ ҳам кору эҷод кардаанд. Бо ташаббуси Президент Ислом Каримов дар солҳои истиқлоли давлатамон номҳои муборакі онҳо зинда карда шуд.

Масалан, 1225-солагии таваллуди ҳамватанамон, намояндагони бузурги илми ҳадис Имом ал-Бухорӣ, 1200-солагии таваллуди Абӯисо ат-Тирмизӣ ҷашн гирифта шуд.

Ғайр аз ин 910-солагии қонуншиноси машҳури ислом Бурҳониддин Марғинонӣ, 1130-солагии шарҳдиҳандаи асосҳои дини ислом Абӯмансур Мотуридӣ ҳам қайд карда шуд. Бахшида ба хотираи онҳо ёдгориҳои аҷоиби меъморӣ бунёд карда шуд.

Дар ҳамаи тантанаҳои ҷашнӣ Президент Ислом Каримов иштирок ва нутқ намуд.

**Тифоқии байни миллатҳо дар кишварамон.** Ӯзбекистон ҳам давлати аҳолиаш бисёр миллата аст. Дар он намояндагони зиёда 130 миллату қавм ҳаёт ба сар мебаранд. Ба дигар халқҳо бо назари паст нигоҳ кардан, беписандӣ ба халқи ӯзбек чизи бегона аст. Вай дар давоми асрҳо бо намояндагони дигар халқҳо аҳлона ва дар тифоқӣ зиндагӣ карда меояд. Он халқест, ки дилаш фарох аст, дӯстиро қадр мекунад. Дар солҳои истиқлол ҳукуматамон барои боз ҳам мустаҳкам намудани тифоқии байни миллатҳо чораҳо меандешад. Пеш аз ҳама ҳар як шаҳрванди Ӯзбекистон сарфи назар аз мансубияти миллӣ дар назди қонун баробар эълон шуда-



**Мақбараи Бурҳониддин Марғинонӣ.**

аст. Дар қалбу шуури ҳар як шаҳрванд қатъи назар аз миллаташ ғояи Ватани ягона ҷӯш мезанад.

Гарчанде ба забони ӯзбекӣ мақоми давлатӣ дода шудааст, дигар забонҳо таҳқир нашудаанд.

Масалан, дар республикаамон таҳсил дар мактабҳои миёнаи умумӣ ғайр аз забони ӯзбекӣ боз ба 6 забон (қароқалпоқӣ, русӣ, тоҷикӣ, туркманӣ, қазоқӣ ва қирғизӣ) ташкил шудааст. Китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таълими умумӣ низ ба 7 забон нашр мешавад. Забон, урфу одат ва анъанаҳои ҳама миллату қавмҳо аз тарафи қонун ҳимоя карда мешавад. Барои инкишофи онҳо тамоми шароит муҳайё карда шудааст.

Барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти миллӣ ба намояндагони дигар миллатҳо ба ташкил намудани марказҳои миллии маданӣ рухсат дода шудааст. Таъмин намудани аҳлию тифоқии байни миллатҳо барои таъмини ягонагӣ, муттаҳидӣ ва осоиштагии мардуми Ӯзбекистон хизмат мекунад. Он сарвати бебаҳои Ӯзбекистон аст.



Қуръони карим.

**Таҳаммули динӣ.** Осудаҳолии ҳаёти ҳар як давлат, дар сулҳу амнияти зистани шаҳрвандонаш ба барқарории мустаҳками муросои байнидинӣ ҳам вобаста аст.

**Дар ёд доред!**

Таҳаммули динӣ – эътиқоди динии якдигарро ҳурмат карда, дар як Ватан зиндагонӣ кардани шаҳрвандони эътиқоди диниашон гуногун аст. Дар роҳи мақсади ягона муттаҳид шуда, дар ҳамкорӣ ва ҳамбастагӣ зистан аст.

Таърихи инсоният бисёр ҷангу кушторҳои диниро ҳам медонад. Масалан, дар Франсия танҳо дар соли 1572 дар як шабонарӯз дар заминаи зиддияти динӣ 30 ҳазор нафар ҳалок гардид. Мутаассифона, дунё ҳанӯз аз кушторҳои динӣ халос нахӯрдааст.

Дар ҳудуди Ӯзбекистон аз қадимулайём намояндагони динҳои гуногун паҳлӯи ҳам зиндагӣ карда омадаанд. Эътиқодмандон амалҳои динии худро озодона иҷро мекунанд. Чунки халқи ӯзбек аз қадим халқи дилаш фарох аст. Ҳоло дар республикаамон зиёда аз 15 ташкилотҳои динии мансуб ба эътиқоди динӣ фаъолият доранд.

Баробарҳуқуқии онҳо дар назди қонун зикр шудааст. Барои фаъолият нишон додани онҳо тамоми шароит фароҳам оварда шудаст. Ҳамин тавр байни шаҳрвандони мамлакатамон, ки ба динҳои гуногун эътиқод доранд, таҳаммули динӣ боз ҳам мустаҳкам шуд.



Калисои православии рус дар Тошканд.

Онҳо барои амалӣ намудани ғояи асосиамон- «Барпо намуда-

ни Ватани озод ва обод, зиндагии осоишта ва беҳбудёфта» низ ба ҳоли имкон саҳм мегузоранд.

**Худатонро санҷед**

- Дар Ўзбекистон... зиндагӣ мекунанд.
- Дар Ўзбекистон ... беш аз 15...

### Мазмуни истилоҳро донистa гиред

**Илми ҳадис** – илмест, ки гуфтаҳо, корҳои ва нишондодҳои Муҳаммад пайғамбарро (с.а.в) ҷамъ намуда, боварииноки онҳоро интихоб кардааст.

### Савол ва супоришҳо

1. *Маънои калимаи «арзиш» (қадрият)-ро эзоҳ диҳед. Чаро барқарор кардани арзишҳо зарур шуд?*
2. *Дар Ўзбекистон барқарор шудани арзишҳои бисёрасраи халқи ўзбекро бо далелҳо баён кунед.*
3. *Оид ба зинда карда шудани номи муборакиаҷдодони бузургамон чиҳоро донистa гирифтед?*
4. *Тифоқии байни миллатҳо чӣ хел таъмин мешавад?*
5. *Иборaи «таҳаммули динӣ»-ро таъриф диҳед. Дар Ўзбекистон барои мустаҳкам кардани таҳаммули динӣ чӣ корҳо амалӣ карда шуданд?*

### КОРИ МУСТАҚИЛОНА

1. Дар бораи чӣ гуна ҷашн гирифта шудани Наврўз дар маҳаллаатон маълумот ҷамъ карда оред.
2. Дар бораи чӣ гуна қайд шудани идҳои Рамазон ва Қурбон дар маҳаллаатон маълумот гирд оварда, биоред.

## § 49. ЎЗБЕКИСТОН ВА ҶАҲОН

**Эътироф шудани мустақилии Ўзбекистон аз тарафи кишварҳои дунё.** Мустақилии Ўзбекистон аз тарафи давлатҳои дунё пай дар пай эътироф шуд. Ўзбекистони мустақил дар асоси баробарӣ бо ҳамаи давлатҳо ҳамкорӣ намуданро сар кард. Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов аз хусуси роҳи интихобкарда чунин гуфта буд: «Ўзбекистон аз ҳеҷ кас садақа намепурсад, фақат барои ҳамкории баробар тайёр аст».



**Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов ва Президенти Россия Владимир Путин.**



**Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов ва Раиси Республикаи Халқии Хитой Си Сзинпин.**

Ўзбекистон пеш аз ҳама барои ҳамкории ҳамаҷониба бо Федератсияи Россия эътибори калон дод. Байни ду давлат оид ба муносибатҳои иттифоқӣ шартнома имзо гардид.

Ин шартнома ба манфиатҳои ду давлат хизмат менамояд. Федератсияи Россия ҳамкори бузурги савдоии Ўзбекистон аст.

Ўзбекистон ба давлатҳои тараққикардаи Осиё-Хитой, Кореяи Ҷанубӣ, Япония, Малайзия ва Сингапур ҳамкории мустаҳкамро ба роҳ монд. Дар кишварамон бо иштироки ин давлатҳо чандин корхонаҳои муштарак фаъолият нишон медиҳанд. Алоқаҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо онҳо инкишоф мeёбанд. Масалан, соли 2013 ҳаҷми муводилаи тиҷоратии байни Ўзбекистон ва Хитой аз 5 миллиард доллари ШМА гузашт.

Ўзбекистон бо Хитой дар бобати таъмин кардани сулҳ ва бехатарии мустаҳкам дар Осиё ҳамкории наздик дорад. Соли 2014 ба Хитой сафар кардани Ислом Каримов, ба Ўзбекистон ташриф овардани раҳбари Хитой барои мустаҳкам намудани алоқаҳои ду давлат хизмат мекунад.

Кореяи Ҷанубӣ низ яке аз ҳамкорони бузурги Ўзбекистон дар Осиё мебошад. Ҳамкорӣ бо Кореяи Ҷанубӣ барои ба давлати автомобили сабук бароварандаи дунё табдилёбии Ўзбекистон роли муҳим бозид. Бо ҳамкории ширкати «DAEWOO»-и Кореяи Ҷанубӣ дар шаҳри Асака заводи автомобил сохта шуд.

26-уми марти соли 1996 нахустин автомобил истеҳсол шуд. Ҳамин тавр Ўзбекистон дар дунё ба 28-умин давлати истеҳсолкунандаи автомобил табдил ёфт.

Ўзбекистон бо Япония низ ҳамкории манфиатбахш карда меояд. Дар мамлакатамон зиёда аз даҳ корхонаи муштараки Ўзбекистон – Япония кор мекунад.

Ўзбекистон бо давлати пурқудрати дунё ШМА, бо чандин ширкат ва корпоратсияҳои он, аз ҷумла бо корпоратсияи «Ҷенерал Моторс» ҳамкорӣ менамояд. Дар ҳамкорӣ бо ин корпоратсия дар заводи «Асака» автомобилҳои сабуки замонавӣ, дар вилояти Тошканд барои онҳо двигател (мотор) истеҳсол мегардад.



**Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов ва Президенти Республикаи Кореяи Ҷанубӣ Пак Кин Хе.**

**Ўзбекистон аъзои ташкилотҳои минтақавӣ.** Ўзбекистон бо ташкилотҳои минтақавӣ низ ҳамкорӣ мекунад. Дар байни онҳо Иттифоқи Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва Ташкилоти ҳамкории Шанхай (ТҲШ) мавқеъи алоҳида дорад. Ба ташкилоти Иттифоқи Давлатҳои Мустақил, ки соли 1991 ташкил ёфтааст, Федератсияи Россия, Украина, Белорус, Ўзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон, Озарбойҷон, Арманистон ва Молдова аъзо ҳастанд. Ҳамаи онҳо республикаҳои таркибии собиқ Иттифоқи Шўравӣ буданд. Мақсад аз ташкил додани ИДМ алоқаҳои иқтисодие, ки дар давоми солҳо байни давлатҳои ба он аъзо қарор ёфта буданд, нигоҳ доштан буд.

Ба ин мақсад аз бисёр ҷиҳат расиданд ҳам. Дар айни вақт ИДМ сар шудани ҷанги дохилиро дар ҳудуди собиқ Иттифоқи Шўравӣ пешгирӣ кард.

Давлатҳои аъзо дар бобати мустаҳкамсозии истиқлоли худ ба якдигар ёрӣ расонданд.

Дигар ташкилоти минтақавие, ба он Ўзбекистон аъзо аст, Ташкилоти ҳамкории Шанхай (ТҲШ) мебошад. Ин ташкилот дар шаҳри Шанхайи Хитой аз тарафи давлатҳои Хитой, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ўзбекистон таъсис дода шуд.

Мақсади асосии Ташкилоти ҳамкории Шанхай мустаҳкам намудани боварии байни якдигар ва мубориза бар зидди терроризм, ҷудоихоҳӣ ва экстремизм аст.

### Мазмуни истилоҳҳор дониста гиред

**Ҷудоихоҳӣ (сепаратизм)** – мубориза барои ҷудо кардани як қисми ҳудуди давлат ва дар он ҷо ташкил кардани давлати нав.

**Ширкат (компания)** – ташкилоте, ки бо савдо ё саноат машғул аст, иттиҳодияи корчаллонҳо.

**Корпоратсия** – ҷамъияти бузурги саҳҳомии ривоҷкарда.

**Минтақа** – як қисми Кураи замин.

**Терроризм** – ҳаракати зӯроварона, ки бо мақсади тарсонидани рақиб, маҳв кардан, дар байни аҳолӣ ба амал овардани тарсу ваҳм амалӣ мешавад.

**Экстремизм** – тарафдорони истифодаи чораҳои шадид барои расидан ба мақсади худ.

### Савол ва супоришҳо

*1. Муносибатҳои Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия аз муносибатҳо бо дигар давлатҳо бо кадом ҷиҳаташ фарқ мекунад?*
*2. Оид ба муносибатҳои Ӯзбекистон бо давлатҳои ҳамкори асосии савдо ва иқтисодӣ дар Осиё маълумотҳоро қайд намоед.*
*3. Оид ба ҳамкории Ӯзбекистон бо ИМА чиҳоро дониста гирифтед?*
*4. Иттифоқи Давлатҳои Мустақил бо кадом мақсадҳо ташкил ёфт?*
*5. Вазифаҳои асосии Ташкилоти ҳамкории Шанхай чист?*

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА

**Оид ба ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки ба он Ӯзбекистон аъзо аст, чиҳоро медонед?**

*(Ҷадвалро пур кунед)*

| Р/т | Номи ташкилоти байналмилалӣ | Соли ташкилёфтааш | Вазифаи асосии ташкилот | Вақти аъзо шудани Ӯзбекистон | Мукофоти таъсисдодаи ташкилоти байналмилалӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | СММ | | | | |
| 2. | ЮНЕСКО | | | | |
| 3. | ЮНИСЕФ | | | | |
| 4. | МДҲ | | | | |
| 5. | ТҲШ | | | | |



# Боби XII. ХАЛҚҲОИ ДУНЁ ДАР АСРИ XXI

## § 50–51. ТАҲДИД БА БЕХАТАРИИ ДУНЁ

**Қувваҳое, ки ба осоиштагии инсоният хавф доранд.** Дар шароити имрӯза моҷароҳои минтақавӣ, терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ ва муаммоҳои экологие, ки дар оқибати муносибати ноочилонаи инсоният ба табиат сар задаанд, ба осудаҳолии инсоният хавфи мудҳишнок оварда истодаанд.

Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов ҳанӯз соли 1997 дар асараш «Ӯзбекистон дар остонаи асри XXI» доираи таъсир ва оқибатҳои ин хатарҳоро ба осудагии инсоният муфассал баён карда буд.

**Моҷароҳои минтақавӣ ва хавфи онҳо.** Моҷарои минтақавӣ гуфта низоъҳои байни ҳамдигарии давлатҳои дар ягон гӯшаи дунё ё дар ҳудуди ягон мамлакат рӯй додани ҷанги дохилиро мегӯянд. Ҷанги дохилие, ки дар Афғонистони ба мо ҳамсоя содиршуда мебошад, далели равшани он аст. Аҳолии ин давлат беш аз 35 сол боз сулҳро намедонад.

Хавфи моҷароҳои минтақавӣ ба сулҳу осоиши инсоният дар чӣ зоҳир мешавад?

Пеш аз ҳама онҳо ба осоиштагии давлатҳои ҳамсоя хавф меоранд. Сонӣ, ҷанги дохилӣ муаммои гурезаҳоро ба вуҷуд меорад.

Сеюм, ҳудудҳои гирифтори моҷароҳои минтақавӣ ба зиёд шудани савдои моддаҳои нашъаманд, пурзӯр шудани ҳаракати террористӣ, авҷ гирифтани савдои ғайриқонунии яроқу аслиҳа оварда мерасонад.

**Терроризми байналмилалӣ.** Дар охири асри XX-ибтидои асри XXI терроризми байналмилалӣ ба сари инсоният кулфатҳои зиёд оварда истодааст.

Қувваҳои террористони байналмилалӣ раҳбарон, сафирони давлатҳоро дуздида, ба онҳо суиқасд кардан, бо гарав гирифтани одамон, тарконидани биноҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, аэропортҳо ва вокзалҳо, гирифта бурдани самолётҳо барин ҷиноятҳоро содир мекунанд.

Ҳоло ягон давлати дунё худро аз хатари терроризм эмин гуфта наметавонад. Қувваҳои террористони байналмилалӣ 11-уми сентябри соли 2001 дар ИМА ҷинояти мудҳиш содир намуданд. Террористон он рӯз бо самолёти худашон рабуда бинои осмонбӯси Маркази тиҷорати ҷаҳониро, ки дар шаҳри Ню-Йорк ҷойгир буд, вайрон намуданд. Дар оқибат ҳазорон нафар одамон ҳалок шуданд.

Қувваҳои террористон дар Федератсияи Россия низ як қатор ҷиноятҳои мудҳишро содир намуданд. Хусусан, соли 2004 мактаби миёнаи шаҳри Бесланро дар оғози соли нави таҳсил-1-уми сентябр ишғол карда, ҷинояти даҳшатнокро амалӣ намуданд.

Ин ҷиноят тамоми қувваҳои сулҳпарвари дунёро ба ларза овард. Чунки дар натиҷаи ин ҷиноят мактабхонҳо низ ҳалок шуданд.

**Экстремизми динӣ.** Дар охирҳои асри XX экстремизми динӣ қувват гирифт. Экстремизм маънои барои расидан ба мақсад истифода бурдани чораҳои сахт-зӯрӣ, қувва ва терроррро дорад. Экстремизмро бунёдгароии динӣ (ақидапарастӣ) ба вуҷуд овард.

Бунёдгароии динӣ мубориза барои нигоҳ доштани қоидаҳои диние, ки умраш ба поён расида, кӯҳна шудааст. Бунёдгароёни динӣ дар рӯйи замин, аз ҷумла дар Ӯзбекистон барои ташкили давлате мубориза бурда истодаанд, ки он дар асоси қонунҳои динӣ идора мешавад.

Онҳо 16-уми феврали соли 1999 дар Тошканд ба Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов суиқасд карданд. Онҳо соли 2005 дар шаҳри Андиҷон сар бардоштанд. Аммо халқи Ӯзбекистон даъвоҳои онҳоро рад кард.

Дар оқибат нақшаи онҳо барбод рафт. Мутаассифона қувваҳои бунёдгарои динӣ аз мақсадҳои худ ҳанӯз даст накашидаанд.

**Худатонро санҷед**

- Бунёдгароии динӣ (ақидапарастӣ)-ин... .
- Терроризм –... .

**Муаммоҳои экологӣ.** Ба бехатарии инсоният муаммоҳои экологӣ низ хатар оварда истодаанд.

Ин муаммо дар натиҷаи муносибати нооқилона, ҳатто ваҳшиёна инсонҳо пайдо шуд.

Чун дигар кишварҳои дунё Ӯзбекистон низ аз муаммоҳои экологӣ дар канор намонд. Ӯзбекистонро муаммои экологие, ки «фоҷиаи Арал» меноманд, ба ташвиш овардааст.

Фоҷиаи Арал дар натиҷаи солҳои зиёд ба баҳри Арал ба миқдори зарурӣ наомадани оби Амударё ва Сирдарё ба вуҷуд омад. Баҳри Арал, ки замоне хеле ноёб ва зебо буд, ҳоло хушк шуда, ба ҳавзаи нестшаванда табдил ёфт.

**Дар ёд доред!**

Дар тӯли 40 соли охир ҳаҷми баҳри Арал 7 баробар, ҳаҷми обаш 13 маротиба кам шуд.

*Ислом Каримов*

Дараҷаи шӯршавии оби мавҷуда ҳам даҳҳо баробар зиёд аст. Баҳр барои зиндагии ҷонзотҳо бекор шуд. Дар натиҷаи он қариб тамоми олами ҳайвонот ва растаниҳо нобуд гардид.

**Ҳамкорӣ дар роҳи мубориза барои сулҳ.** Ӯзбекистон аз рӯзҳои аввалини истиқлоли худ барои бартараф намудани муаммои Афғонистон пешниҳодҳои амалии худро баён кардааст. Ислом Каримов дар маҷлиси умумии соли 2010-уми СММ мавқеи Ӯзбекистонро бори дигар баён кард.

Бино ба фикри қатъии Ӯзбекистон қувваҳои ҳарбии кишварҳои хориҷӣ дар Афғонистон сулҳро таъмин намекунанд. Афғонистониҳо муаммои худро бояд худашон ҳал кунанд. Давлатҳои тарақ-

қикарда дар бобати барқарор кардани иқтисодиёт ба Афғонистон бояд ёрӣ расонанд.

Ўзбекистон дар муборизаи зидди терроризм ва экстермизми динӣ бо Ташкилоти ҳамкории Шанхай, дар бобати пешгирӣ кардани чуқуршавии фоҷиаи Арал бо СММ ва давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамкории наздик дорад.

Президентамон Ислом Каримов ҳангоми мулоқот бо журналистон 9-уми майи соли 2015 таъкид кард, ки «Сарфи назар аз он мо ҳеҷ гоҳ ба ягон блоки ҳарбию сиёсӣ ҳамроҳ намешавем, ба ҷой гирифтани базаҳои ҳарбии кишвари хориҷӣ дар ҳудуди Ўзбекистон, ба будани хизматчиёни ҳарбиамон дар хориҷ аз кишварамон роҳ намедиҳем».

Масалан, бо ташаббуси Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов бо иштироки панҷ давлати Осиёи Марказӣ «Хазинаи байналмилалии наҷот додани Арал» ташкил ёфт.



**Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов ва Саркотиби СММ Пан Ги Мун.**

Бо саъю кўшиши Ислом Каримов Саркотиби СММ Пан Ги Мун соли 2010-ум ба минтақаи Арал омад. Саркотиб фоҷиаи Аралро бо чашмони худ дид.

Дар ниҳояти сафар барои ҳалли муаммои Арал ёрӣ расонданашро баён кард.

Ислом Каримов ҳангоми суханронӣ дар маҷлиси умумии СММ бахшида ба «Мақсадҳои инкишофи ҳазорсола» ба иштирокдорони ҷамъомад гуфт, ки «Муаммои Арал муаммои сокинони минтақа, муаммои миллионҳо одамоне, ки ба СММ барин ташкилоти бонуфуз барои ёрӣ муроҷиат мекунанд, мебошад».

**Худатонро санҷед**

- 16-уми феврали соли 1999 –... .
- Дар соли 2001 – ... дар ШМА.
- Соли 2005 ... дар Андиҷон... .

### Мазмуни истилоҳҳоро дониста гиред

**Ақида** – қоидаҳое, ки ба дурустии онҳо шубҳа накарда, мулоҳиза накарда бовар намудан ба онҳо аст.

**Экология** – фаннест, ки муносибатҳои байни инсон ва табиатро меомӯзад.

### Савол ва супоришҳо

1. *Кадом қувваҳо ба сулҳи инсоният хавф оварда истодаанд?*
2. *Оид ба моҷароҳои минтақавӣ ва хавфи онҳо ба инсоният нақл кунед?*
3. *Оид ба хатаре, ки терроризми байналмилалӣ ба сулҳи инсоният овардааст, чиҳо дониста гирифтед?*
4. *Мақсади бунёдгароёни динӣ чист ва онҳо дар Ўзбекистон кадом ҷиноятҳо содир намудаанд?*
5. *Кадом сабабҳо боиси пайдошавии муаммоҳои экологӣ шуданд?*
6. *«Фоҷиаи Арал» чист ва ҳукумати Ўзбекистон барои кам кардани оқибатҳои он кадом чораҳоро дид?*

### КОРИ МУСТАҚИЛОНА

*(Ҷадвалро пур кунед)*

| Р/т | Моҷароҳои минтақавӣ ва оқибатҳои онҳо | Ҷиноятҳои мудҳише, ки террористони байналмилалӣ содир карданд | Бунёдгароии динӣ | | Таҳдиди экологӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Мақсадҳояш | Ҷиноятҳои содир кардааш | Сабабҳои пайдоиши муаммоҳои экологӣ | Корҳо оиди кам кардани оқибатҳои фоҷиаи Арал |
| | | | | | | |

## § 52. АСРИ XXI – АСРИ ИЛМ ВА ТАРАҚҚИЁТ

**Чаро асри XXI-ро асри илм ва тараққиёт номидаанд?** Шумо қариб ҳар рўз калимаи «илм»-ро мешунавед. Хўш, илм чист?

Илм маҷмўаи донишҳои дар дунё мавҷудбуда аст. Ба ҷойи «илм» калимаи «фан»-ро ҳам истифода мебаранд. Онҳо мазмуни

якхела доранд. Дар давоми тамоми таърихи инсоният илму фан инкишоф карда омадааст.

Кӯшиши инсон барои сабук намудани меҳнати вазнин ба кашфиётҳои бузург дар соҳаи техника, ихтироъҳо оварда расонд.

**Дар ёд доред!**

Техника (маҳорат) ҷамъи мошин, асбоб, аслиҳа ва ускунаҳое, ки меҳнати инсонро сабук карда, чизҳои барои инсон зарурро ба миқдори кофӣ истеҳсол намудан имконият медиҳад.

Аз ин рӯ техника-ин экскаваторҳо, ҳар хел тракторҳо, комбайнҳо, булдозерҳо, воситаи нақлиёти сабукрав ва боркашон, мусофирбар, самолёт, ракетаҳои кайҳонӣ, телевизор, компютер, мошинҳои электронии ҳисоб, шабакаи интернет ва монанди инҳо аст.

Замоне инсон бо каланди оддӣ канал меканд, баъдтар бо экскаватор канал мекофтагӣ шуд. Акнун тасаввур кунед, чӣ қадар меҳнати инсон сабук ва ҳосилнокиаш баланд шуд.

Ҳаёти имрӯзаи одамонро бе самолёт, бе компутер, бе телефони дастӣ ё бе интернет тасаввур кардан мумкин нест. Гувоҳ ҳастед, ки бо ёрии техникаи беқиёс инсон аз қаъри замин чандин тоннаҳо сарвати табииро аз худ мекунад.

Ё техникаи тиббиро мисол орем. Ихтироъҳои бузурги ин соҳа ба инсонҳо чӣ қадар имкониятҳо фароҳам овард? Пеш аз ҳама имкон дод, ки узви бемори танаи инсонро, аз ҷумла дилашро кӯчонда монда шавад. Ё чӣ қадар ҷарроҳиҳо бе ёрии теғ гузаронида мешаванд.

Инсон ба туфайли инкишофи техника ҳатто ба Моҳ баромад. Инсон ба ҳамаи инҳо ба туфайли инкишофи илму фан расидааст.

Ин муваффақиятҳои бузург дар соҳаи инкишофи илму фан ва техника дар таърих бо номи инқилоби илмию техникӣ даромад. Дар он давлатҳое, ки ба илму фан эътибори калон дода шудааст, онҳо ҳоло ба давлати аз ҳар ҷиҳат тараққикарда табдил ёфтаанд. Шаҳрвандонашон дар беҳбудӣ зиндагӣ мекунанд.

Олимоне, ки дар соҳаи илму фан кашфиётҳои бузург кардаанд, дар дунё бо Мукофоти байналмилалии Нобел тақдир мешаванд.

Илму фан дар асри XXI аз асри XX дида бошиддат пеш рафта истодааст. Минбаъд низ қудрати иқтисодӣ, фардо ва тақдири мамлакатро тараққиёти илму фан ҳал мекунад. Маълумоти бузургҳаҷмро бо ёрии компутер офаридан, ҷамъ карда, нигоҳ доштан, аз нав таҳия сохта ва онҳоро фиристодан ба як ҳодисаи оддӣ табдил ёфт. Масалан, флешкаи хурдакакро мисол оред. Дар он маълумоти баробари даҳҳо, садҳо китоб меғунҷад.

Одамон аз онҳо дар ҳар ҷои дилхоҳашон истифода бурда метавонанд. Яъне технологияи ахборот хеле мӯъҷаз шудааст. Ин ҳолатро нанотехнология (як пораи чизи хурд) мегӯянд.



**Медали лауреати Мукофоти нобелӣ.**

Он технологияи замонавитарин буда, барои боз ҳам хурдтар кардани воситаҳои ахборот имкон медиҳад. Дар натиҷа минбаъд компутерҳои баробари соати дастӣ амалҳоро иҷро мекардагӣ мешаванд. Масолеҳе, ки барои асбобу ускунаҳо сарф мешаванд, иқтисод мегарданд. Ихтироъҳои соҳаи нанотехнология самаранокии баланди соҳаҳои истеҳсолот, тиббиёт, экология, авиатсия, радиотехника ва монанди инҳоро таъмин мекунанд.

Хулоса, агар майл ба илм нобуд шавад, илму фан инкишоф намеёбад. Агар илм инкишоф наёбад, ояндаи мамлакатро тасаввур карда намешавад.

Бинобар ин муваффақиятҳои илму фан дар асри XXI омили асосии тараққиёти давлатҳо шуда мемонад. Аз ин боис асри XXI-ро асри илму фан ва тараққиёт меноманд.

**Худатонро санҷед**

- Илм ин, –... .
- Техника – ... .

**«Қудрат дар дониш ва тафаккур».** Ин суханони ҳикматомез ба Президент Ислом Каримов мансубанд. Калимаи «қудрат»-и ин ҳикмат маънои дар оянда мақсади Ӯзбекистон аз қатори давла-

тҳои равнақёфта ҷой гирифтанаш ва дар беҳбудӣ зистани шаҳрвандонашро ифода кардааст.

Калимаи «дониш» амалӣ шудани мақсадҳои бузургамон бевосита бо инкишофи илму фан дар кишварамон вобаста буданашро ифода намудааст. Калимаи «тафаккур» зарурати ба дараҷаи баланд аз бар намудани илму фанни замон аз тарафи кадрҳо-мутахассисони кишвар, қобилияти олии дар амал татбиқ кардани он дастовардҳои илму фанро ифода кардааст.




**Коллеҷи замонавӣ.**

Ӯзбекистон барои он, ки ба давлати тараққикардаи дунё табдил ёфта, аҳолиаш хуррам зиндагӣ кунад, ҳамаи имкониятро дорад. Хусусан кишвари мо аз сарватҳои зеризаминӣ ва рӯйизаминӣ бой аст. Шароити табииаш мусоид аст. Заминаш серҳосил, диёри рӯзҳои офтобиаш бисёр мебошад. Аммо барои он, ки кишвар ба давлати тараққикарда табдил ёбад, ин ҳама кам аст. Он пеш аз ҳама ба чӣ қадар пешравии илму фан вобаста аст. Бе инкишофи илм давлати бузургро бунёд кардан имконнопазир аст.

Дуюм, он ба мутахассисоне, ки комёбиҳои илму фанро дар истеҳсолот ҷорӣ бояд кунанд, ба вазифаи худ виҷдонан муносибат дошта бошанд, низ вобаста аст.

**Инро бодиққат хонед!**

«Оё Япония ва Кореяи Ҷанубӣ мисли мо сарватҳои бузурги табиӣ доранд? На. Лекин технологияи аз ҳама пешрафта дар ин мамлакатҳо ҷойгиранд».

*Ислом Каримов*

Аз ин сабаб давлати Ӯзбекистон барои кори пурсамари аҳли илму фан-олимони мамлакат фароҳам намудани шароити зарурирo яке аз вазифаҳои асосии худ медонад.

Дар солҳои истиқлол барои ба маркази ҳақиқии илму фан табдил ёфтани Академияи илмҳои Ӯзбекистон корҳои зиёд карда шуданд. Президент Ислом Каримов бо олимони Академияи илм-

ҳо борҳо вохӯрд. Қарори ҳукумат оиди баланд намудани самараи кори академия қабул гардид.

Дар айни замон ба масъалаи пурра хабардор шудани олимон аз комёбиҳои илми дунё ҳам аҳамияти калон дода мешавад. Дар ин роҳ аз ҷониби олимон омӯхтани ягон забони хориҷӣ рағбат кунонида мешавад.

Соли 1997 дар республикамон хазинаи «Умед» ташкил карда шуд. Интихоб намудани ҷавонони боистеъдод ва дар хориҷа таҳсил гирифтани онҳоро дастгирӣ кардан вазифаи он буд. Баъдтар хазинаи Президенти Республикаи Ўзбекистон бо номи «Истеъдод» таъсис дода шуд. Ба воситаи таҳсили ҷавонон дар хориҷа сафи мутахассисони таҷрибаи дунёро медонистагӣ ва дорои малакаи баланд зиёд шуд. Донишҷӯёни боистеъдоде, ки дар мактабҳои олӣ соҳаҳои гуногуни илмро хуб аз бар кардаанд, тадқиқотҳои илмӣ мебаранд ва олимони ҷавон соҳиби стипендияҳои Президенти Ўзбекистон, ба номи Навоӣ, Берунӣ ва «Камолот» мешаванд. Ҳукуматамон барои рағбатнок кардани олимоне, ки дар соҳаи илму фан ва техника навигариҳои бузургро дар амал татбиқ кардаанд, Мукофоти давлатии Республикаи Ўзбекистонро таъсис додааст.

Шубҳае нест, ки дар даври на он қадар тӯлонии таърихӣ Ўзбекистон низ дар бобати инкишофи илму фан ба яке аз давлатҳои тараққикардаи дунё табдил меёбад. Дар ин роҳ албатта бо баҳои аъло таҳсил намудани шумо низ аҳамияти калон касб менамояд.

### Шахсони таърихӣ ва мазмуни истилоҳҳоро дониста гиред

**Алфред Нобел** – ихтироъчии шветсиягӣ, дар дунё аввалин шуда моддаи тарканда – динамитро ихтироъ кардааст. Пеш аз маргаш аз ҳисоби бойигариаш таъсис додани мукофоти байналмилалиро васият кардааст.

**Стипендия** – пуле, ки ҳар моҳ мувофиқи тартиби ҷоришуда ба донишҷӯёни мактабҳои олӣ дода мешавад.

**Инқилоби илмию техникавӣ** – дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаи илму техника.

## АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА


1. *Каримов И.А.* «Юксак маънавият – енгилмас куч». – Т.: ХЭТН-и «O'zbekiston». 2008.

2. *Каримов И.А.* «Амир Темур – фахримиз, ғуруримиз». – Т.: ХЭТН-и «O'zbekiston». 1998.

3. Ўзбекистон Республикаси Конститутцияси. – Т.: ХЭТН-и «O'zbekiston». 2014.

4. *Иванин М.* «Икки буюк саркарда». – Т.: Нашриёти «Fan». 2000.

5. Ўзбекистон миллий энциклопедияси. – Т.: «ЎзМЭ». Ҷилдҳои 1–12. 2002–2005.

6. Ўзбек тилининг изоҳли луғати. – Т.: «ЎзМЭ». Ҷилдҳои 1–5. 2006–2007.

7. *Маҳкамов А.* Расмларда Ватан тарихи. – Т.: Нашриёти «Cho'lpon». 1996.

8. «Бола ҳуқуқлари тўғрисида»ги халқаро Конвенция. – Т.: Нашриёти «Adolat». 1991.

9. «Ўзбекистон Республикасининг давлат рамзлари тўғрисида»ги қонуни. – Т.: ХЭТН-и «O'zbekiston». 2012.

10. *Қ. Ражабов* ва бошқ. «Ўзбекистон тарихининг энг асосий саналари». – Т.: ХЭТН-и «O'zbekiston». 2012.

11. *Қ. Ражабов* ва бошқ. Жаҳон тарихининг муҳим саналари. – Т.: КСТН-и «Sharq». 2011.

## МУНДАРИЧА

Сарсухан: Бе хотираи таърихӣ оянда нахоҳад буд........................................3

**Боби I. Фанни таърих чиро меомӯзонад?**

§ 1. Сарчашмаҳои таърихӣ........................................................................7
§ 2. Аз таърихи тақвимҳо...........................................................................9
§ 3. Солшуморӣ дар таърих......................................................................12
§ 4. Таърихи харитаи дунё.........................................................................15

**Боби II. Халқҳои дунё дар замонҳои қадимтарин**

§ 5. Одамони қадимтарин ва бошишгоҳҳои онҳо........................................19
§ 6. Тарзи зиндагии одамони қадим.............................................................21
§ 7. Аз таърихи археология........................................................................25

**Боби III. Ташаккули маданияти инсонӣ**

§ 8. Суратҳои харсангҳо............................................................................28
§ 9. Хат – кашфиёти бузурги инсоният......................................................31
§ 10. «Авесто» сарчашмаи нахустини хаттии аҷдодамон...........................34
§ 11. Музейҳо..............................................................................................37

**Боби IV. Тамаддунҳои нахустин, шаҳрҳо ва давлатҳо**

§ 12. Тамаддуни нахустин дар Европа ва Америка.....................................41
§ 13. Пайдоиши шаҳрҳои қадим...................................................................45
§ 14. Давлатҳои қадими дунё.......................................................................48
§ 15. Ҳафт мӯъҷизаи дунёи қадим...............................................................51
§ 16. Давлатҳои қадим дар ҳудуди Ӯзбекистон...........................................54

**Боби V. Савдо ва алоқа**

§ 17. Тангаҳо гувоҳи таъриханд...................................................................58
§ 18. Роҳҳои савдо........................................................................................61
§ 19. Кашфи роҳҳои нави савдоии баҳрӣ.....................................................64
§ 20. Пайдоиши техникаи истеҳсолот...........................................................67
§ 21. Ихтирои воситаҳои нақлиёт..................................................................70
§ 22. Ихтирои воситаҳои алоқа.....................................................................73

## Боби VI. Инкишофи илму-фан дар Ватанамон ва дар Европа


§ 23. Мактаб – даргоҳи дониш....................78
§ 24. Алломаҳои кишварамон....................82
§ 25. Мирзо Улуғбек ва академияи он....................86
§ 26. Ободии кишвар, адабиёт ва санъат....................89
§ 27. Кашфиётҳои илму-фан дар Европа....................93
§ 28. Маърифатпарварони Туркистон....................95


## Боби VII. Қаҳрамонони муборизаи роҳи озодӣ


§ 29. Ҷасорати Томирис ва Шерак....................99
§ 30. Қаҳрамонии Спитамен....................102
§ 31. Муборизаи озодихоҳонаи халқ бар зидди арабҳо....................105
§ 32. Ҷалолиддин Мангубердӣ – қаҳрамони миллии халқамон....................108
§ 33. Соҳибқирон Амир Темур....................112
§ 34–35. Мустамликадории империяи Россия ва Шӯро....................115


## Боби VIII. Шаҳрҳои қадимтарин ва ҳамеша ҷавони Ўзбекистон, ёдгориҳои таърихии онҳо


§ 36. Шаҳрҳои қадимтарини таърихии Ўзбекистон....................120
§ 37. Пойтахти Ўзбекистон – Тошканд 2200 сола аст....................125
§ 38–39. Обидаҳои таърихию меъмории Ўзбекистон....................129


## Боби IX. Ҷангҳои ҷаҳонӣ дар таърихи инсоният


§ 40. Ҷанги якуми ҷаҳонӣ.................... 134
§ 41. Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва Туркистон....................137
§ 42. Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ....................140
§ 43. Саҳми Ўзбекистон дар таъмини ғалаба аз болои Германияи гитлерӣ....................143


## Боби X. Мубориза барои сулҳ, ҳамкорӣ дар дунё


§ 44. Созмони Милали Муттаҳид (СММ)....................148
§ 45. СММ ва бачаҳои дунё....................152


## Боби XI. Ўзбекистон дар роҳи тараққиёти мустақил


§ 46. Соҳиби истиқлол шудани Ўзбекистон....................155
§ 47. Муваффақиятҳои иқтисодии Ўзбекистон....................158
§ 48. Инкишофи маънавию маърифӣ....................162
§ 49. Ўзбекистон ва ҷаҳон....................167


## Боби XII. Халқҳои дунё дар асри XXI


§ 50–51. Таҳдид ба бехатарии дунё....................171
§ 52. Асри XXI – асри илм ва тараққиёт....................175
Адабиётҳои истифодашуда....................180

**Usmon Toshpo‘latovich JO‘RAYEV,**
**Qamar USMONOV,**
**Adham Yarashboyevich NURQULOV,**
**Gulira’no Usmonovna JO‘RAYEVA**

# TARIXDAN HIKOYALAR

***Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 5-sinfi uchun darslik***

*(Tojik tilida)*

***2-nashri***

*Тарҷумон* ***Шоқаҳҳор Салимов***
*Муҳаррир* ***Шоқаҳҳор Муҳаббатов***
*Муҳаррири бадеӣ* ***Ҷаҳонгир Бадалов***
*Муҳаррири техникӣ* ***Елена Толочко***
*Мусаҳҳеҳ* ***Пайрав Салимов***
*Ҳуруфчини компютерӣ* ***Шоқаҳҳор Салимов***

Рақами литсензияи нашриёт AI № 163. 09.11.2009. Ба чопаш 24 июни соли 2015 рухсат дода шуд. Андозаи 70×90 $^{1}/_{16}$. Гарнитураи Times TAD. Кегель 12. Бо усули офсетӣ тарҳрезӣ шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 13,45. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,8. Адади нашр 7381 нусха. Шартномаи № 43–2015. Супориши № 15–270.

Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чӯлпони Агентии матбуот ва ахбори Ӯзбекистон 100129, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.
Телефон: (371) 244-10-45. Факс (371) 244-58-55.

Агентии матбуот ва ахбори Ӯзбекистон. Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston», 100129, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30 чоп шудааст.

**Ҷӯраев, У.**
Ҷ88 Ҳикояҳо аз таърих: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 5-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / У. Ҷӯраев [ва диг.]; муҳаррирони масъул Ӯ. Мавлонов. – Т.: ХЭТН ба номи Чӯлпон, 2015. – 184 б.
ISBN 978-9943-05-741-8

**УЎК: 372.893=222.8(075)**
**КБК 63.3(5Тож)я72**

***Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда***

| Т/р | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

***Китоб ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш ҳангоми баргардонида гирифтан ҷадвали болоӣ аз тарафи раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:***

| Нав | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| **Нағз** | Муқоваааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| **Қаноатбахш** | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| **Ғайри-қаноатбахш** | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо гаштааст ё ки умуман нест, ғайриқаноат-бахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китоброр барқарор кардан мумкин нест. |